!

# Маро пайравӣ кун

## Дастурамал барои муаллим

Нашри якум, январ 2014

Тим Грин

Дар Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир бо иштироки Lulu.com нашр карда шудааст

Ҳуқуқҳои муаллиф © Tim Green 2014. Ҳамаи ҳуқуқҳо ҳифз карда шудаанд.
Дастурамалро барои истифодаи шахсӣ бемаҳдуд нашр кардан мумкин аст.

***Муроҷиат ба хонандагон***

Нашри аввалини дастурамалро дар даст доред. Ман умедворам, ки бо ёрдами тавсияҳои шумо он мукаммалтар мегардад. Лутфан, саволҳоеро, ки барои баҳогузорӣ дар саҳифаи охирини қисми А дар ин мавод оварда шудаанд, истифода бурда, пешниҳодот ва фикру мулоҳизаҳои худро ба ман фиристонед.

Ин курс бештар ба шароити таълим, шаҳодатҳо, саргузаштҳои зиндагӣ, шеърҳо ва расмҳо вобастагӣ дорад. Илтимос, барои омода кардани курсҳои оянда ҳама гуна мисолҳоро, ки барои имондорони кишвари шумо мувофиқ аст, ирсол намуда, ба мо кӯмак расонед.

Ташаккур. Тим Грин comefollowmecourse@gmail.com

Ҳамаи порчаҳо аз Навишта, агар ишора нагардидаанд, аз Китоби Муқаддас, Тарҷумаи Шарқӣ © 2003, 2009, 2013 IMB-ERTP и Biblica Inc. ® гирифта шудаанд. Ҳамаи ҳуқуқҳо дар ҳар ҷо маҳфуз дошта шудаанд.

ISBN 978-1-291-70700-7

# Лутфан, дар аввал ин маълумотро хонед

Курси *Маро пайравӣ кун* барои шахсоне омода карда шудааст, ки пайравӣ кардани Исои Масеҳро азм кардаанд. Мақсади курс – кӯмак кардан ба онҳо барои ба камол расондани имон ва мустаҳкам гардонидани мавқеи онҳо дар ҷамоати Ӯ мебошад.

Курси *Маро пайравӣ кун* аз се ҷузъиёт иборат аст:

1. Китоби дарсӣ барои омӯзиш дар хона ва тайёр шудан барои муҳокимаронӣ омода карда шудааст;
2. Ин дастурамал барои муаллим бо он мақсад омода гардидааст, ки дар вақти муҳокимаронӣ ба шумо кӯмак расонад;
3. Шумо муаллим мебошед! Китобҳо шогирдонро тарбия намекунанд! Шогирдон шогирдонро тарбия мекунанд.

Бо роҳнамоии Худо шумо метавонед ба тасвири назаррас ба ҳаёти навимондор таъсир расонед: ҳамчун маслиҳатгар, муаллим, рӯҳбаландкунанда, намунаи ибрат, шафоатхоҳ ва дӯст. *Маро пайравӣ кун* - танҳо як асбоби муфид дар кори шогирдсозӣ мебошад. Дастурамал барои муаллим барои самаранок истифода бурдани ин асбоб ҳам барои машғулияти инфиродӣ ва ҳам дар байни гуруҳ ёрдам медиҳад.

Дастурамал барои муаллим аз ду қисм иборат аст. ***Дар қисми А, лутфан, барои хондани қисми «Тарзи истифодаи курс» панҷ дақиқа ҷудо кунед.*** Ин хеле муҳим аст, чунки усули таълим ва мӯҳтавои матн ба шумо шояд нофаҳмо бошад**.** Сипас он бобҳои қисми А-ро интихоб кунед, ки шумо ба он эҳтиёҷ доред.

***Қисми Б қадам ба қадам шуморо барои ҳар як дарс роҳнамоӣ мекунад.*** Дари ин ҷо шумо бисёр тафсилотро пайдо мекунед, ки барои ду намуди муаллимони имондор ёрдам медиҳанд: ба онҳое, ки аз дини ислом бехабаранд ва ба онҳое, ки таҷрибаи пайдо намудани саволҳоро дар вақти муҳокимаронӣ надоранд. Агар ин ду ҷиҳат ба шумо аллакай ошно аст, пас шумо он қадар ба роҳнамоии муфассали дарсҳо эҳтиёҷ надоред. Ба ҳар сурат, онҳоро ҳамчун сарчашмаи мураттаб гардонидани саволҳо барои муҳокимаронӣ истифода баред.

Ба ҳар ҳол, лутфан, боварӣ ҳосил кунед, ки шумо бо шогирд саволҳоро барои омӯзиши мустақилона бо ишораи “барои муҳокимаронӣ” ё “ҷавоби шахсӣ” баррасӣ мекунед.

Донише, ки танҳо дар сатҳи тафаккур боқӣ мемонад, кифоя набуда, ин курс ба имондорон барои дар се зина дигар шудан ёрӣ мерасонад:

- «тафаккур» – таъғирёбии ҷаҳонбинӣ дар асоси Каломи Худо.
- «қалб» – ламс кардани қабатҳои эҳсосот, ҳадафҳо ва ҳолати қалб;
- «дастҳо» - истифода дар амал - иҷрои супоришҳои амалӣ аз тарафи шогирдон ҳар ҳафта.

Ташаккур! Тим Грин comefollowmecourse@gmail.com

# Мундариҷа

## Қисми А: Нишондодҳои умумӣ


| Қисмҳо | Саҳ. |
|---|---|
| Тарзи истифодаи курс | 6 |
| Нақши шумо ҳамчун муаллим | 8 |
| Тарзи гузаронидани ҳар як машғулият | 9 |
| Гузаронидани муҳокимарониҳо дар гурӯҳ | 12 |
| Тарзи таълими имондорон дар муҳити шумо | 13 |
| Истилоҳот ва масъалаҳои фарҳангӣ | 15 |
| Саволҳои маъмулӣ | 16 |
| Фикру мулоҳизаҳои дархостшаванда | 15 |


## Қисми Б: Роҳнамоӣ ба дарсҳо


| | Дарсҳо | Саҳ. |
|---|---|---|
| | Вохӯрии муқаддимавӣ | 17 |
| 1 | Пайравӣ кардани Масеҳ | 21 |
| 2 | Ҳаёти нав дар Масеҳ | 27 |
| 3 | Худо Падар | 33 |
| 4 | Итоат ба Масеҳ бо қуввати Рӯҳи Ӯ | 38 |
| 5 | Сӯҳбат бо Худо | 45 |
| 6 | Каломи Худо барои мо | 51 |
| 7 | Аъзоёни ҷамоати Масеҳ | 57 |
| 8 | Аъзоёни ду ҷамоат | 64 |
| 9 | Сабабҳои таъқибот | 68 |
| 10 | Чӣ тавр мо бояд нисбат ба дашномҳо ва таъқибот рафтор кунем? | 73 |
| 11 | Зан ва шавҳар | 79 |
| 12 | Бартараф кардани муноқишаҳо | 86 |
| 13 | Шаҳодат | 93 |
| 14 | Маросими таъмид бо об | 100 |
| 15 | Роҳи рост | 105 |
| 16 | Шариати муҳаббат | 112 |
| 17 | Рӯзадорӣ ва ушру ионат | 118 |
| 18 | Толеъ ва сеҳру ҷоду | 125 |
| 19 | Хидмат ба якдигар | 133 |
| 20 | Сафари мо ба осмон | 139 |
| | Замима: Аз ёд кардани оятҳое, ки дар ин курс истифода бурда шудаанд | 145 |

# Қисми А:

# Нишондодҳои умумӣ

# Тарзи истифодаи ин курс

*Илтимос, ҳатман ин бобро мутолиа намоед*

## Барои кӣ ва барои чӣ ин курс омода карда шудааст?

Ин курс барои *пайравони Масеҳ* ва ё шахсоне, ки пайравӣ кардани Ӯро азм кардаанд, омода карда шудааст. Курси мазкур барои гузоштани қадамҳои аввалин дар пайравӣ кардани Масеҳ ба онҳо ёрӣ мерасонад. Ин курси таълимӣ ба имондорони таҷрибадор низ фоиданок аст, чунки онҳо ҳангоми машғулиятҳо доир ба масъалаҳое, ки ба маданияту фарҳанг алоқаманд мебошанд, фикрронӣ намуда, онҳоро бо дигарон муҳокима мекунанд.

## Усули таълим чӣ гуна аст?

Ин курсро танҳо бо тарзи омӯзиши мустақилона аз худ кардан мумкин нест. Он барои бо тариқи сӯҳбат омӯхтан омода карда шудааст. Курси пешниҳодшуда ба шогирд (-он) ҳар ҳафта имкон медиҳад, ки:

1. якум, *аз китоби дарсӣ мустақилона* дар хона дониш *андӯзанд*;
2. дуввум, *бо шумо* (*ва, ба қадри имкон, бо дигарон*) дар вақти муҳокимаронӣ, одатан дар як ҳафта як бор *якҷоя амал намоянд*;
3. сеюм, *таълимотро мутобиқ* ба ҳаёти рӯзмарраи худ *дар амал* истифода баранд;

Муфассалтар:

- Марҳилаи *«азхудкунӣ дар хона»* на хониши беҳавсаларо, балки омӯзиши фаъолонаро дар бар мегирад. Бинобар ин аз шогирдон талаб карда мешавад, ки супоришҳоеро, ки баъди ҳар як қисми на он қадар калони дарс муайян шудааст, иҷро кунанд:
  - Баъзе саволҳо ба шогирдон ёрӣ мерасонад, ки чизҳои дар айни ҳол аз худ кардаашонро дар хотир нигоҳ доранд;
  - Баъзе саволҳо ба онҳо барои *фаҳмидан* ва *истифода бурдани* таълимот дар зиндагии худ ёрӣ мерасонанд;
  - Баъзе саволҳо ба онҳо барои тафаккур кардан доир ба ҳолати қалби онҳо ва сӯҳбат кардан бо Худо ёрдам медиҳад;
  - Баъзе саволҳо дар вақти муҳокимаронӣ ба шогирдон ёрӣ мерасонад, то ки онҳо барои тақсим кардани таҷрибаи имони худ тайёр бошанд;
  - Ҳамчунин расмҳо ва мисолҳо ба шогирдон ёрӣ медиҳад, ки Каломи Худоро бо таҷрибаи зиндагӣ *пайванд* созанд.

- *Марҳилаи муҳокимаронӣ* дарсро шавқовар ва зинда мегардонад. Шогирдон фикру ақидаи худро иброз менамоянд ва суханони дигаронро гӯш мекунанд. Ин барои дигар кардани ҳолати кӯҳнаи қалб ва пайдо намудани орзуву мақсадҳои нав ёрӣ мерасонад.

- *Марҳалаи «Супориши амалӣ»* ба шогирдон имконият медиҳад, ки супориши муайяншударо то вохӯрии оянда иҷро кунанд. Бо ин тарз дарс на фақат ҳамчун маводи назариявӣ боқӣ мемонад, балки ба як қисми ҳаёти шумо табдил меёбад,

## Омӯзиши ин курс фақат бо як нафар ё дар гурӯҳҳо ба амал баровindepend мешавад?

Ин курс дар ҳар ду ҳолат омӯзонида мешавад ва ин ҳар ду намуд камбудию афзалиятҳои худро доранд. Вобаста ба он ки дар омӯзиши курс кӣ ширкат мекунад, вазъияту ҳолат шуморо роҳнамоӣ мекунад. Агар имконият мавҷуд бошад, пас гурӯҳи хурдеро ташкил кунед, ин муносибати онҳоро бо ҳамдигар мустаҳкам гардонида, барои андӯхтани таҷриба дар гузаронидани муҳокимаронӣ ба онҳо ёрӣ мерасонад. Машғулиятҳои инфиродӣ низ муҳим мебошанд. Вале муҳокимаронӣ ҳангоми омӯзиши як ба як танҳо як равиш дошта метавонад, чунон ки шумо савол медиҳед ва шогирд ҷавоб

мегардонад; бинобар ин кӯшиш кунед, ки таҷрибаи бойтар дошта бошед, то ки бо ин тарз ҳар ду ҳам аз Навиштаҳо ва ҳам аз якдигар таълим гиред.

Дар ин Дастурамал одатан калимаи «шогирд» истифода бурда мешавад, ки як ё якчанд нафар шогирдонро мефаҳмонад. Ҳама гуна саволҳоеро, ки барои муҳокимаронӣ фароҳам оварда шудаанд, барои ҳамаи аъзоёни гурӯҳҳо ва ё шахсони алоҳида истифода бурдан мумкин аст, гарчанде ки баъзе машқҳо иштироки тамоми аъзоёни гурӯҳро талаб мекунад.

## Оё зарур аст, ки ҳамаи бист машғулият дар ҳудуди як давраи муайяни вақт гузаронида шавад?

Зарур нест. Бист ҳафтаи бе танаффус хеле вақти зиёд аст! Бинобар ин шумо метавонед онро ба ду қисм бо танаффусаш дар мобайн тақсим кунед, ё ки дарсҳои ба шогирдон мувофиқро интихоб намоед.

## Усул ва вақти муҳокимаронӣ чӣ гуна бояд бошад?

Ягон хел маҳдудияти вақт ё усули муайян мавҷуд нест. Шумо бо назардошти худ онро дигар карда метавонед, вале вақти муҳокимаронӣ, ҳадди ақал, бояд яку ним соат давом кунад ( дар якҷоягӣ бо вақти чойнӯшӣ):

- Чойнӯшӣ ва сӯҳбат (дар аввал ё охири дарс)
- Дуои кушоиш
- Шарҳи супориши амалии ҳафтаи гузашта
- Шарҳи супориши хонагии ҳамин ҳафта
- Саволҳои интихобшударо аз дарси ҷорӣ муҳокима кунед
- Порчаро аз Навиштаи Муқаддас муҳокима кунед
- Баъзан шумо видео нишон дода ё машқ гузаронида метавонед
- Оятеро, ки барои аз ёд кардан дода шудааст, такрор кунед
- Машғулиятро бо дуо ба анҷом расонед, мӯҳтоҷиҳои шахсиро дар дуо зикр кунед

Дар вақти муҳокимаронӣ ҳамаи маводи китоби дарсиро гузаштан лозим нест. Ин шахсро хаста мегардонад. Боз ба замми ин шогирдонро лозим аст, ки пеш аз омадан ба муҳокимаронӣ аллакай барои гузаронидани дарси ҷорӣ машғул шаванд, бинобар ин ба шарҳу тафсили тамоми дарс машғул шудан зарурияте нест. Ҳамчунин бисёр таълимоти наверо дар шакли мавъиза илова кардан лозим нест. Ба ҷои он ба чиҳатҳои амалии муҳокимаронӣ аҳамият диҳед ва барои дигар кардани ҳаёти шогирдон мусоидат кунед.

## Оё ин курс дар асоси Каломи Худо тартиб дода шудааст?

Бале, ин курс дар асоси он боварӣ тартиб дода шудааст, ки Навиштаи Муқаддас Каломи Худо мебошад ва мо, пайравони Масеҳ (ҳам шогирдон ва ҳам муаллимон), бояд онро фаҳмем ва ба он итоат кунем. Курси *Маро пайравӣ кун* дар асоси Номаи якуми Петрус тартиб дода шудааст. Ин Нома аввалан ба пайравони навимони Масеҳ, ки дар шароити душвор умр ба сар мебурданд, ирсол карда шуда буд.

Омӯзиши индуктивии 1 Петрус, ки аз боби аввал то охир пай дар пай истифода бурда шудааст (вале на ҳама оятҳо дохил карда шудааст), асоси ин курсро дар бар мегирад. Ба ин асос такя карда истода, бист мавзӯи муҳим ва ба шогирдон мувофиқ тартиб дода шудааст. Ин мавзӯъҳо таълимоти мувофиқро аз дигар қисмҳои Навиштаи Муқаддас дар бар мегиранд.

Дар ҳар як дарс оятеро, ки мазмуни асосии дарсро мефаҳмонад, барои аз ёд кардан дода мешавад Ин оятҳо аз 1 Петрус ё дигар китобҳо гирифта ва барои осонтар кардан ба шумо дар Замимаи ин дастурамали муаллим ҷамъ оварда шудаанд. Барои осонтар аз ёд кардан оятҳои кӯтоҳ ё порчаҳои хурде аз оятҳои дароз интихоб карда шудаанд.

### Барои чӣ ин курс ба назар чунин содда метобад?

Аз аввал ин курс барои он муҳит тартиб дода шуда буд, ки дар он на ҳама имконияти гирифтани маълумоти олӣ доранд. Бинобар ин дар он матни барои фаҳмидан осон бо мисолҳо ва расмҳои мушаххас истифода шудаанд. Вале ин чунин маъно надорад, ки ақидаҳои дар он пешниҳодшуда содда мебошанд. Омӯзиши мустақилонаи дарсҳо барои пурмаҳсул гузаронидани вақти муҳокимаронӣ, барои фикррониии амиқ, таъғирёбии ҷаҳонбинӣ ва шогирдсозии амалӣ аҳамияти калон дорад. Мисолҳои мушаххас бар хилофи хулосаҳои абстрактӣ муҳокимаронӣ ва татбиқи амалии онро осон мегардонанд. Ҳамчунин шахси таълимгиранда ба воситаи ин курс барои таълим додани дигарон дорои асбоби мувофиқе мегардад. Бо ҳамин тариқ кори шогирдсозӣ осонтар гашта метавонад.

### Барои чӣ дастурамали пешниҳодшуда шарҳи муфассали ҷузъиётро дар бар мегирад?

Даструамал барои расондани кӯмаки амалӣ ба муаллимон тартиб дода шудааст. Баъзеҳо барои ташкил додани саволҳо ба ёрдами бештаре ниёзманд мебошанд, дигарон барои кӯмак ба шарҳу тафсили масъалаҳои фарҳангӣ эҳтиёҷ доранд. Ҳамчунин дар он ҷавобҳои эҳтимолӣ ба саволҳои мусоҳибавӣ пешниҳод карда мешаванд. Муаллимони ботаҷриба ба ин эҳтиёҷ надоранд, вале ҳамаи ин ба дастурамамл даровarда шудаанд., то ки чизи ба худатон мувофиқро интихоб карда тавонед.

Агар барои ҳар ҳафта барои муҳокимаронӣ аз ҳад зиёд саволҳо пешниҳод карда шуда бошад, пас онҳояшро интихоб кунед, ки ба шогирдони шумо мувофиқ аст. Лекин бо вуҷуди ин, дар вақти муҳокимаронӣ он саволҳоеро дохил кунед, ки боибораи “барои муҳокимаронӣ” ё “ҷавоби шахсӣ” ишора гардидаанд.

### Оё лозим аст, ки ҳар як шогирд китоби дарсии худро дошта бошад?

Бале, ҳамчунин шуморо низ лозим аст, ки китоби дарсии худро дошта бошед.

## Нақши шумо ҳамчун муаллим

### Курс - муаллим



То ба як дараҷа, шумо муаллим намебошед. Чунки худи курс таълимро дар шакли осон пешниҳод мекунад. Дар ин ҷо саволҳо дода шуда, ва ҳатто дар охири ҳар як дарс ҷавоби онҳо пешниҳод карда шудаанд. Расми “муаллим” шогирдонро дар бораи ҷиҳатҳои муҳими дарс ёдрас мекунад. Ҳамин тариқ, вазифаи шумо осонтар мегардад, чунки ба шумо лозим нест, ки дарсҳоро кор карда бароед. Вақти муҳокимарониро барои мавъиза кардан истифода набаред, балки ба шогирдон барои фаҳмидан ва истифода бурдани таълимеро, ки дар китоби дарсӣ аллакай пешниҳод карда шудааст, ёрӣ расонед.

### Шумо муаллим ва дӯст мебошед

Шогирдон шуморо муаллими худ меҳисобанд. Шумо ба онҳо намунаи ибрат, маслиҳатгар ва дӯст мебошед. Онҳо бо диққат шуморо мушоҳида мекунанд. Мисоли шумо аз дониши шумо дида хеле муҳимтар аст. Чӣ тавре ки як имондор гуфтааст: *«Вақте ки ба ман омӯзондани Навиштаи муқаддасро хоҳиш кардам... ман фаҳмидам, ки он шахсеро меомӯхтам, ки маро таълим медод»*.

Дар ёд дошта бошед, ки шумо бо шогирдони калонсол машғул мешавед, на бо бачаҳои хурдсол. Онҳо дорои таҷрибаи бештари зиндагӣ мебошанд ва аъзоёни дигари гурӯҳ аз онҳо ёд гирифта метавонанд. Бинобар ин дар вақти муҳокимаронӣ ба онҳо саволҳои бештар диҳед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки оиди таҷриба ва фаҳмиши худ ба дигарон гап зананд. Ба онҳо ёрӣ расонед, ки мустақилона фикр кунанд. Аз назар гузаронед, ки оё онҳо «супориши амалиро» ҳар ҳафта иҷро мекунанд ё не. Ба онҳо намунаи ибрат бошед. Ба онҳо ғамхорӣ кунед. Дар бораи онҳо дуо кунед.

Дар ғаму шодӣ ба онҳо шарик бошед. Агар ба мушкилие дучор шаванд, ёрӣ расонед, то ки бо сарбаландӣ мушкилиҳоро паси сар кунанд.
Бо дӯстони худ дар ҳолати ғайрирасмӣ берун аз вохӯриҳои ҳарҳафтаина вохӯрӣ ташкил кунед. Онҳоро ба хӯроки нисфирӯзӣ даъват кунед ё вақти хуш гузаронед. Дар якҷоягӣ бо корҳои оддӣ машғул шавед. Шумо ҳайрон мешавед, ки онҳо рафтору кирдор, хулқу атвор, ҳаёти оилавӣ, сабру тоқати шуморо дар ҳолатҳои мушкил дида ва дигаронро рӯҳбаланд карда тавонистани шуморо мушоҳида карда, чӣ қадар аз шумо ёд гирифта метавонанд.

### Шогирдон шогирдонро пайдо мекунанд

Китоби дарсии ин курс шогирд пайдо карда наметавонад. Танҳо шогирдон шогирдонро пайдо карда метавонанд. Барои ҳамчун шогирди Масеҳ сабзидани шумо касе ёрӣ расонид. Акнун навбати шумо аст, то ки шахси дигареро ҳамчун шогирди Масеҳ ба камол расонед. Дар замони мо аз пештара дида, зиёдтар одамон ба Исои Масеҳ бовар карда истодаанд. Вале башоратдиҳӣ бе шогирдсозӣ ҳосили кам медиҳад. Бигзор Худо шуморо ҳамчун ҳамкори Худ истифода барад, то ки шумо ҳосили фаровонеро дар ҳаёт ва оилаи онҳое, ки пайравӣ кардани Исои Масеҳро азм кардаанд, бубинед.

## Тарзи гузаронидани ҳар як машғулият

### Пеш аз ҳар як вохӯрӣ

1. Ҳадди ақал ду рӯз пеш аз машғулият чунон ба дарс тайёр шавед, ки гӯё худи шумо шогирд мебошед. Ба ҳамаи саволҳо ҷавоб нависед. Тайёриро содда накунед.

2. Сипас «Мақсади» дарсро хонед. Мақсадҳои пешниҳодшуда дар аввали ҳар як дарс дар ин Дастурамали муаллим навишта шудаанд. Мисол, ана мақсади дарси 9 чӣ гуна аст:

**МАҚСАДИ ДАРСИ 9**

**Ҳар як иштирокчӣ бояд:**

а. Боварӣ дошта бошад, ки ҳеҷ чиз моро аз муҳаббати Худо ҷудо карда наметавонад

б. Фаҳмад, ки таъқиботҳо ногузиранд, вале онҳоро Худо ба нафъи мо истифода мебарад

в. Бо хирад амал кунад, то ки ба таъқиботҳои нолозим дучор нашавад

г. 1 Петрус 2:21-ро аз ёд кунад

Ҳамаи ин мақсадҳо бо он алоқаманданд, ки иштирокдорон бояд дар давоми ҳафта иҷро кунанд:

- «боварӣ доштан» - ин *муносибат* аст.
- «фаҳмидан» - ҷанбаи *дониш*;
- «хирадмандона амал намудан» - *малакае, ки* онҳо бояд барои ба амал татбиқ намудани он сар кунанд;
- «аз ёд кардан» - усули хуб барои дохил кардани Каломи Худо дар қалби онҳо.

3. Нишондодҳоро барои ин дарс хонед. Дар ин ҷо нишондодҳои алоҳида оварда шудаанд, ки ба шумо қадам ба қадам ёрӣ мерасонанд. Барои муҳокимаронӣ он саволҳоеро интихоб кунед, ки ба шогирдони шумо мувофиқанд. Баъдтар, бо таҷрибаи зиёд, шумо метавонед дар вобастагӣ бо мӯҳтоҷиҳои иштирокдорон ва мақсади дарс саволҳои худро барои муҳокимаронӣ тартиб диҳед.

4. Ва дар охир, барои ҳар як аъзои гурӯҳ дуо кунед. Аз Худо хоҳиш кунед, ки шуморо маслиҳатгари хуб гардонад.

## Ҳангоми ҳар як вохӯрӣ

1. Одамони омада истодаро бо салом пешвоз гиред. Агар хоҳиш дошта бошед, онҳоро ба чой нӯшидан таклиф кунед.

2. Мутобиқи чаҳорчӯбаи нишондодҳое, ки барои сар кардани вохӯрӣ муайян карда шудаанд, амал намоед. Барои мисол, диққат кунед ба қадамҳои аввали дарси 9:

### ДАР ОҒОЗИ ВОХӮРӢ

***БО ДУО САР КУНЕД***

***СУПОРИШИ АМАЛИИ ҲАФТАИ ГУЗАШТА***

- Бигӯед: «Супориши амалии дарси ҳаштум оид ба хидмати мо ба атрофиёни мо, шахси мӯҳтоҷ ё одами мансабдор бахшида шудааст. Оё супоришро иҷро кардед, ва он шахс ба он чӣ гуна аксуламале нишон дод?» *[Дар бораи ин ҳар як иштирокдорро бо навбат пурсед. Агар одаме, ки ба вай хидмат кардед, миннатдор шуд, пас ин хуб аст. Вале ҳатто агар чунин нест, ҳеҷ гап не, чунки мо ба хотири Масеҳ ба онҳо хидмат мекунем]*

***МАВЗӮИ ИМРӮЗА***

- Бигӯед: «Мавзӯи имрӯза – таъқибот, ин мавзӯи хеле мураккаб аст. Эҳтимол, муҳокимаронии мо касеро аз эҳсоси дард ба гиря кардан водор мекунад. Вале Парвардигор таъқиботро ба нафъи мо истифода мебарад, ва Ӯ дар вақти муҳокима кардани ин мавзӯъ метавонад дарди моро шифо диҳад».

***ШАРҲИ ДАРС***

- Якҷоя Шарҳи дарси 9-ро кушоед. Пурсед, ки шогирдон аз рӯи саволҳои зерин чӣ навиштанд:
  *Саволи 1:* «ба шумо намунаи ибрат боқӣ гузошт, то ки аз паи Ӯ равона шавед». (1 Петрус 2:21).
  *Савол 2:* 1) Ҷаҳон, нафрат мекунад; 2) Худо, таъқибот; 3) нодонӣ рафтор мекунем; 4) қадамҳои Масеҳ

(Эзоҳ: Лутфан, албатта аз назар гузаронед, ки оё шогирдон Супориши амалии ҳафтаи гузаштаро иҷро карданд ё не. Ин ба онҳо нишон медиҳад, ки курси додашуда на танҳо барои фаҳмидани ҳақиқатҳои рӯҳонӣ, балки ҳамчунин барои дар амал татбиқ намудани онҳо омода карда шудааст. Ин ба шумо нишон медиҳад, ки то чӣ андоза онҳо дар шогирдӣ пешрафт мекунанд, ва дар чӣ онҳо то ҳол мушкилӣ мекашанд.)

3. Акнун, саволҳои пешакӣ аниқ кардаатонро истифода бурда, муҳокимаронӣ кунед. Агар вақти кам дошта бошед, пас, ҳадди ақал, саволҳоеро диҳед, ки бо ишораи “барои муҳокимаронӣ” ё “ҷавоби шахсӣ” дар китоби дарсӣ мавҷуд мебошанд. Агар барои гузаронидани муҳокимаронӣ таҷрибаи кофӣ надошта бошед, пас нишондоди “Гузаронидани муҳокимаронӣ дар гурӯҳ”-ро хонед.

4. Шумо, ҳамчун муаллим, набояд аз ҳад зиёд гап занед. Ба ҷои ин, ба шогирдон имконият диҳед, ки фикрашонро баён намоянд. Бинобар ин , вақте ки сатрро хондан лозим мешавад, беҳтараш шогирд онро бо овози шунаво хонад, на шумо.

5. Дар дарси 1-5 баъзе машқҳои таълимӣ ҷой дода шудаанд.

6. Дар охир, мутобиқи чаҳорчӯбаи нишондодҳое, ки барои анҷом додани вохӯрӣ пешниҳод карда шудаанд, амал намоед. Барои мисол, диққат диҳед ба чаҳорчӯбае, ки дар охири дарси 9 ҷой дода шудааст.

## ДАР АНҶОМИ ВОХӮРӢ

***ПУРСЕД:***

- «Ин дарс ба ҳаёти шумо чӣ гуна дигаргуниҳо меорад?»

*[Ҳар як иштирокчӣ ва шумо бояд фикри худро баён кунед.]*

Супориши Амалии дарси 9-ро ***ХОНЕД.***

***ГӮЕД:***

- «Ҳар рӯз, оятро аз ёд карда истода, онро якчанд бор оҳиста хонед. Аз Рӯҳулқудс барои фаҳмидани оят ёрӣ талаб кунед, ки он чӣ тавр шуморо дар вақти таъқибот тасаллӣ дода метавонад». «Ҳамчунин дар хона мустақилона дарси даҳумро хонед».

***БО ДУО БА АНҶОМ РАСОНЕД***

- Хоҳиш кунед, ки чанд нафар аз аъзоёни гурӯҳ кӯтоҳ дуо кунанд, Худоро барои ваъдаҳои наҷибаш дар вақти таъқибот шукр гӯед. Дар ҳаққи касоне, ки дар кишвари шумо ва мамлакатҳои дигар гирифтори таъқибот мебошанд, дуо кунед.

### Пас аз вохӯрӣ

1. Агар гурӯҳи шумо барои иҷро кардани тестҳо ё барои иштирок баҳо гиранд, онро қайд намоед.

2. Таҳлил кунед, оё шумо муҳокимарониро хуб гузарондед ё не. Ба худ ин чор саволро диҳед:

- «Оё ман бисёр сухан гуфтам?»
- « Оё ҳамаи аъзоёни гурӯҳ, аз ҷумла ҳам камгапҳо ва шармгинҳо, дар муҳокимаронӣ иштирок карданд?»
- «Оё саволҳои ман фаҳмо ва барои пурсамар гузаронидани муҳокимаронӣ фоидаовар буданд?»

- «Оё мақсади ин вохӯри амалӣ шуд, ва оё ин вохӯри ба ҳаёти мо таъсири воқеӣ расонид?»

Хулоса бароред ва баҳри мукаммал сохтани ҷиҳатҳои сусти малакаи худ барои вохӯрии оянда кӯшиш кунед.

3. Дар давоми ҳафта барои шогирдон дуо гуфтанро давом диҳед.

# Гузаронидани муҳокимаронӣ дар гурӯҳ

*Агар шумо барои гузаронидани муҳокимаронӣ таҷрибаи кифоя надошта бошед, ин нишондодҳо ба шумо ёрдам мерасонанд.*

- Аз ҳад зиёд сухан нагӯед! Шумо бояд савол диҳед, на ин ки лексия хонед. Калонсолон бо чунин усул таълим гирифтан мехоҳанд ва ба онҳо чунин тарзи омӯзиш бештар маъқул аст. Саволҳои хуб бояд:
    - барои фаҳмидан осон бошад
    - ба дарс алоқаманд бошад
    - Барои муҳокимаронӣ қулай бошад (на ин ки фақат бо «ҳа» ё «не» гуфтан тамом шавад)
- Барои иштироки фаъолонаи ҳамаи аъзоёни гурӯҳ имкон диҳед. Аз аъзоёни сергап хоҳиш кунед, ки аз ҳад зиёд гап назананд. Ба шармгинҳо саволҳои осон дода, барои ба мубоҳиса ҳамроҳ шуданашон ёрӣ диҳед (ва нагузоред, ки дигарон ба ҷои онҳо ҷавоб диҳанд).
- Агар иштирокдорон саволро фаҳмидан натавонанд, ҷавобашро худатон нагӯед, балки саволро бо тарзи дигар диҳед.
- Нагузоред, ки дар вақти муқокимаронӣ аз мавзӯи асосӣ берун раванд.
- Агар иштирокдор «нодуруст» ҷавоб гардонад ё дуруст муҳокима наронад, ӯро – «Шумо хато кардед»- гуфта, хиҷолат насозед. Ба ҷои он аз шахси дигар хоҳиш кунед, ки фикрашро баён кунад. Ё ин ки - «Барои фикратон ташаккури зиёд, лекин ба ҳар ҳол оё шумо ин ҷиҳаташро ҳам ба ҳисоб гирифтед?» - гуфта метавонед.
- Ба ҷиҳатҳои амалии ҳар як дарс диққат кунед, то ки ҳар як нафар аз дарс барои зиндагии худ хулосаи даркорӣ бароварда тавонад.
- Ба иштирокдорон иҷозат диҳед, ки ба шумо саволҳо дода тавонанд. Агар шумо ҷавобашро надонед, гӯед, ки ҷавобашро пайдо карда, дар вохӯрии оянда ба онҳо хоҳед гуфт. Онҳо барои чунин ҷавоб шуморо бештар ҳурмат хоҳанд кард, назар ба он ки шумо чунин вонамуд кунед, ки ҷавобро ба ин савол медонед. Боварӣ ҳосил кунед, ки дар вохӯрии оянда ба савол ҷавоб дода, шумо ин ваъдаи худро иҷро кардед.
- Вақте ки ягон оят ё порчаеро аз китоби дарсӣ хондан лозим мешавад, аз ягон аъзои гурӯҳ хоҳиш кунед, ки чунин кунад. Бо ин роҳ барои иштироки фаъолона онҳо метавонанд имконияти бештаре дошта бошанд. Ин ҳамчунин барои ба муҳокимаронӣ ҷалб кардани шармгинон илоҷи хубест.

# Таълим додан ба имондорон

*Агар шумо барои таълим додани имондороне, ки дар муҳити мусулмонӣ зиндагӣ мекунанд, таҷрибаи кам доред, пас, лутфан, сатрҳои зеринро хонед.*

Исои Масеҳ моро даъват кардааст, ки тамоми халқҳоро шогирд созем. Дар ҳама маданиятҳо ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфӣ мавҷуд мебошанд. Мо ҳама, новобаста ба он ки аз Ғарб ҳастем ё аз Шарқ, бояд ба Каломи Худо иҷозат диҳем, ки ба ҷиҳатҳои торики маданияти мо нур пошад. Мисол, кадоме аз рӯи Китоби Муқаддас мебошад – либоси шарқи ё ғарбӣ пӯшидан? Бо кафи даст хӯрдан ё бо сихаку корд? Дастҳоро бо ҳам гузошта ё ба боло бардошта дуо кардан? Фақат дар бораи оилаи худ ғамхорӣ кардан ё ба хешу ақрабо низ аҳамият додан? Тарзи ҳаёти алоҳидаро қабул доштан ё дар байни ҷамоат будан? Худованд бо вуҷуди чунин расму одатҳо рангорангии фарҳангиро қабул дорад.

Вале Каломи Худо он ҷиҳатҳои маданиятро, ки бо воситаи табиати гуноҳкоронаи инсон фосид шудаанд, маҳкум мекунад. Шогирдсозӣ чунин маъно дорад, ки инсон шарафмандиро аз шараф боло донистанро меомӯзад, касонеро, ки ӯро озор медиҳанд, мебахшад, нисбат ба ҷинси латиф эҳтиёткорона рафтор мекунад, Худованд дар ҳама чиз аз ҳама аввал медонад ва ғ. Инҳо ва мушкилоти дигар аз омезиши муҳити баромади шахс бо маданият пайдо мешаванд. Шумо чӣ тавр фаҳмида метавонед, ки шогирдони шумо чӣ гуна мушкилиҳо доранд? Бо онҳо вақт гузаронида, сӯҳбат карда, дар ҳаққи онҳо дуо карда, шумо метавонед аз аҳволи онҳо бохабар бошед. Дар бораи аслу насаб ва ҳаёти оилавии онҳо саволҳо диҳед. Дар ёд дошта бошед, ки одамон гуногун мешаванд. Бинобар ин саволҳои бештар диҳед, то онҳоро беҳтар шиносед.

Баъзе маданиятҳо хеле монанд мебошанд. Лекин дар хотир дошта бошед, ки фарқиятҳо ҳам доранд. Қирғизҳо, уйғурҳо, қазоқҳо, тоҷикҳо як хел нестанд. Ҳатто дар дохили ин маданиятҳо байни гурӯҳҳои этникӣ ё табақаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ фарқиятҳо мавҷуд мебошанд. Бинобар ин аз дӯстонатон дар бораи асли баромади онҳо фаҳмед: дар ин маданият чӣ ба онҳо маъқул асту чӣ не. Баъзан онҳо баъди қабул кардани Масеҳ маданияту фарҳанги халқи худро рад мекунанд. Аммо тафаккури солим ёрдам медиҳад, ки баъзе ҷиҳатҳои маданияти кӯҳнаи онҳо аз таъсири маданияти нав танг карда бароварда нашавад, балки ҳамоҳангӣ ёбад.

Ҳамчунин дар бораи он маълумот пайдо кунед, ки гурӯҳи этникии онҳо пас аз қабул кардани Исои Масеҳ бо кадом мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешаванд. Ана баъзе мушкилиҳое, ки баъд аз қабул кардани Масеҳ онҳо рӯ ба рӯ мешаванд:

- Баъзан дар зери фишори сахт онҳо аз хона баромада мераванд, оила ва фарҳанги худро тарк мекунанд. Ин шахсро *ба эҳсоси танҳоию рӯҳафтодагии шадид ва ҳисси маҳрум шудан аз айнияти худ* оварда мерасонад.
- Таъқиботи сахт аз тарафи аъзоёни оила. Ин ба эҳсоси шадиди *рад шудан* оварда мерасонад.
- *Таҳқир шудан* аз тарафи муҳити пештара.
- *Набудани сохтори* имон ба Масеҳ. Ҳоло дар муқоиса бо муҳити пештара сохтори аниқи имон мавҷуд нест, ки онро пайравӣ бояд кунанд.
- *Набудани умумият* дар байни пайравони Масеҳ, дар муқоиса бо он, ки пештар одат кардаанд.

Аз сабаби чунин мушкилот курси *Маро пайравӣ кун* дар асоси Номаи якуми Петрус, бо назардошти махсус ба масъалаи айният кор карда бароварда шудааст. Курс таълим медиҳад, ки мо «халқи интихобшудаи Худо» мебошем, Худо моро азиз медорад ва моён бо якдигар бо риштаи муҳаббати Масеҳ пайванд мебошем.

Баъзан имондорон дар кишварҳое зиндагӣ мекунанд, ки фишор аз ватани аслии онҳо дида камтар аст. Лекин ба ҳар ҳол онҳо бо мушкилиҳои дигар рӯ ба рӯ мешаванд, махсусан онҳое, ки агар ба қарибӣ ба кишвари дигар барои дарёфти ҷои кор ё барои зиндагӣ омадаанд. Ин мушкилот ба тариқи зайл буда метавонанд:

- Чӣ тавр «интихоби озод»-ро истифода бурда, қарорҳои хирадмандона қабул кардан;
- Чӣ тавр пулро оқилона истифода бурдан;
- Чӣ тавр ба маданият ва муҳити нав мутобиқ гардидан;
- Чӣ тавр ба ҷинси латиф муносибат кардан;;
- Чӣ тавр бо расмиятпарастӣ, ҳуҷҷатнигорӣ, ҷараёни дарёфти паноҳгоҳ ва ҷои кор босаброна тоб овардан;
- Чӣ тавр ҷузъиётҳои гуногуни айнияти онҳоро ҳамоҳанг сохтан.

Фаҳмидани саргузашти одамон калиди муваффақият дар ин курс мебошад. Ин ба шумо, ҳамчун муаллим, имконият медиҳад, ки ғаму шодие, ки онҳо дар роҳи имон ба Исо доранд, эҳсос карда тавонед. Ин ҳамчунин ба шумо ёрдам медиҳад, ки маводи курсро бо ҳаёти шогирдоне, ки шумо таълим медиҳед, алоқаманд созед. Ғайр аз ин шумо фаҳмида метавонед, ки барои чӣ ин мавод маҳз ҳамин мавзӯъҳоро дар бар мегирад ва  ба мавзӯи таъқибот, ки дар курсҳои дигари шогирдсозӣ ба он аҳамият дода намешавад,  нигаронида шудааст. Якҷоя нишаста хӯрок хӯрдан ва чойнӯшӣ кардан пеш аз муҳокимаронӣ ё пас аз он муносибатҳои дӯстона ва боввариро ба якдигар мустаҳкам сохта, барои саргузашти худро кушоду равшан баён кардан ба шогирдон  ёрӣ мерасонад.

Хулоса, ҳама чиз ба ғамхорӣ асос ёфтааст. Муҳаббат қуввати бузурге дорад. Муҳаббат ҳама гуна нуқсонҳои фарҳангиро бартараф месозад. Муҳаббат бо он фаҳмида мешавад, ки дар вақти мушкилӣ, ғаму дард шумо ба дӯсти худ мадад расонида метавонед. Ин меҳмоннавозӣ намудани онҳое мебошад, ки оилаи худро пазмон шудаанд. Ин чунин маъно дорад, ки бо воситаи телефон аз ҳоли якдигар хабардор шавӣ, на фақат дар вохӯриҳои расмӣ ё бо воситаи почтаи электронӣ. Имондоре гуфтааст: *«Ман ба хотири Масеҳ аз оилаи худ маҳрум шудам, вале ба ивази он танҳо вохӯриҳоро пайдо кардам»*

# Истилоҳот ва масъалаҳои фарҳангӣ

## Истифодаи маҳдуди баъзе истилоҳот

Барои он ки шогирдон идеяҳои навро фаҳмида тавонанд, аз идеяҳои кӯҳна сар кардан фоидаовар аст. Ин ба онҳо имкон медиҳад, ки кӯҳнаро бо нав муқоиса кунанд. Ин ҳамчунин ба онҳо ёрдам медиҳад, ки паёми Масеҳро ба дӯстони худ ончунон фаҳмонда диҳанд, ки осонфаҳм буда, ба назар консепсияи тамоман бегона нанамояд.

Бинобар ин, дар ҳаҷми маҳдуд, ин курс баъзе истилоҳотро ҳамчун сарришта ва кӯпурук истифода мебарад, то ки онҳоро аз ҷаҳони шинос ба ҷаҳони нави таълимоти пайравони Масеҳ биёрад. Мисол, Вақте ки мо дар бораи шариат гап мезанем, мо ба шогирдон ёрӣ мерасонем, ки дар бораи шариати пештараи худ тафаккур кунанд ва дарк намоянд, ки тарзи зиндагии итоаткоронаи онҳо ба Масеҳ ҳамчун Худованд аз ҳаёти кӯҳна фарқ дорад.

## Луғати истилоҳот

Дар ин курс истилоҳоти зерини арабӣ ёдрас шудаанд. Дар ин ҷо онҳо бо маънои умумии асосиашон оварда шудаанд. Тарзи боз ҳам амиқтари навиштан ва муқарраротӣ онҳоро дар китобҳои мувофиқаткунанда ёфтан мумкин аст.

| | |
|---|---|
| *Дуо* (дарси 5) | дуои шахсӣ |
| *Ҳаҷ* (дарси 20) | зиёрати Каъба |
| *Халол* (дарси 15) | поку тоза |
| *Инҷил* (дарси 1) | Хушхабар |
| *Ҷин* (боби 18) | рӯҳи бад |
| *Кофир* (боби 2) | беимон |
| *Муртад* (боби 2) | шахсе, ки дини худро тарк кардааст |
| *Биҳишт* (боби 1, 9, 20) | Малакути Худо |
| *Қибла* (боби 20) | самти асосии намоз |
| *Салоҳ/Намоз* (боби 5) | дуои расмӣ, ки панҷ маротиба дар як рӯз такрор карда мешавад |
| *Калимаи шаҳодат* (боби 13, 20) | эътирофи имон. |
| *Шариат* (боби 17) | қоидаҳои динӣ ва тарзи ҳаёт |
| *Ширк* (боби 3) | ба Худо шарик кардан, |
| *Суннат* (боби 17) | намунаи ибрат |
| *Таврот* (боби 4) | панҷ китоби Мӯсо |
| *Умма* (боби 7,14) | ҷамоати умумиҷаҳонии мусулмонон |
| *Закот* (боби 17) | андози ҳатмӣ барои хайрия |

«Панҷ сутун», ки дар боби 20 ёдрас карда шудаанд, инҳо пойдевори амалии дин мебошанд: *Калимаи шаҳодат,* намоз, рӯза, *закот ва ҳаҷ* ( ба муқарраротӣ боло нигаред).

## Масъалаҳои фарҳангӣ

Қисми калони дарсҳои ин курс масъалаҳои хоси фарҳангиро ба ҳисоб гирифта, тартиб дода шудааст. Онҳо дар ҳар як дарс дар Тавзеҳот барои муаллим фаҳмонида мешаванд. Лекин ба ҳар ҳол, фаромӯш накунед ки на ҳамаи имондорон дар зери таъсири онҳо мондаанд, бинобар ин татбиқи амалии дарсҳоро ба имондорони алоҳида мувофиқ гардонед.

# Саволҳои маъмулӣ

## Оё ин курс барои таълим дар шакли шифоҳӣ мувофиқ аст?

Аз як тараф ин курс дар шакли даҳонакӣ фароҳам оварда шудааст, чунки қисми асосии дарс вақти муҳокимаронӣ мебошад. Ҳамчунин, ҳатто шогирдони нохонда аз Навиштаҳо оятҳоро аз ёд карда, оиди расмҳо муҳокима ронда ва супориши амалиро иҷро карда метавонад.

Аммо омӯзиши хонагӣ малакаи хондан ва навиштанро талаб мекунад. Барои шогирдоне, ки хонда наметавонанд ё дар ин кор душворӣ мекашанд, нишондодҳои зеринро пайгирӣ кунед:

- Барои ҳар яки онҳо аъзои дигари гурӯҳро таъин кунед, ки ба онҳо ёрдам кунад. Пеш аз он ки онҳо сар кунанд, ба шахсе, ки хонда наметавонад (ё дар хондан душворӣ мекашад), ёрӣ расонед, то ки таълими асосиро дарк кунад. Сипас дар вақти вохӯрӣ онҳо паҳлӯ ба паҳлӯ мешинанд, ва ёрдамчӣ ба вай барои ёфтани ягон ҷой  ё расмро дар китоби дарсӣ нишон медиҳад. Аъзои оила ё шахси дигар ёрдамчӣ буда метавонанд.

- Дар ёд дошта бошед, ки шахси хонда наметавонистагӣ ба монанди шахсе, ки хонда метавонад, ҳамон қадар таҷрибаи зиндагӣ дорад. Фикри онҳо низ хеле муҳим аст. Диққат кунед, ки онҳо барои саҳм гузоштан ба муҳокимаронӣ имконияти якхела дошта бошанд, то ки ҳамаи иштирокдорон аз сӯҳбат фоида гирифта тавонанд.

# Лутфан, фикру мулоҳизаи худро пешниҳод кунед.

1. Оё саволҳо барои муҳокимаронӣ дар ҳар як дарс аз ҳад зиёданд?

2. Кадом саволҳо барои муҳокимаронӣ бояд беҳтар карда шаванд ва чӣ тавр?

3. Кадом  “масъалаҳои фарҳангӣ” - ро беҳтар мебояд кард ё илова мебояд намуд.

4. Кадом мисолҳоро дар бораи пайравони Масеҳ аз маданият ё шароитҳои таълимӣ барои курсҳои  оянда пешниҳод карда метавонед?

***Лутфан, фикру мулоҳизаҳои худро ба суроғаи зерин фиристонед: comefollowmecourse@gmail.com.  Барои кӯмак сипосгузорем.***

# Қисми Б:

# Дастурамал ба дарсҳо

# Дастурамал барои вохӯрии муқаддимавӣ

## МАҚСАДИ ВОХӮРИИ МУҚАДДИМАВӢ

Дар анҷоми ин муҳокимаронии на он қадар калон ҳар як хонанда бояд:

а. Аз омӯзиши курс ба ваҷд ояд ва барои иҷро кардани супориши хонагӣ ӯҳдадор гардад.

б. Дарк кунад, ки ҳар як дарсро дар хона чӣ гуна омӯзад.

в. Маблағи муайяншударо барои китоби дарсӣ пардохт намояд ё ваъда диҳад, ки ҳафтаи оянда оварда метавонад.

## ДАР ОҒОЗИ ВОХӮРӢ

***ШИНОСОӢ***

- Агар ин гурӯҳи нав бошад, худатонро ва аъзоёни гурӯҳро ба якдигар шинос кунед.

***БО ДУО САР КУНЕД***

- Аз Худо хоҳиш кунед, ки дар гузаронидани курс баракат ато кунад.

### **Китоби дарсии курсро** ба ҳар як иштирокчӣ **тақсим кунед**

- Тавсия карда мешавад, ки иштирокчиён маблағи муайянро барои китоби дарсӣ пардохт намоянд, бо ин тарз онҳо ба қадри китоб зиёдтар мерасанд. Аммо ба шумо вобаста аст, ки барои мавод пул талаб мекунед ё не, ва агар гирифтанӣ бошед, бояд миқдори онро муайян кунед.
- Агар дар байни иштирокчиён шахсони хондан наметавонистагӣ ё суст мехондагӣ бошанд, пас тавсияҳоро дар боби «Саволҳои муҳим» дида бароед.

### Хонед

- Ҳама иштирокчиён бояд «Мундарича»-ро дар китоби дарсӣ кушоянд. Аз як иштирокчӣ хоҳиш кунед, ки рӯихати мавзӯъҳоро хонад. Агар шумо аз ин 20 мавзӯъ танҳо баъзеашро омӯзонданӣ бошед, пас аз хонандагон талаб кунед, ки ин мавзӯъҳоро дар китоби дарсии худ қайд кунанд.

### **Гӯед**:

- «Мақсади ин курс он аст, ки барои ҳамчун пайравони Масеҳ ба камол расидани мо ёрӣ додан мебошад. Мо ҳама хонандагон мебошем: ҳам шумо, ва ҳам ман. Мо ҳама мехоҳем, ки ба Худо наздиктар шавем, Ӯро беҳтар шиносем, Ба Ӯ бовар кунем ва нақши худро дар ҷамоати пайравони Масеҳ иҷро кунем»
- «Баҳри расидан ба ин мақсад, дар курс ҳамоҳангии се усул истифода бурда мешавад, ки ҳар ҳафта иҷро мекунем.
  1. *Омӯзиши хонагӣ* барои фаҳмидан ва аз худ кардани таълимот ёрӣ мерасонад;
  2. *Вақти муҳокимаронӣ* барои ибрози фикр ва ёд гирифтан аз якдигар ёрӣ мерасонад;
  3. *Супориши амалӣ* барои табиқи амалии дарс дар ҳаёти рӯзмарра ёрӣ мерасонад.

### **Пурсед**:

- «Вазифаи ҳар як усул аз чӣ иборат аст: омӯзиши хонагӣ, вақти муҳокимаронӣ ва супориши амалӣ?» *[Болотар нигоҳ кунед. Ин савол ба хонандагон барои фаҳмидани усулҳои омӯзиш ёрӣ мерасонад.]*

## Хонед

- Ҳама иштирокчиён саҳифаи китоби дарсиро бо унвони «Дастурамал барои хонандагон» кушоянд. Ҳар як хонанда бояд як ҷумлагӣ хонад. Пурсед, ки ба онҳо кадом чиз нофаҳмо мебошад.

## Хонед

- Якҷоя дарси 1 «Пайравӣ кардани Масеҳ»-ро кушоед. Ду сархати аввалро бо унвони «Мазмуни ҳаёти мо» хонед. Ҳамчунин эзоҳро бо расмаш хонда бароед.

## Пурсед:

- «Шумо бо суханони худ чӣ гуна ифода мекунед, мазмуни ҳаёти мо аз чӣ иборат аст?» *[Муҳокима кунед: Хонандагон бояд фикри худро баён кунанд. Шумо низ, ҳамчун муаллим, бояд фикри худро баён кунед.]*

## Хонед: дарси 1, саволи 1.

- Ба хонандагон нишон диҳед, ки ҷавобҳои худро дар ҷойҳои холӣ нависанд.
- Чӣ тавр тафтиш кардани онҳоро дар муқоиса бо ҷавобҳое, ки дар охири дарс дар «Дарси 1. Ҷавобҳо» оварда шудаанд, нишон диҳед.

## Гӯед::

- «Акнун саволи 2-ро дарунакӣ <u>хонед</u> ва дар ҷои холӣ ҷавоби худро <u>нависед</u>, сипас <u>тафтиш</u> кунед, ки оё дуруст ҷавоб додед ё не» *[Барои ин супориш ба онҳо вақт ҷудо кунед. Калимаҳои душворро ба онҳо фаҳмонед. Аҳамият диҳед, ки оё шахсоне, ки хонда наметавонанд, мазмуни дарсро фаҳмида истодаанд ё не.]*

## Гӯед:

- «Ин китоби дарсӣ муаллими шумо мебошад. Бинобар ин дар охири ҳар як дарс ҷавобҳо пешниҳод карда мешавад, то ки шумо ҷавобҳои худро тафтиш карда тавонед. Лекин ин чунин маъно надорад, ки онҳоро осон рӯбардор мекунед! Дар аввал ҷавобҳои худро <u>нависед</u> ва танҳо баъд аз он тафтиш кунед, ки оё дуруст ҷавоб додед ё не».
- «Агар дар ҷавоб «ҷавоби шахсӣ» ё «барои вақти муҳокимаронӣ» ишора шудааст, пас ҷавоби «дуруст» мавҷуд намебошад, чунки ҳар як нафар оиди ин масъала фикру ақидаи шахсии худро доранд».

## Пурсед:

- «Ба саволҳои 5 ва 13 дар боби Ҷавобҳо барои Дарси якум чӣ гуна ҷавобҳо оварда мешаванд?» *[«Ҷавоби шахсӣ»].*
- «Оё ин чунин маъно дорад, ки ба шумо ҷавоб додан ва навиштан дар он лозим нест?» *[Не, чунин маъно надорад! Ҳар як иштирокчӣ бояд фикри худро нависад ва барои муҳокимаронӣ тайёр бошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки хонандагон бисёр вақт ҷавобҳои худро ба чунин саволҳои кушод наменависанд, маҳз барои ҳамин ба ин масъала диққати махсус зоҳир карда мешавад.]*
- «Барои чӣ ба чунин саволҳо ҷавоб навиштан ва беҷавоб нагузоштани онҳо зарур аст?» *[Муҳокима кунед. Вақте ки мо ягон чиз менависем дар бораи он чуқур фикр мекунем. Ғайр аз ин ба муҳокимаронӣ тайёр мешавем.]*

## Гӯед:

- «То саршавии вохӯрии минбаъдаи мо, лутфан, Дарси 1-ро пурра иҷро кунед»
- «Дар охир, лутфан, Хулосаи Дарсро аз назар гузаронед. Саволҳое, ки дар Хулосаи Дарс навишта шудаанд, хулосаи саволҳое мебошанд, ки шумо аллакай ҳангоми дарс ба онҳо

ҷавоб гардондаед. Ин саволҳо барои фаҳмидани он ба шумо ёрӣ мерасонад, ки оё дарсро нағз аз худ кардед ё не».

## ДАР АНҶОМИ ВОХӮРӢ

***ФАҲМОНЕД,*** ки дар куҷо ва кай вохӯрии оянда баргузор мегардад.

***БО ДУО БА АНҶОМ РАСОНЕД***

# Дастурамал барои дарси 1 Пайравӣ кардани Масеҳ

## МАҚСАДИ ДАРСИ 1

Баъд аз анҷоми ин вохӯрӣ:

а. Ҳар як хонанда бояд донад, ки оё вай пайрави Масеҳ ҳаст ё не.

б. Ҳар як хонандае, ки то ҳол пайрави Масеҳ намебошад, бояд фаҳмад, ки чӣ тавр Исоро қабул кардан мумкин аст.

в. Ҳар як хонанда – пайрави Масеҳ бояд дар қарори худ мустаҳкам ва хушнуд бошад.

## ДАР ОҒОЗИ ВОХӮРӢ

***БО ДУО САР КУНЕД***

***МАВЗӮИ ИМРӮЗА:***

Гӯед: «Имрӯз мо мефаҳмем, ки чӣ тавр Исои Масеҳ Шимъӯни Петрусро ба шогирдӣ даъват карда буд, ва мо низ чӣ тавр шогирди Масеҳ шуда метавонем»

***ҶАВОБҲО БА САВОЛҲОИ ХУЛОСАВИИ ДАРС***

- Якҷоя хулосаи дарси 1-ро кушоед.
  *Саволи 1:* Оятеро, ки аз ёд карда будед, якҷоя гӯед. Аз хонандагон пурсед: «Ин оят дар шумо чӣ гуна хиссиётҳоро бедор мекунад?»
  *Саволи 2:* Аз хонандагон пурсед, ки дар китоби дарсии худ чӣ навиштанд.
  Ҷавобҳои дуруст: 1) Рӯ гардондан аз гуноҳ; 2) Нархро донистан; 3) Эътимод ба Масеҳ; 4) Ҳамроҳ шудан ба ҷамоат

## Масъалаи фарҳангӣ: Сарриштаи сухан

Сарриштаи сухан дар ин дарс сӯҳбат байни шахси беимон ва пайрави Масеҳ мебошад.

Курси «Маро пайравӣ кун» барои шахсоне тартиб дода шудааст, ки аллакай пайрави Масеҳ мебошанд, вале дар Дарси 1 қадамҳои имон фаҳмонда шудааст, то ки:

- Ба муаллим, яъне ба шумо, фаҳмиши рӯҳонии хонандагон маълум гардад;
- Ба шахсоне, ки то ҳол барои қабул кардани Масеҳ дуо накардаанд, имконият дода шавад;
- Ба шахсе, ки Худоро шинохтан мехоҳад, бо суханони осонфаҳм дар бораи ин қадамҳо гуфта шавад.

Қадамҳои имон, ки дар ин дарс шарҳ дода шудааст, ба ғайр аз қадами охирин - «ҳамроҳшавӣ ба ҷамоати Масеҳ», ки бисёр вақт дар вақти башоратрасонӣ ба он кам аҳамият медиҳанд, ба қадри кофӣ маъмулӣ мебошанд. Барои пайравони Масеҳ, ки дар дигар муҳит ба воя расидаанд, бе муносибат бо имондорон зистан хеле мушкил аст. Барои онҳо «ҷамоати Масеҳ» ягон ҷамъомади муташаккил ё гурӯҳи ғайрирасмии имондорон, ё ҳатто вохӯриҳои пинҳонӣ бо дигар имондорон буда метавонанд. Дар кадом шакле, ки набошад, сӯҳбат бо имондорон ҳаётан хеле муҳим аст. Дар ин бора мо дар Дарси 7 бештар фаҳмида метавонем.

## А) МАЗМУНИ ҲАЁТИ МО *(Муқаддима ва саволҳои 1-2)*

### Муқаддима

Боби «Мазмуни ҳаёти мо», ва ҳамчунин саволи муаллимро дар лавҳача **хонед.**

**Пурсед**:

- «Мазмуни ҳаёти шумо дар чӣ аст?» *[Дар аввал хонандагон бояд бо суханони худ баён кунанд, пас аз он шумо, муаллим, гӯед,  ки мазмуни ҳаёти шумо аз чӣ иборат аст.]*

---

## Б) ПАЙРАВӢ КАРДАНИ МАСЕҲ *(Саволи 3)*

### Саволи  3

Тамоми порчаи дар чорчӯба овардашударо **Хонед**

**Пурсед**:

- Шимъӯни Петрус ба кадом кор машғул буд? *[Вай моҳигир буд.]*
- Вақте ки Исои Масеҳ ба вай фармуд, ки тӯрро ба чуқуроб андозад, Шимъӯн чӣ ҷавоб дод? *[Ӯ бовар надошт, ки сайдаш барор мегирад, лекин ба ҳар ҳол ба Исо итоат кард?]*
- Шимъӯн медонист, ки вай барои бо  Исо сӯҳбат кардан лоиқ нест. Вале Исо ба Ӯ чӣ гуфт? *[«Натарс, минбаъд одамонро сайд хоҳӣ кард».]*
- Шимъӯн ва рафиқони вай дар охири порча чӣ кор карданд? *[Онҳо тӯрҳои худро гузошта, аз паи Исо рафтанд.]*

**Гӯед:**:

- «  Дар ин  дарс мо мебинем, ки Шимъӯн чор қадаме гузошт, то ки пайрави Масеҳ гардад ва мо низ ин қадамҳоро гузошта метавонем. Ин чор қадамро дар ёд доред?»  *[1. Аз гуноҳ рӯй гардондан. 2. Нархро донистан.  3. Ба Масеҳ эътимод кардан.  4. Ба ҷамоати Масеҳ ҳамроҳ шудан.]*
- «Имрӯз ин қадамҳоро муҳокима мекунем. Биёед аз қадами аввал «Аз гуноҳ рӯй гардондан» сар мекунем .

---

## В) АЗ ГУНОҲ РӮЙ ГАРДОНДАН *(Саволҳои 4-11)*

### Саволи 4

Сархати дуюмро  **хонед**

**Пурсед**:

- «Шимъӯн дар бораи худ чиро фаҳмид?»  *[Ӯ гуфт: «Ман одами гуноҳкор ҳастам».]*
- «Чиро мо бояд фаҳмем, вақте ки ба назди Исо меоем?»  *[Мо гуноҳкорем.]*

---

## Саволи 6

Оятро **хонед**

**Пурсед**:

- «Мувофиқи суханони шоир дар байни ману шумо чӣ фарқе ҳаст?» *[Фарқе нест. Мо ҳама гуноҳ кардаем. Мо гуноҳҳои худро аз Худо руст карда наметавонем.]*
- «Оё мо ба қадри даркорӣ пок ҳастем, то ки Худо моро қабул кунад?» *[Не! Дар ҷаҳон ягон каси пурра бегуноҳ нест.]*

---

## Саволи 8

**Пурсед**:

- «Дар ин ҷо чӣ гуна ҷавоб навиштед?»
  *[Ҷавоби дуруст: «Фурӯтан ҳамчун Алӣ.]*
- «Биёед ҳар кас дар бораи муносибати шахсии худ фикр мекунем: Мо бештар ба Тоҳир ё ба Алӣ монанд ҳастем?»
  *[Ҳар як хонанда бояд дар бораи фикр кунад, ба онҳо лозим нест, ки ба дигар аъзоёни гурӯҳ гӯянд.]*

---

## Саволи 10

Саволи 10-ро **хонед**. *[Аз як иштирокчӣ хоҳиш кунед, ки онро хонад.]*

**Пурсед**:

- «Тавбаи ҳақиқӣ аз пушаймонӣ чӣ фарқ дорад?»
  *[Ҷавобҳои б) ва в) инро мефаҳмонанд. Тавбаи ҳақиқӣ ба ҳаёти шахс дигаргунӣ меорад. Ин чунин маъно дорад, ки одам ба монанди шахси дуюм дар расми 9 пурра ба самти дигар ҳаракат мекунад.]*

**Гӯед**:

- «Акнун мо ба қадами дуюми пайравии Масеҳ мегузарем: Донистани нарх»

---

# Г) ДОНИСТАНИ НАРХ *(Саволҳои 12-14)*

## Саволи 12

**Нигоҳ кунед** ба ин расм.

**Пурсед**:

- «Чӣ фикр доред, вақте ки Шимъӯн нархи пайравии Исоро донист, чиро эҳсос кард?»
  *[Муҳокима кунед. Ҳар як иштирокчӣ фикри худро изҳор карда метавонад, ҷавоби дуруст ё нодуруст мавҷуд нест.]*
- «Оё дар зиндагӣ мо барои қабул кардани қарори ба ҳамин монанд рӯ ба рӯ шудаем?»
  *[Иштирокчиён бояд гӯянд, ки онҳо Масеҳро қабул кардаанд ва ё ҳоло ҳам дар бораи нархи ин қарор фикр мекунанд.]*

---

## Саволи 13

Ҷумлаи аввал ва порчаро дар чорчӯба **хонед**.

**Пурсед**:

- «Шумо чӣ фикр доред, мазмуни ин воқеа аз чӣ иборат аст?»
  *[Муҳокима кунед. Пайравӣ кардани Масеҳ нархи гарон дорад, вале ба ин арзанда аст. Ӯ аз гавҳари пурҷило қимматтар аст!]*
- «Ба саволи 13 чӣ гуна ҷавоб додед?» *[Иштирокчиён он чиро, ки қайд карданд ё навиштанд, баён кунанд.]*
- «Кӣ нархи гаронтар супорид – пайравони Масеҳ ё Худи Ӯ?»
  *[Масеҳ. Ба саволи 14 ниг.]*

### Масъалаи фарҳангӣ: *Навимондорӣ ва донистани нарх*

Барои бисёр имондорон пайравӣ кардани Масеҳ нархи гарон мебошад. Вале баъзе имондорон мегӯянд, ки ба ин мавзӯъ аз ҳад зиёд диққат додан шарт нест, чунки ин танҳо одамро дур месозад. Гарчанде ки дар саволи 13 ин нарх баён карда мешавад, дар саволи 14 фаҳмонида мешавад, ки бо ин нарх пайравӣ кардан меарзад. Аз Худованд хоҳиш кунед, ки вобаста ба вазъияти иштирокчиён барои нигоҳ доштани тавозуни чунин ҳақиқатҳои рӯҳонӣ роҳ нишон диҳад.

**Гӯед**:

- «Барои пайрави Масеҳ шудан қадами дуюм аз чӣ иборат аст?» *[Донистани нарх.]*
- Акнун мо ба қадами се мегузарем: Эътимод ба Масеҳ.

---

## Д) ЭЪТИМОД БА МАСЕҲ *(Саволи 15-18)*

**Мафҳуми «эътимод кардан ба Масеҳ»-ро ба воситаи машқе, ки дар он ба шахси дигар эътимод кардани шумо лозим аст,** ошкор кунед. *[Эзоҳ: Ин машқ барои шахсони синну соли муайян фоидаовар аст, вале на барои ҳама. Шумо бояд интихоб кунед, ки ин барои хонандагони шумо мувофиқ аст ё не.]*

- Иштирокчиёни гурӯҳро ба ҷуфтҳое, ки дорои ҷинс, қад ва вазни якхела мебошанд, тақсим кунед,
- Як одам меафтад, дигар кас вайро медорад.
- Шахсе, ки меафтад, бояд пойҳояшро якҷоя гузошта, пуштнокӣ ба шахсе, ки вайро медорад, рост истад. Шахсе, ки медорад, пойҳояшро бо ҳам гузошта, дастонашро ба пеш дароз карда, ба доштани шахси афтанда тайёр шуда истад.
- Шахси афтанда бояд аз шахсе, ки вайро медорад пурсад, ки ӯ тайёр аст ё не, ва баъд баданашро суст накарада, ба афтидан сар кунад. Шахсе, ки медорад, бояд шахсеро, ки афтида истодааст, пеш аз тамоман ба поён афтоданаш вайро дошта гирад!
- Сипас шахси афтанда ва шахси доранда ҷои худро иваз кунанд.

**Пурсед**:

- Чиро ҳис кардед, вақте ки ба шахси доранда пурра эътимод кардед. *[Ҷавоби шахсӣ]*

**Гӯед**:

- «Эътимод ба Масеҳ то андозае ба он монанд аст, ки шумо ба шахсе, ки дар вақти афтидан шуморо медорад, бовар кардед. Дар аввал камтар тарсовар аст, вале агар мо донем, ки ҳар дафъаи афтидан моро касе медорад, пас мо ба вай бештар эътимод карданро сар мекунем».

---

## Саволи 16

Се мисоли пешниҳодшударо (кӯдак, бемор, мусофир) **хонед.**

**Пурсед**:

- «Ин одамон то чӣ андоза боварӣ зоҳир мекунанд?» *[Боварии зиёд. Онҳо бовар мекунанд, ки шахси дигар дар бораи онҳо ғамхорӣ менамояд ва осеб намерасонад.]*
- «Оё мо низ ба ҳамин монанд ба Исо эътимод карда метавонем?» *[Муҳокима кунед. Бале, Ӯ аз дигар одамон дида, бештар лоиқи эътимоду боварӣ мебошад..]*
- «Дар чӣ мо ба Ӯ эътимод мекунем?» *[Муҳокима кунед. Мисол, мо эътимод дорем, ки Ӯ гуноҳҳои моро мебахшад, барои иҷрои корҳои нек қувват медиҳад, муҳофизат мекунад, ҳидоят менамояд ва ба биҳишт мебарад.]*
- «Ҳиссиёти худро ҳангоми машқи «Афтидан» ба ёд биёред. Оё ба ҳамин монанд, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти худ шумо ба Исо эътимод карда метавонед?» *[Бале, мо метавонем ба Ӯ эътимод кунем.]*

**Хулоса**:

- «Се қадами аввалин, ки барои пайрави Масеҳ шудан гузоштан лозим аст, аз чӣ иборат аст?»

*[Агар иштирокдорон ба хотир оварда натавонанд, ба қисми охирини саволи 16 нигоҳ кунед.*

*Ҷавобҳои дуруст:*

1. *Аз гуноҳ рӯй гардондан.*
2. *Нархро донистан.*
3. *Ба Масеҳ эътимод кардан.]*

---

**Нигоҳ кунед** (аз рӯи хоҳиш):

- «Чоҳ» http://www.youtube.com/watch?v=I7nrSP8Y6So&list=PLii-1XQvc15ZnuWhl00HvqWKDlNJJr13R&index=1
  *[Ин видео бо забони арабӣ аст. Ба касоне, ки бо забони арабӣ гап намезананд, ин видео он қадар мувофиқ нест, гарчанде ки онҳо ягон чизи фоиданок аз он гирифта метавонанд. Худатон ҳал кунед, ки он ба хонандагон мувофиқ аст ё не. Ё ин ки шумо шумо метавонед видеои дигарро бо ҳамин мазмун дарёфт намоед.]*

**Пурсед**:

- «Оё боре шумо худро ба монанди шахсе, ки дар чоҳ мондааст, эҳсос кардаед?» *[Ҷавобҳои шахсӣ.]*
- «Барои аз чоҳ берун баромадан, ягона умеди вай кӣ буд?» *[Одаме, ки дар боло бо арғамчин истодааст.]*
- «Одаме, ки дар чоҳ мондааст, ба шахсе, ки ӯро наҷот додааст, чӣ гуна бояд ҷавоб диҳад?» *[Вай бояд ӯро пайравӣ кунад].*

- «Исо моро наҷот додааст. Мо чӣ тавр бояд ба Ӯ ҷавоб гардонем?» *[Тамоми умри худ Ӯро пайравӣ кунем.]*

---

## Е) БА ҶАМОАТИ МАСЕҲ ҲАМРОҲ ШУДАН *(Саволҳои 19-20)*

### Лавҳача (баъди саволи  20)

Сухани муаллимро дар лавҳача **хонед**.

**Пурсед**:

- «Кадом се намуди одамонро муаллим зикр мекунад?» *[Касоне, ки Масеҳро аллакай пайравӣ мекунанд, касоне, ки аллакай барои пайрави Масеҳ шудан тайёр ҳастанд, Касоне, ки барои дар ин бора фикр кардан вақти зиёдтар ҷудо мекунанд.]*
- «Ба кадом намуди ин гуна одамон шумо мансуб мебошед?» *[Ҷавобҳои шахсӣ. Худатон қарор кунед, ки хонандагон дар ин бора бо овози шунаво гап зананд ё дарунакӣ мулоҳиза кунанд.]*

### ДАР АНҶОМИ ВОХӮРӢ

***ПУРСЕД:***

- «Ин дарс ба ҳаёти шумо чӣ гуна дигаргуниҳо меорад?» *[Ҳар як иштирокчӣ ва шумо бояд фикри худро баён кунед.]*

***ГӮЕД:***

- «Супориши амалии ҳарҳафтаина хеле муҳим аст. Он барои дар ҳаёт татбиқ кардани дарс чунон ёрӣ мерасонад,  ки он дар сатҳи назариявӣ боқӣ намонда, ба як қисми ҳаёти шумо табдил меёбад.»

***ХОНЕД:*** Супориши Амалӣ  (дар охири Дарси 1).

***ГӮЕД:***

- «Ин супориши хеле муҳим аст, ки дар  ин ҳафта шумо бояд иҷро кунед. Лутфан, дар ин бора бо Худо сӯҳбат кунед. Агар хоҳиш дошта бошед, бо ман як ба як сӯҳбат карда метавонед.»
- «Лутфан, барои вохӯрии мо дар ҳафтаи оянда Дарси 2-ро тайёр кунед.»

***БО ДУО БА АНҶОМ РАСОНЕД:*** Худоро шукр гӯед, ки шахсан бо воситаи Исои Масеҳ мо Ӯро шинохта метавонем.

## Дастурамал барои дарси 2 Ҳаёти нав дар Масеҳ

### МАҚСАДИ ДАРСИ 2

Ҳар як иштирокчӣ бояд:

а. Барои ҳаёти худ дар Масеҳ шодӣ дошта бошад

б. 2 Қӯринтиён 5:17-ро аз ёд кунад.

в. Фаҳмад, ки вай айнияти нав, таваллуди нав, ва табиати нав пайдо кард.

г. Принсипи ҷанги рӯҳониро ба муқобили табиати кӯҳна нигоҳ дорад.

### ДАР ОҒОЗИ ВОХӮРӢ

***БО ДУО САР КУНЕД***

***СУПОРИШИ АМАЛИИ ҲАФТАИ ГУЗАШТА***

- Гӯед: «Супориши амалии Дарси 1 ҷиддан дар бораи он, ки шумо пайрави Масеҳ ҳастед ё не фикр кардан буд. Шумо ин супоришро иҷро кардед?»

***МАВЗӮИ ИМРӮЗА***

Гӯед:: «Мо имрӯз дар бораи ҳаёти нав, ки Худованд Исои Масеҳ ба мо додааст, фаҳмида мегирем. Ин ҳаёт айнияти нав, таваллуди нав, ва табиати навро дар бар мегирад».

***ҶАВОБҲО БА САВОЛҲОИ ХУЛОСАВИИ ДАРС***

- Якҷоя Хулосаи Дарси 2-ро кушоед, пурсед, ки хонандагон ба саволҳо чӣ гуна ҷавоб доданд.
  Ҷавобҳои дуруст:
  *Саволи 1:* а) Ҳаёти нав меёбад; б) Халқи муқаддас
  *Саволи 2 кӯҳна*, нав
  *Саволи 3:* Ҷавобҳои шахсӣ *[Ба ҳар як иштирокчӣ ёдрас кунед, вай бояд ҳама ҷавобҳоро дар китоби дарсӣ <u>нависад</u>, саволҳо набояд беҷавоб монанд. Хоҳиш кунед, ки дар бораи ҷавобҳои навиштаашон гап зананд.*
  *Саволи 4:* Масеҳ, навест, кӯҳна, нав

- Барои аз ёд гуфтани оят якҷоя бо гурӯҳ машқ кунед.: *«Пас, касе ки дар Масеҳ аст, махлуқи навест; чизҳои қадима гузаштааст, ва инак ҳама чиз нав шудааст!» (2 Қӯринтиён 5:17)*

## А) ШИНОСОӢ БО НОМАИ 1 ПЕТРУС *(Саволҳои 1-4)*

**Гӯед**:
«Курси *Моро пайравӣ кун* дар асоси як қисми Каломи Худо бо унвони Номаи Якуми Петрус ё ба таври кӯтоҳ «1 Петрус» тартиб дода шудааст. Биёед ду ояти аввалро мехонем»

Якҷоя 1 Петрус 1:1-2-ро **хонед**.

*(Агар хонандагон Китоби Муқаддаси худро надошта бошанд, пас худи шумо ба онҳо хонда диҳед ё чоп кунед).*

**Пурсед**:

- «Мувофиқи ояти 1, кӣ дар зери роҳбарии Худо ин номаро навиштааст?»
  *[Петруси ҳаворӣ. Ин ҳамон Шимъӯни Петрус мебошад, ки ҳафтаи гузашта дар борааш хонда будем. Мо дар дарси 6, дар бораи он ки чӣ тавр китобҳои гуногуни Китоби Муқаддас ба якдигар алоқаманд ҳастанд, гап задем ва гуфтем, ки гарчанде онҳо бо воситаи одамон навишта шудаанд, Каломи ҳақиқии Худо мебошанд.]*
- «Чӣ тавр ояти якум он одамонеро ки барояшон ин нома ирсол карда шуда буд, тасвир мекунад?»
  *[Ғарибон, парокандашудагон, мувофиқи таъиноти пешакии Худои Падар интихобшудагон. Онҳо дар минтақаҳои гуногуни кишваре, ки алҳол Туркия меномем, зиндагӣ мекарданд].*

**Гӯед**:

«Дур аз ватан ғарибу саргардон будан хеле мушкил аст. Мо дар дарси 8 дар ин бора бештар маълумот пайдо хоҳем кард. Аммо донистани он ки мо халқи интихобшудаи Худо мебошем, чӣ қадар гуворост! Ӯ моро интихоб кард ва пеш аз он ки мо таваллуд шавем, Ӯ моро дӯст дошт! Акнун биёед дар бораи айнияти нави мо – халқи интихобшудаи Худо бештар маълумот пайдо мекунем.»

---

## Б) АЙНИЯТИ НАВИ МО *(Саволҳои 5-7)*

### Саволи 5

Сархати аввалро **хонед**

**Пурсед**:

- «Баъзан одамонеро, ки эътиқоди худро дигар мекунанд, чӣ меноманд?»
  *[Муҳокима кунед. Шояд кофир ё муртад ном гиранд.]*
- «<u>Айнияти нави</u> мо бо чашми Худо чӣ номида мешавад?»
  *[Мо халқи интихобшудаи Худо мебошем!]*

---

### Саволи 7

Сархати аввалро **хонед**

**Пурсед**:

- «Донистани он ки Худо шуморо интихоб кардааст ва дӯст медорад, ба шумо чӣ гуна ҳиссиётҳо мебахшад? Ва ҳатто, новобаста ба он ки дунё аз мо нафрат дорад ва моро рад мекунад?»
  *[Муҳокима кунед – ҷавобҳои шахсӣ.]*

## В) ТАВАЛЛУДИ НАВИ МО *(Саволҳои 8-11)*

### Саволи 8

**Нигоҳ кунед** ба расми кирмак ва шапарак

Саволи 8-ро **хонед**.

**Пурсед**:

- «Вақте ки кирмак ба шапарак табдил меёбад, вай дигар мешавад ё чуноне ки буд мемонад?»
  *[Аз як тараф асли вай дигар намешавад, вале «таваллуди нав» - ро аз сар мегузаронад, бинобар ин вай комилан дигар хел ба назар метобад ва парида метавонад.]*
- «Чӣ тавр ин мисол ба таваллуди нав, ки дар Исои Масеҳ аз сар мегузаронем, шабоҳат дорад?»
  *[Аз як тараф мо ба мисли пештара ҳамон одам боқӣ мемонем, вале дар мо, ба монанди он ки кирмак ба шапарак табдил ёфтааст, дигаргуниҳои калони рӯҳонӣ ба амал омадааст. Агар мо мувофиқи ченаки нави Худо зиндагӣ кунем, ин фарқият дар ҳаёти мо намоён мешавад.]*

---

### Саволи 10

Саволро пурра **хонед**

**Пурсед**:

- «Ҷавоби дуруст кадом аст?» *[б)]*

---

### Саволи 11

1 Петрус 1:3 –ро **хонед**

**Пурсед**:

- «Кӣ ба мо ин таваллуди навро дод?»
  *[Худо, ҳамчунин Падари Худованди мо Исои Масеҳ хонда мешавад]*
- «Барои чӣ Ӯ ба мо таваллуди нав дод?» *[Аз рӯи «Марҳамати бузурги Худ».]*
- «Ба туфайли ин таваллуди нав чиро соҳиб мешавем?» *[умеди зинда ба василаи эҳёи Исои Масеҳ.]*

---

## Г) Оё шумо ин таваллуди навро аз сар гузарондаед? *(Саволҳои 12-13)*

### Саволи 12

Саволро пурра **хонед**

**Гӯед**:

- «Ин мисол бо духтур нишон медиҳад, ки одамон таваллуди навро қабул карда метавонанд».

**Пурсед**:

- «Мизоҷи А чӣ гуна одам мебошад?» *[Вай медонад, ки Масеҳ чиро ба ӯ пешниҳод мекунад, вале аз пайравӣ кардани Ӯ метарсад.]*
- «Мизоҷи Б чӣ гуна одам мебошад?» *[Вай комилан ба он чи ки Масеҳ пешниҳод мекунад, бовар надорад.]*
- «Мизоҷи В чӣ гуна одам мебошад?» *[Вай ба чизе ки Масеҳ пешниҳод мекунад, бовар мекунад ва эътимод дорад, ҳамчунин Ӯро ба ҳаёти худ қабул мекунад.]*
- «Инак, оё мо метавонем, ки таваллуди нави рӯҳониро аз сар гузаронем?» *[Оё ба монанди мизоҷи В ба пешниҳоди Масеҳ бовар карда, - «Илтимос, ба ҳаёти ман дохил шав» – гуфта метавонем?]*

---

## Саволи 13

Лавҳачаро **хонед**

**Гӯед**:

- «Оё Худованд Исои Масеҳро ягон бор ба ҳаёти худ қабул карда будед? Танҳо бо ин роҳ таваллуди навро аз сар гузаронида метавонем. Агар шумо то ҳол ин қадамро нагузоштаед, лутфан, ба назди ман биёед, мо дар бораи ин як ба як гап мезанем».

---

## Д) ТАБИАТИ НАВИ МО *(Саволҳои 14-16)*

## Саволҳои 14-15

**Гӯед**:

- «Мо донистем, ки Худованд Исои Масеҳ ба мо айнияти нав ва таваллуди нав медиҳад. Биёед бубинем, ки ин табиати нав ҳаёти якчанд нафар одамонеро, ки пайрави Масеҳ шудаанд, дигар кардааст.»

Нақли одамонеро, ки дар чорчӯбаи саволҳои 14 ва 15 ҷой дода шудаанд, **хонед.** Шумо ва хонандагон бо навбат нақлҳоро хонда метавонед.

Ҳамон қисми саволи 15, ки бо «Чӣ гуна дигаргуниҳои воқеӣ ...» сар мешавад, **хонед.**

**Пурсед**:

- «Шумо дар ин қисм чӣ навиштед?» *[Ҳар як иштирокчӣ бояд як дигаргуние, ки аз сар гузарондааст, нақл кунад.]*

---

## Е) МУҲОРИБАИ РӮҲОНИИ МО *(Саволҳои 17-20)*

### Саволи 17

Сархати аввал ва порчаро аз Китоби Муқаддас, ки дар чорчӯба ҷой дода шудааст, **хонед.**

**Пурсед**:

- «Мувофиқи ин порчаи Китоби Муқаддас, кадом рафтор нишонаи табиати кӯҳна мебошад?» *[Ғазаб, хашм, кина, бадгӯӣ ва бадзабонӣ.]*
- «Оё ин дар рафтори мо зоҳир мешавад?» *[Ҷавоби шахсӣ]*
- «Кадом фаромиш дар ин порча алоқамандона ба ин рафтор ба мо дода мешавад?» *[Аз худ дур кардан. Ин рафтор ба либоси чиркин монанад аст. Ва ба ҷои он мо бояд табиати навро ба монанди либоси нав «дар бар кунем»]*
- “Оё ин осон аст?” *[Мушкил! Мо бо қуввати худамон ин корро карда наметавонем.]*

---

### Саволи 19

Сархати аввалро **хонед**

**Пурсед**:

- «Ин ду буз чиро мефаҳмонанд?»

*[Бузи сиёҳ табиати кӯҳани гуноҳкоронаро мефаҳмонад, бузи сафед - табиати навро дар Масеҳ.]*

- «Кадоме аз инҳо дар зиндагии мо ғолиб меояд?»

  *[Ҳамоне, ки «бештар хӯрок медиҳем», мисол, агар мо ба табиати нави худ дар Масеҳ бештар аҳамият диҳем, пас он пурқувваттар мегардад, вале агар мо ба табиати кӯҳна озодӣ диҳем, пас он аз болои мо ҳукмронӣ мекунад.]*

**Тамошо кунед**: видео дар бораи ҷанги бузи сафед ва сиёҳ.

http://www.youtube.com/watch?v=HG24G-dGzrQ

**Пурсед**:

- «Чӣ тавр шумо дар амал ба «бузи сафед» ёрӣ расонда метавонед ва хӯрондани «бузи сиёҳ» -ро бас мекунед»? *[Ҷавоби шахсӣ. Шумо низ аз таҷрибаи худ нақл кунед. Фаҳмонед, ки ин мубориза ҳаррӯза аст, ва шумо то ҳол мубориза мебаред ва ҳоло низ комил нестед.]*
- «Ин муҳориба осон нест, ва агар мо бо қуввам худ мубориза барем, мағлуб мешавем. Пас, кӣ ба мо қудрати ғалабаро дода метавонад?» *[Худо, ки дар мо бо Рӯҳи Поки худ зиндагӣ мекунад. Мо оиди ин дар дарси 4 бештар фаҳмида метавонем. Дар Инҷили Шариф гуфта шудааст:«Ҳамааш аз дастам меояд, бо мадади Масеҳ, ки маро қувват мебахшад» (Ба Филиппиён 4:13).]*

### Масъалаи фарҳангӣ: *Ҷиҳод*

Вақте ки мо калимаи «Ҷиҳод»-ро мешунавем, дар бораи ифротиёни динӣ, ки дар хабарҳо гуфта мешавад, фикр мекунем. Вале маънои калимаи *ҷиҳод* – ин «мубориза» мебошад. Ин калима ҳамчунин низои яроқнокро мефаҳмонад, ки «ҷиҳоди хурд» ном дорад. «*Ҷиҳоди* бузург» - ин мубориза барои итоат кардан ба стандартҳои ахлоқии Худо мебошад. Ин мафҳум бо «набарди рӯҳонӣ» ҳаммаъно аст, ки дар он мо бар зидди гуноҳ мубориза мебарем. Беҳтар аст, агар мо онро бо чунин тарз фаҳмонда диҳем. Вале ба ҳар ҳол ба хонандагон эҳтиёт бошед. Агар истилоҳи *ҷиҳод* барои онҳо экстремизми диниро фаҳмонад, пас ин монандкуниро истифода набаред.

## Саволи 20

2 Қӯринтиён 5:17-ро **хонед** (дар чорчӯба), кӯшиш кунед, ки онро якҷоя аз ёд гӯед ва тафтиш кунед, ки то кадом андоза беҳтар аз худ кардаед.

## Дуои хотимавӣ

### Масъалаи фарҳангӣ: *Ҳолат дар вақт дуогӯӣ*

Дар расми саволи 20 кафи дастҳо болои ҳам гузошта нашудааст ба боло нигаронида шудааст. Шумо боре ба худ савол додаед, ки барои чӣ имондорон одатан дар вақти дуо кардан сарашонро хам карда чашмонашонро мепӯшанд ва кафи дастонашонро бо ҳам мегузоранд. Ин ҳеҷ бадие надорад, вале дар ягон ҷои Китоби Муқаддас дар ин бора фармоиш дода нашудааст, вале дар бораи ҳолатҳои гуногун дар вақти дуо мисолҳо оварда шудаанд. Дар баъзе маданиятҳо одамон кафи дастонашонро ба боло нигаронида, дуо мегӯянд ва ин тарзи дуогӯӣ ба хонандагон маълум аст. Ин усули хуби ифодаи он аст, ки мо бо умеди марҳамат ба назди Худо бо дастони холӣ меоем. Агар хоҳиш дошта бошед, аз хонандагон пурсед, ки оё онҳо пеш аз ин бо чунин тарз дуо мекарданд ва оё пас аз пайрави Исо гардидан ҳам онҳо бо ин тарз дуо кардан мехоҳанд.

## ДАР АНҶОМИ ВОХӮРӢ

***ПУРСЕД:***

- «Ин дарс ба ҳаёти шумо чӣ гуна таъғиротҳо оварда метавонад?»
  *[Ҳар як иштирокчӣ ва шумо бояд фикри худатонро баён кунед.]*

***ХОНЕД:*** Супориши амали дарси дуюм.

***ГӮЕД:***

- «Лутфан, Супориши амалиро дар ин ҳафта иҷро кунед. Ҳамчунин Дарси 3-ро дар хона омӯзед».

**БО ДУО БА АНҶОМ РАСОНЕД:** Аз Худо хоҳиш кунед, ки дар набарди ҳаррӯзаи рӯҳонӣ ба шумо пирӯзӣ диҳад.

## Дастурамал барои дарси 3 Худо Падар

### МАҚСАДИ ДАРС 3

Ҳар як хонанда бояд:

а. Барои сӯҳбат кардан бо Худо ҳамчун бо Падар ҳавасманд гардад

б. Фаҳмонида тавонад, ки чаро пайравони Масеҳ Исоро Писари Худо меноманд

в. 1 Юҳанно 3:1-ро аз ёд кунад

г. Муҳаббати поки Худои Падарро дарк кунад ва кӯшиш намояд, ки чунин муҳабатро ба фарзандон нишон диҳад.

### ДАР ОҒОЗИ ВОХӮРӢ

***БО ДУО САР КУНЕД***

***СУПОРИШИ АМАЛИИ ҲАФТАИ ГУЗАШТА***

- Гӯед: «Супориши амалии дарси дуюм дар бораи мубориза бар зидди се одати бади табиати кӯҳна мебошад. Он чӣ хел гузаронида шуд? Ба пешравӣ муяссар шудед ё мушкилӣ кашидед?»

***МАВЗӮИ ИМРӮЗА***

- Гӯед: «Дар баъзе динҳо гуфта мешавад, ки Худоро Падар хондан куфр ё *ширк* мебошад! Вале Худоро аз ҷиҳати рӯҳонӣ Падар хондан барои пайравони Масеҳ имтиёзи бузург аст, ва мо имрӯз дар бораи ҳамин мавзӯъ сӯҳбат мекунем»

***ҶАВОБҲО БА САВОЛҲОИ ХОТИМАВИИ ДАРС***

- Дар якҷоягӣ Хулосаи Дарси 3-ро кушоед. Нигоҳ кунед, ки хонанадагон чӣ гуна ҷавоб доданд.
  Ба ҷавобҳои дуруст диққат кунед:
  *Саволи 1:* а) Падар; б) Падар
  *Саволи 2:* а) Рост; б) Рост; в) Рост
  *Саволи 3:* муҳаббате, фарзандони, чунин.
- Мо оятеро, ки барои аз ёд кардан дода шудааст, дертар машқ мекунем.

### Масъалаи фарҳангӣ: Худоро *«Падар»* хондан

Дар баъзе динҳо таълим медиҳанд, ки Худоро шинохтан номумкин аст , ва Ӯ зоти илоҳии Худро ба ҳеҷ кас ошкор намекунад. Барои онҳо калимаи арабии *ширк* маънои ба Худи Худо шарик кардани кадом як офаридаро дорад. Онҳо мӯътақиданд, ки Падар хондани Худо нуқтаи назари инсонӣ буда, ба амали ҷимоъ вобастагӣ дорад, бинобар ин Худоро Падар хондан *ширк* ҳисобида мешавад. Вале Худоро Падар хондани мо нишон медиҳад, ки Худо ба мо наздик аст ва ба воситаи Исои Масеҳ бо мо муносибат сохтан мехоҳад. Дар бораи ин мавзӯъ дар дарси 3 муфассалтар маълумот пайдо хоҳед кард.

## А) ИСОИ МАСЕҲ ХУДОРО «ПАДАР» ХОНДААСТ *(Саволҳои 3-9)*

## Саволи 4

Порчаеро аз Юҳанно 5:19-27 **хонед**.

**Пурсед**:

- «Чанд бор шумо дар ин порча ба гирди калимаҳои «Писар» ва «Падар» давра кашидед? *[Шояд чор бор – Писар ва чор бор - Падар бошад.]*
- «Агар Худи Исо ин унвонҳоро ном гирифта бошад, оё мо аз онҳо худдорӣ кунем?» *[Не.]*
- «Барои чӣ дӯстони беимони мо ба зидди унвонҳои Писар ва Падар эътироз баён мекунанд?» *[Чунки ба ақидаи онҳо, гӯё, пайравони Масеҳ таълим медода бошанд, ки Худо барои фарзанддор шудан бо зан алоқаи ҷинсӣ кардааст.]* «Магар мо чунин таълим медиҳем?» *[Не! Ин ақида барои мо ба ҳамон андоза таҳқиркунанда аст, ки барои шахсоне, ки Масеҳро пайравӣ намекунанд.]*

---

## Саволи 7

Сархати аввалро **хонед**

**Пурсед**:

- «Аз фарҳанги халқи худ  мисол оваред, кадом вақт калимаи «писар» - ро истифода бурда, писари ҷисмониро дар назар надоред? *[Ҷавоби шахсӣ.]*

---

## Илова ба Саволи 4

**Гӯед**:

- «Мо дар саволи 6 дидем, ки чӣ тавр калимаи «писар» дар давраи Аҳди Кадим алоқамандона ба одамони махсус, ки бо муҳаббат ба Худо зиндагӣ карда, баъзе хислатҳои Ӯро дар худ нишон додаанд ва бо қудрати бузурги Худодод корҳои аҷоиб кардаанд, истифода бурда шудааст. Биёед боз порчаеро, ки дар доираи саволи 4 оварда шудааст, мехонем, то дида тавонем, ки чӣ тавр Исои Масеҳ ҳамаи ин вазифаҳоро ҳатто зиёдтар аз ҳама иҷро кардааст»

**Пурсед**:

- «Кадом иборахо дар ин порча  муносибати наздики Исои Масеҳро бо Худои Падар мефаҳмонад?»  *[«Чунки Падар  Писарро дӯст медорад ва ҳар он чӣ Худаш мекунад, ба Писар нишон медиҳад».]*
- «Кадом иборахо нишон медиҳанд, ки Исои Масеҳ сифатҳои Худои Падарро дар Худ дорад?»  *[«Зеро ки он чи Ӯ мекунад, Писар низ мекунад». «Зеро ҳамчунон ки Падар дар Худ ҳаёт дорад, ба Писар низ ончунон ато кардааст, ки дар Худ ҳаёт дошта бошад».]*
- «Кадом иборахо мефаҳмонанд, ки Исо бо қудрате, ки Худои Падар додааст, амал мекунад?»  *[«Касе, ки Писарро эҳтиром накунад, Падарро, ки Ӯро фиристодааст, эҳтиром накардааст». «Ба Ӯ қудрат бахшидааст, ки доварӣ кунад»]*

**Гӯед**:

- «Ҳамин тавр Исои Масеҳ ҳамаи вазифаҳои «Писари Худоро», истилоҳи дар Аҳди қадим истифодашударо иҷро кардааст. Ӯ ҳама вақт бо Падари Худ наздик буд, Ӯ сифатҳои умумиро бо Падари Худ дорад, ва бо қудрате, ки Падар ба Ӯ бахшидааст, ҳукмронӣ мекунад».
- «Ва илова бар ин Исои Масеҳ боз ҳам бештар изҳорот додааст, мо дар ин бора дар дарси ҳаштум хонда метавонем»

## Саволи 8

Сархати аввалро **хонед**

**Пурсед**:

- «Кадом изҳороти Исои Масеҳ нишон медиҳад, ки Ӯ бо Падар табиати умумӣ дорад?» *[«Касе, ки Маро дидааст, Падарро дидааст»]*

Саволи 8-умро то охир **хонед**

**Гӯед:**

- «Ба ҷуфтҳо тақсим шавед. Як шахс нақши пайрави Масеҳро иҷро мекунад. Дар давоми се дақиқа ба дигар шахс, гӯё ба беимон кӯтоҳ фаҳмонед, ки барои чӣ мо унвони «Писари Худоро» алоқамандона бо Исои Масеҳ истифода мебарем. Шумо метавонед, ки ҳамаи қисмҳои саволҳои 3-9-ро истифода баред ва ё  кӯшиш кунед, ки онро мустақилона фаҳмонида диҳед».
- «Акнун нақшҳоро иваз кунед, ва шахси дуюм низ айни ҳамонро ба шахси якум фаҳмонида диҳад»
*[Ин машқи гурӯҳӣ аст. Вале агар ин курсро бо як шахс гузаронида истода бошед, пас онро якҷоя иҷро кунед.]*

## Б) МО НИЗ ХУДОРО «ПАДАР» ХОНДА МЕТАВОНЕМ *(Саволҳои 10-18)*

## Саволҳои 10-11

**Гӯед**:

- «Мо Исои Масеҳро Писари Худо хонда метавонем. Ва акнун мо боз қадами калонтар мегузорем. Оё мо метавонем Худоро дар Масеҳ Падари худ хонем? Биёед дар ин бора гап мезанем»

Тамоми саволи 10 ва сархати аввали саволи 11-ро **хонед**.

**Пурсед**:

- «Оё мо Худоро ба маънои рӯҳонӣ Падар хонда метавонем?» *[Бале]*
- «Барои чӣ?» *[Чунки Парвардигор моро ба воситаи Исои Масеҳ, «Бародари калонӣ», фарзандони рӯҳонии Худ гардонидааст.]*
- «Кадом оят дар саволи даҳум мегӯяд, ки мо имтиёз дорем, ки Худоро Падар хонем?» *[1 Юҳанно 3:1]*

Бо таври амалӣ маънои 1 Юҳанно 3:1-ро, ки барои аз худ кардан таъин шудааст, **ошкор кунед**

- Ҳар як калимаро ба коғазҳои алоҳида навишта, онҳоро омехта кунед.
- Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро бо тартиб гузоранд ва оятро хонанд.
- Акнун ду–се коғазпораро як сӯ монда, оятро аз нав такрор кунед.
- Ин амалро то он вақт давом диҳед, ки ҳар кас тавонад оятро бе ёрии коғаз баён кунад.

## Саволи 12

Саволро пурра **хонед**

**Пурсед**:

- «Фарқи байни муҳаббати падари заминии мо ва муҳаббати Падари Осмонии мо дар чист?» *[Падарони заминии мо ба хотири дастовардҳои мо моро дӯст дошта метавонанд, вале Падари Осмонии мо моро чӣ хеле ки ҳастем, ҳамон тавр дӯст медорад.]*
- «Оё моро Парвардигор доимо дӯст медорад, ё ин ки агар фақат мо худро шоиста нишон диҳем?» *[Доимо.]*
- «Оё мо фарзандони худро доимо бояд дӯст дорем ва ё агар ба шарте ки онҳо худро шоиста нишон медиҳанд?» *[Доимо.]*

---

## Саволи 13а

**Гӯед**:

- «Пеш аз он ки мо дар бораи Парвардигор ҳамчун Падари Осмонӣ фикр кунем, биёед дар бораи муносибати мо бо падари заминиамон фикр мекунем ва сухан меронем. Мо медонем, ки ҳар яки мо бо падарони заминии худ муносибатҳои гуногун дорем, ва ҳеҷ як аз падарони заминии мо комил нестанд. Баъзе аз мо, шояд дар муносибат падари худ мушкилиҳо доштем. Вале Падари Осмонии мо тамоман дигар аст! Муҳаббати вай нисбат ба мо беолоиш аст».

*Эзоҳ*: Лутфан, ба саргузашти хонандагон боэҳтиёт бошед? Онҳо дар бораи падарони худ хотираи ногувор дошта метавонанд. Ба онҳо имкон диҳед, ки дар ин бора бемалол нақл кунанд

.

Сарҳати аввали саволи 13-ро пурра **хонед**

**Пурсед**:

- «Оё касе мехоҳад, ки аз ҳаёти бачагӣ дар бораи падари заминиаш нақл кунад? *[ Агар чунин шуморед, ки ин савол барои хонандагон хеле шахсӣ ва эҳсосотӣ аст, онро надиҳед. Барои аз таҷрибаи худ оиди муносибати шумо бо падари заминии худ нақл кардан тайёр бошед.]*

---

## Саволи 13б

Сарҳати дуюм ва сеюми саволи 13-ро **хонед**

**Пурсед**:

- «Оё мо баъзан тарсро эҳсос мекунем, ки Парвардигор ба он падаре шабоҳат дорад, ки аз афтидани писари худ ба замин парвое надорад?» *[Хонандагонро водор кунед, ки тарси худро баён кунанд. Сипас бовар кунонед, ки Парвардигор ҳеҷ гоҳ моро тарк намекунад! Ӯ ваъда додааст: «Ман туро тарк нахоҳам кард ва туро нахоҳам партофт» Ибриён 13:5)*

### Масъалаи фарҳангӣ: *Наздикӣ ба Парвардигор*

Дӯстоне, ки мӯътақиди динҳои дигар мебошанд, бисёр вақт Худоро дур ва дастнорас медонанд. Гарчанде ки онҳо дар бораи Ӯ мегӯянд: «Мо ба Ӯ аз пӯсти баданамон ҳам наздиктар ҳастем», вале ин муносибати дутарафаро намефаҳмонад. Мафҳуми муносибати наздикро бо Худо бисёр касон намедонанд. Фаҳмиши пайравони Масеҳ дар бораи Худо комилан фарқ дорад – Худованд воқеан омад, то ки моро наҷот диҳад ва Ӯ пешниҳод мекунад, ки мо Ӯро «Падар» хонем.

## Саволҳои 14-15

Луқо 15:11-24-ро **хонед**

**Пурсед**:

- «Дар ҳикояе, ки Исо нақл кардааст, чӣ оиди падар ҳайратбахш аст?» *[Ӯ писаре, ки ӯро шарманда кард, аз нав ба даргоҳаш қабул намуд!]*
- «Шумо чӣ фикр доред, Исо дар бораи Худо ба мо чиро таълим медиҳад?» *[Худо ба падари саховатманд монанд аст. Ӯ моро мепазирад ва мебахшад, Гарчанде ки мо Ӯро сахт таҳқир кардаем!]*

---

## Вопрос 16

Саргузашти Назирро **хонед**.

**Пурсед**:

- «Оё касе ба мисли Назир чунин саргузашт дорад?» *[Хонандагон бояд саргузашти зиндагии худро нақл кунанд. Агар то ҳол рад шуданро аз сар нагузаронида бошанд ҳам, пас аз он ки оилаи онҳо оиди ба Масеҳ имон овардани онҳо хабардор мешаванд, чунин ҳолат метавонад ба амал ояд.]*
- «Фарқи падари Назир аз Падари Осмонии мо дар чист?» *[Падари Осмонии мо ҳеҷ гоҳ моро тарк намекунад!]*

---

## Саволи 18

Саволро пурра **хонед**

**Гӯед**:

- «Биёед якҷоя ин оятро аз Забур такрор мекунем» *[Якҷоя талаффуз кунед: «Агар ҳатто падар ва модарам маро тарк кунанд ҳам, Худои ҷовидон маро пазирой мекунад»]*

## ДАР АНҶОМИ ВОХӮРӢ

***ПУРСЕД:***

- «Ин дарс ба ҳаёти шумо чӣ гуна дигаргуниҳо меорад?»
*[Шумо ва ҳар як хонанда бояд фикри худро баён кунед.]*

Супориши Амалии дарси сеюмро ***ХОНЕД***

***ГӮЕД:***

- «Лутфан, ин супориши амалиро дар якҷоягӣ бо фарзандони худ ё фарзандони хешу табори шумо хонед. Лутфан, ҳамчунин дар хона дарси 4-ро хонед»

Сурудеро дар васфи муҳаббати Худои Падар ***ХОНЕД*** (аз рӯи хоҳиш).

***БО ДУО АНҶОМ ДИҲЕД:*** Парвардигорро шукр гӯед, ки мо ба Ӯ аз падари заминиамон дида, бештар такя карда метавонем, ҳамчунин барои он сипос гӯед, ки Ӯ моро пазирой мекунад, ҳатто агар падару модарамон моро рад мекунанд.

## Дастурамал барои дарси 4
# Итоат ба Масеҳ бо қуввати Рӯҳи Ӯ

### МАҚСАДИ ДАРСИ 4

Ҳар як хонанда бояд:

а. Қарор диҳад, ки дар фикрҳо, суханон ва амал ба Худованд комилан итоат мекунад

б. 1 Петрус 1:15-ро аз ёд кунад

в. Ду мисолеро пешниҳод намояд, ки барои фаҳмондани таслис то ба андозае кӯмак расонад.

г. Хоҳиши бештару бештар аз Рӯҳулқуд пур шуданро дошта бошад

### ДАР ОҒОЗИ ВОХӮРӢ

***БО ДУО САР КУНЕД***

***СУПОРИШИ АМАЛИИ ҲАФТАИ ГУЗАШТА***

- Гӯед: «Супориши амалии дарси сеюм аз он иборат аст, ки бо ду усул муҳаббати бешартро ба бачагон нишон диҳад. Чӣ гуна усулҳоро шумо фикр карда баромадед ва оё онҳоро дар амал истифода бурдед?»

***МАВЗӮИ ИМРӮЗА***

- Гӯед: «Мо имрӯз мефаҳмем, ки чӣ тавр Исои Худованд ва Рӯҳи Ӯ дар зиндагии мо кор мекунад. Ҳамчунин мо камтар дар бораи он ки Падар, Писар ва Рӯҳулқудс ба якдигар тааллуқ доранд ва Худои ягонаи ҳақиқӣ мебошанд»

***БА САВОЛҲОИ ХОТИМАВИИ ДАРС ҶАВОБ ДИҲЕД***

- Дар якҷоягӣ Хулосаи дарси 3-ро кушоед. Диққат кунед, ки хонандагон ба саволҳо чӣ гуна ҷавоб додаанд.
- Ҷавобҳои дуруст:
  *Саволи 1:* а), б), в) ва г) ҳамаашон ҷавобҳои дуруст мебошанд
  *Саволи 2:* б)
  *Саволи 3:* чунон ки Даъваткунандаи шумо муқаддас аст, худатон низ дар тамоми рафторатон муқаддас бошед. (1 Петрус 1:15)
  *Саволи 4:* б)

***Пурсед:***

- Оё Супориши Амалиро иҷро кардед? Оё дар амал ба кӯдакон муҳаббат нишон додед? Чӣ кор кардед? *[Хонандагон бояд амали иҷро намудаи худ ва натиҷаи онро баён кунанд]*

## Масъалаи фарҳангӣ: *Фаҳмидани Таслис*

Баъзе шахсон ба Исои Масеҳ имон оварда бошанд ҳам, табиати илоҳии Ӯ ё вобастагии Ӯро дар Таслис бо Падар ва Рӯҳулқудс пурра дарк намекунанд. Пас аз чанд муддате онҳо барои фаҳмидани он кӯшиш мекунанд. Бинобар ин Дарси 4 ба андозае, ба ҷузъиётҳо дода нашуда, сегонагии Худоро мефаҳмонад, чунки он курси базавӣ мебошад. Диққати асосӣ ба он равона карда мешавад, ки мо, ҳатто агар сегонагии Худоро пурра *намефаҳмем,* дар ҳаёти худ Худо Падар, Писар ва Рӯҳулқудсро чӣ гуна *эҳсос* мекунем.

Баъзе имондорон, қисман, аз сабаби пайдо накардани ҷавоби қаноатбахш дар бораи Таслис пайравӣ кардани Масеҳро бас карданд. Аз ҳамин сабаб ин мавзӯъ хеле муҳим мебошад. Ҳамчунин ба онҳо таълим додани усули осони дифоъ кардани ин таълимот аз касоне, ки ин мавзӯъро истифода бурда, ба онҳо ҳамла мекунанд, зарур аст. Лекин ба ҳар ҳол, мо бо ақли худ ин масъаларо пурра фаҳмида наметавонем, ва баъзан ҳангоми гумроҳии маънавӣ ин баҳона ё воситаи худсафедкунӣ мегардад. Бинобар ин, шумо ҳамчун муаллим, ба ин масъала диққати ҷиддӣ зоҳир намуда, бо истифода аз фурсат, ин мавзӯъро бо хонандагон ба таври амиқ бояд ҳаллу фасл намоед.

Рӯҳулқудс Худоро барои мо воқеан ошкор менамояд, ба сӯи Падар роҳ мекушояд ва моро ба Исо монанд мекунад. Дар баъзе динҳо гуфта мешавад, ки одам бо кӯшиши худ хоҳишҳои Худоро ба амал бароварда метавонад. Бинобар ин дар ин дарс таъкид карда мешавад, ки мо танҳо бо қуввати Рӯҳулқудс мутобиқи иродаи Худо зиндагӣ карда метавонем. Мувофиқи ин дарс мо бояд ҳар рӯз аз Рӯҳулқудс пур шуда аз Ӯ хоҳиш кунем, ки роҳбари ҳаёти мо бошад. Дар ин дарс кӯшиш карда мешавад, ки аз ихтилофи ақидаҳо дар мавриди таълимот, махсусан оиди Пантикост, худдорӣ намоем.

## А) КОРИ ИСОИ МАСЕҲ ДАР ҲАЁТИ МО (*Саволҳои 2-6)*

### Саволи 4а

**Гӯед**:

- «Мо Исои Масеҳро, ки Ҳоким ва Устоди мо мебошад, пайравӣ мекунем. Мо ба Ӯ бо воситаи алоқаи мустаҳкам, ки «аҳд» ном дорад, пайванд гардидаем. Биёед дар бораи ин сӯҳбат мекунем»

 Сархати аввалро **хонед**

 **Пурсед**:

- «Калимаи «аҳд»чӣ маъно дорад?» *[Ин ӯҳдадории қавӣ ё шартномае мебошад, ки вайрон кардан мумкин нест. Ҳамчунин ба саволи 4 нигаред.]*
- «Мӯсо ҳамчун нишонаи аҳд ё шартнома бо Худо чиро ба одамон пош дод?» *[Хуни ҳайвоноти қурбонӣ кардашударо.]*
- «Мувофиқи 1 Петрус 1:2, ҳамчун нишонаи аҳд ё шартнома бо Худо мо барои «пошидани» чӣ интихоб шудаем?» *[Хуни Исои Масеҳ, ба саволи 2 нигаред.]*

## Масъалаи фарҳангӣ: *Қурбонӣ ва Аҳд*

Динҳои дигар мегӯянд, ки бо ягон тарзе қурбонӣ гуноҳро бартараф мекунад. Ин ақида дар иди Қурбон акс меёбад, ки дар он одамон Иброҳимро ба хотир меоранд, ки ӯ чӣ тавр фарзанди худро ба қурбонӣ оварда буд (бо Ҳастӣ 22 муқоиса кунед). Гарчанде баъзеҳо ақида доранд, ки қурбонӣ ҳақиқатан гуноҳро бартараф мекунад, вале онҳо бо вуҷуди он намедонанд, ки ин нишонаи аҳди байни одаму Худо мебошад.

Дар Хуруҷ 24 қурбонӣ кардани ҳайвонот на фақат барои бартараф кардани гуноҳ буд, балки ин нишона ё мӯҳре буд, ки халқи Худо бо Ӯ бо воситаи ӯҳдадории қавӣ, ки мо «аҳд» меномем, пайванд шудааст. Дар Инҷил Масеҳ бо воситаи Хуни Худ аҳди наверо мӯҳр зад. Хонандагон бояд фаҳманд, ки ҳарчанд қурбонии Масеҳ моро аз гуноҳҳои гузашта халос мекунад, вале ин чунин маъно надорад, ки мо боз рафта гуноҳамонро давом дода метавонем! Баръакс, мо акнун бо Ӯ дар аҳди мустаҳкам қарор дорем. Мо ин мавзӯъро дар дарси 15, саволҳои 17-22 чуқуртар меомӯзем.

---

## Саволи 4б

Сархати дуюмро аз «Ин ӯҳдадорӣ хеле қавитар...» сар карда, **хонед**

**Пурсед**:

- «Ин ҷумла чӣ маъно дорад?»
  *[Дар баъзе маданиятҳо консепсияи роҳбари рӯҳонӣ ё муаллим (муршид) хеле қавитар аз дигар маданиятҳо мебошад. Агар ин ба контексти шумо мувофиқ набошад, пас онро истифода набаред. Вале гап дар он аст, ки ӯҳдадории мо бо Устодамон Масеҳ маънои онро дорад, ки мо бояд ба Ӯ дар ҳама чиз итоат кунем. Вале агар дар бораи ӯҳдадории мо дар назди Ӯ сухан равад, он нисбат ба ӯҳдадории шогирд дар назди муаллим хеле бузургтар аст, чунки Масеҳ аз ҳар гуна муаллим дида, дар мо хеле зиёдтар амал намудааст!]*

## Масъалаи фарҳангӣ: *Таҷрибаи шогирдсозӣ*

Баъзе динҳо таъкид месозанд, ки шахс ҳатман бояд муаллим ё роҳбари рӯҳонии худро дошта бошад, онро бо забони арабӣ *«муршид» мегӯянд*. Ин шахс аз болои «шогирдони» худ, ки барои дар ҳар чиз итоат кардан ба ӯ қасам хӯрдаанд. қудрати бузурге дорад. Вобаста ба муҳит ин шабоҳат ба хонандагон ёрӣ расонда метавонад, ки чӣ қадар қавӣ будани ӯҳдадориамонро дар роҳи пайравии Исои Масеҳ дарк намоем (гарчанде ки хонандагон, шояд, Ӯро *«муршид» номидан намехоҳанд*).

---

## Саволи 5

**Нигаред** ба ин се расм.

**Пурсед**:
- «Шумо чӣ фикр доред, чӣ зарууртар аст: ба Исо дар амал, сухан ё дар фикр итоат кунем?» *[Дар ҳақиқати ҳол ин ҳамаи ин се соҳа муҳим мебошанд, ва мо набояд ягонтои онҳоро сарфи назар кунем!]*
- «Оиди он аз ҳаёти худ мисоле оваред, ки чӣ тавр Исо барои итоат кардан дар амал, сухан ва фикр Ӯ ба шумо мадад кард». *[Ба муҳокимаронӣ ҷалб кардани ҳар як касро фаромӯш накунед, ҳатто аз ҳама дида шармгинонро.]*

---

## Б) КОРИ РӮҲУЛҚУДС ДАР ҲАЁТИ МО *(Саволҳо 7-12)*

## Саволи 7

**Гӯед**: «Акнун биёед чуқуртар меомӯзем, ки Рӯҳулқудс дар ҳаёти мо чӣ тавр кор мекунад»

Сархати аввалро **хонед**.

**Пурсед**:
- «Мувофиқ ба таълимоти Китоби Муқаддас Рӯҳулқудс кӣ мебошад?» *[Ҳузури шахсии Худо, ки дар дунё ва махсусан дар ҳаёти шогирдони Масеҳ фаъол аст.]*
- «Аз ҳамон вақте, ки шумо пайрави Масеҳ шудед, оё ҳузури Худо дар ҳаёти шумо аз пеш дида зиёдтар воқеӣ гардид?» *[Аксари ҷавобҳо мусбӣ мебошанд.]* «Пас, кӣ дар ҳаёти шумо дигаргуниҳоро ба вуҷуд меорад?» *[Рӯҳи Худо, ки Рӯҳулқудс ном дорад.]*

### Масъалаи фарҳангӣ: *Рӯҳулқудс ва Ҷаброил*

Дар маводи ин курс дар саволи ҳаштум ҷавоби а) қайд карда мешавад, зеро ки намояндагони динҳои дигар чунин мешуморанд, ки Рӯҳулқудс номи фаришта Ҷаброил мебошад (бо арабӣ – *Ҷабраил).*

---

## Саволи 9

Тамоми саволро то лавҳача **хонед**.

**Пурсед**:
- «Шумо ба ин саволҳо чӣ гуна ҷавоб додед?» *[Ҷавобҳои худӣ, барои муҳокимаронӣ. Ҷавобҳои эҳтимолӣ: а) як, б) се, в) ҳа, г) не.]*
- «Оё ин мисол ба андозае ба мо ёрӣ расонда метавонад, ки мо Худоро ҳамчун Падар, Писар ва Рӯҳ тасаввур кунем ва онҳоро фарқ карда тавонем, вале аз ҳамдигар ҷудо накунем?» *[Муҳокима кунед.]*

**Гӯед**:

- «Албатта, ягон мисоли инсонӣ Худои Офаридгорро пурра тасвир карда наметавонад. Вале дар ёд дошта бошед, ки ин ҷо дар лавҳача муаллим гап мезанад. Агар офаридаҳои Худо се дар як мавҷуд буда тавонад, пас барои чӣ Офаридгори онҳо чунин буда наметвонад?»

---

## Саволи 11

Сархати аввалро **хонед**.

**Пурсед**:
- «Шумо ба саволи а) чӣ гуна ҷавоб додед ва барои чӣ?» *[Аз нуктаи назари илмӣ, агар офтоб нур намедошт, мо онро дида наметавонистем, ва агар он гармӣ ихроҷ намекард, мо онро эҳсос карда наметавонистем.]*
- «Шумо ба саволи б) чӣ гуна ҷавоб додед ва барои чӣ?» *[Агар Худо писари Худро намефиристод, мо намедонистем, ки Ӯ чӣ гуна аст. Агар Ӯ Рӯҳулқудсро намефиристод, мо Ӯро дар ҳаёти худ шахсан эҳсос карда наметавонистем.]*

**Гӯед**:
- «Як Худо мавҷуд аст, ки Падар, Писар ва Рӯҳулқудс мебошад. Ин назар ба тасаввуроти намояндагони динҳои дигар дар бораи Худо хеле мураккаб садо медиҳад. Вале дар ёд дошта бошед, ки Худо офаридгори диданашаванда аст, ва Худро дар замин ва дар ҳаёти мо ошкор карда наметавонад. Ӯ ба монанди офтобе буд, ки гармӣ ва нур надошт. Мо наздикии Худоро танҳо бо он роҳ эҳсос карда метавонем, ки Вай як дар се аст».

**Мафҳуми имонро фаҳмонед, ки ҳатто агар мо чизеро пурра фаҳмида наметавонем, бовар мекунем.**
- Таҷҳизот: ашёи сахт (мисол, мизи чӯбин) ва ашёи нозук (мисол, мизи шишагин).
- Аз ашёи нозук сар кунед (мисол, мизи шишагин). Гӯед: «Агар ман 100% бовар кунам, ки ин ашё маро бардошта метавонад, агар ба болояш бароям, чӣ ҳодиса рӯй медиҳад? Гарчанде ки имони ман қавӣ бошад ҳам, ин ашё нозук аст, ва он мешиканад».
- Ба ашёи мустаҳкам гузаред (мисол, мизи чӯбин). Гӯед: «Тасаввур кунед, ман шубҳа карда истодаам, ки ин миз маро бардошта метавонад, ман бовар надорам. Вале ба ҳар ҳол ман қарор мекунам, ки ба андозае ба ин ашёи сахт бовар кунам. Ин чӣ натиҷа медиҳад? Албатта, он вазни маро дошта метавонад, чунки ашё мустаҳкам аст, на ин ки имони ман».
- Гӯед: «Ин монанди имони мо ба Худо ҳамчун Худои Сегона мебошад. Муҳим он нест, ки то чӣ андоза мо инро дарк мекунем, ё имони мо то кадом дараҷа аст, балки муҳим он аст, ки бо имон *ба кӣ* такя дорем. Қудрати Ӯ бузург аст».
- «Бинобар ин ҳатто агар шумо эҳсос мекунед, ки Худоро ҳамчун Худои Сегона шинохтан хеле мушкил аст, пас ба таври оддӣ ба Худои *ягона, ки* шумо имон доред, эътимод кунед ва итоат намоед. Вай ба монанди мизи мустаҳкам шуморо нигоҳ медорад».

## Шинохтани Таслис

**1 Петрус 1:2-9-ро хонед**

**Гӯед**:
- «Ин оятҳо нишон медиҳанд, ки ҳатто агар пурра Ӯро *дарк* карда натавонем ҳам, мо Худоро ҳамчун Худои Сегона *шинохта* метавонем.

**Пурсед**:

- «Ояти  2: Худо Падар, Худо Писар ва Худо Рӯҳ дар ҳаёти мо чиро ба амал овардааст?»
- *[Худои Падар моро бо воситаи Рӯҳ барои итоат ва пошидани хуни Масеҳ пешакӣ таъин кардааст.]*
- «Ояти 3: Худо Падар, Худо Писар ва Худо Рӯҳ дар ҳаёти мо чиро ба амал овардааст?» *[Падар ба воситаи эҳё шудани Писари Худ Исо ба мо ҳаёти нав додааст.]*
- «Ояти 5, чӣ моро дар давраи зиндагиамон дар замин муҳофизат мекунад?»  *[Қуввати Худо.]*
- «Ояти 6, мо ба озмоишҳои гуногун бояд чӣ гуна аксуламал нишон диҳем?» *[Мо бояд хурсанд шавем.]*
- «Оятҳои 8-9, гарчанде ки мо Худоро ҳамчун Худои Сегона дидан ва дарк кардан наметавонем, ба Ӯ чӣ гуна муносибат дорем?» *[Мо Ӯро дӯст медорем, ба Ӯ бовар мекунем, бо шодии молокалом ва пурҷалол шодӣ мекунем, ба наҷоти ҷонҳоямон муяссар мешавем.]*

---

## Саволи 12

Сархати аввалро якҷоя бо мулоҳизот **хонед**.

**Пурсед**:
- «Имрӯз, Рӯҳулқудс ба мо чӣ гуна қобилиятҳоро ато кардааст?»  *[Муҳокима кунед.]*
- «Оё зарур аст, ки Рӯҳулқудс дар ҳаёти мо фаъол бошад, ё ки ин он қадар муҳим намебошад?»  *[Зарур аст. Бе ёрдами Ӯ мо ҳеҷ коре аз рӯиҳат карда наметавонем.]*

---

# В) РӮҲУЛҚУДС МОРО МУҚАДДАС МЕГАРДОНАД *(Саволҳои 13-16)*

## Саволи 14

Тамоми саволро **хонед**.

**Пурсед**:
- «Шумо чӣ фикр доред, «муқаддас» будан чӣ маъно дорад? Мисолҳо биёред» *[Муҳокима кунед.  Мисол, ин чунин маъно дорад, ки афкори мо тоза мебошад, мо танҳо ҳақиқатро мегӯем, мо дигар одамонро рӯҳбаланд мегардонем, дар бораи заифону нотавонон ғамхорӣ зоҳир мекунем, рафтори бад намекунем ва ғ. Пурра муқаддас будан, маънои ба Худо монанд буданро дорад!]*
- «Ба кадом мисоли покӣ мо тақлид мекунем?» *[Ба мисоли Худи Худо. Мо бояд муқаддас бошем, чунки Ӯ муқаддас мебошад.]*
- «Оё инсон чун Худо муқаддас шуда метавонад?» *[Не, бо қуввати худ ба ин муяссар шудан имконнопазир аст. Дар бисёр динҳо одамоне, ки барои муқаддас гардидан кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ба мақсади худ расида натавониста, сахт рӯҳафтода мешаванд.]*
- «Мутобиқ ба он ки мо пештар хондем, кӣ моро муқаддас мегардонад?» *[Рӯҳи Худо, ояти 2.]*

---

## Саволи 16

Ояти барои аз ёд кардан додашударо **хонед**  ва онро то аз ёд кардан такрор кунед,  .

Суханонеро, ки дар паҳлӯи дастони барои дуо кушодагӣ навишта шудаанд,  **хонед**  ва худи ҳозир оиди он якҷоя дуо кунед.

## Г) РӮҲИ ХУДО ҲАЁТИ МОРО ПУР МЕГАРДОНАД *(Саволҳои 17-20)*

### Саволи 20

Тамоми саволи 20-ро **хонед**

**Гӯед**:

- «Агар мо ҳар рӯз дуо кунем ва бо Худо муносибати наздик дошта бошем, Ӯ ҳақиқатан ҳам моро аз Рӯҳи Худ пур мекунад. Баъзе вақт мо ногаҳон аз Рӯҳ пур шуданро эҳсос мекунем, баъзе вақти дигар – тадриҷан пур шуданро. Ӯ фармудааст, ки мо ҳамеша аз Рӯҳулқудс пур бошем. Дар давоми тамоми умри худ мо бояд бештару бештар аз Рӯҳ пур шуданро идома диҳем!»

---

### ДАР АНҶОМИ ВОХӮРӢ

***ПУРСЕД:***

- «Ин дарс ба ҳаёти шумо чӣ гуна дигаргуниҳо меорад?»
  *[Ҳар як хонанда ва шумо бояд фикри худро баён кунед.]*

Супориши Амалии Дарси 4-ро ***ХОНЕД***

***ГӮЕД:***

- «Лутфан, Супориши Амалиро барои ин ҳафта иҷро кунед. Ҳамчунин дарси 5-ро дар хона омӯзед»

  «Агар шумо то ҳол Навиштаи Муқаддас ё Инҷилро надошта бошед, ҳозир ба назди ман оед». *[Аз дарси 6 сар карда, барои ҳар як хонанда Китоби Муқаддас лозим аст]*

***БО ДУО БА АНҶОМ РАСОНЕД*** Аз Худо талаб кунед, ки шуморо ҳар рӯз аз Рӯҳ пур кунад.

# Дастурамал барои дарси 5
## Сӯҳбат бо Худо

### МАҚСАДИ ДАРСИ 5

Ҳар як хонанда бояд:

а. Дар давоми ҳар рӯз бо Худо сӯҳбат карда тавонад.

б. Дарк кунад, ки дуо ин сӯҳбат бо Худо мебошад, на қоидаи динӣ.

в. Донад, ки тавба, шукргузорӣ ва илтимос қисмҳои дуо мебошанд.

г. Дуои «Эй Падари Осмонӣ» -ро аз ёд кунад.

### ДАР ОҒОЗИ ВОХӮРӢ

***БО ДУО САР КУНЕД***

***СУПОРИШИ АМАЛИИ ҲАФТАИ ГУЗАШТА***

- Гӯед: «Супориши амалии дарси 4 аз он иборат буд, ки ҳар рӯз ба Худо дуо кунем, то ки Ӯ моро аз Рӯҳи Худ пур кунад, шумо инро фаромӯш накардед?» *[Ҷавоби шахсӣ. Мо ҳар ҳафта ичро кардани Супориши амалиро хотиррасон менамоем, то дарк кунанд, ки он қисми муҳимтарини курс мебошад.]*

***МАВЗӮИ ИМРӮЗА***

- Гӯед: «Ба расми саволи 1 нигоҳ кунед. Парвардигор ба Подшоҳи бузург монанд аст. Мо имрӯз мефаҳмем, ки чӣ тавр ба Ӯ наздик оем, чунки Ӯ Падари Осмонии мо мебошад!»

***ҶАВОБҲО БА САВОЛҲОИ ХУЛОСАВИИ ДАРС***

- Тафтиш кунед, ки иштирокдорон ба саволҳои Хулосаи дарс дуруст ҷавоб доданд ё не. Ба ҷавобҳои дуруст диққат кунед:
  *Саволи 1:* а)
  *Саволи 2:* Бахшиш пурсидан аз Худо (барои гуноҳҳоямон); шукргузорӣ (Худоро); аз Худо хоҳиш кардан (оиди мӯҳтоҷиҳоямон) *[Ҷавобҳо бо ҳар гуна тартиб буда метавонанд, калимаҳои дохили қавс зарур нестанд]*
  *Саволи 3:* Ҳамеша дуо гӯед
  *Саволи 4:* Падари Осмонӣ, бигзор номи Ту ҷалол ёбад! Бигзор Малакути Ту биёяд ва иродаи Ту дар замин, чуноне ки дар осмон аст, дар замин ҳам ба амалояд! Ризқу рӯзии моро имрӯз ба мо бидеҳ. Қарзҳои моро бубахш, чуноне ки мо низ ба қарздорони худ мебахшем. Моро ба озмоиш гирифтор накун, балки моро аз иблис раҳоӣ деҳ. Зеро ки Малакут, қувват ва ҷалол то абад аз они Туст. Омин.

## Масъалаи фарҳангӣ: *Теологияи дуо*

Дар дарси сеюм мо қайд кардем, ки консепсияи пайравони Масеҳ дар бораи шинохтани Худо ҳамчун Падар – наздик ва шахсан – ба динҳои дигар ношинос аст. Ин ҳамчунин ба дуо таъсир мерасонад, зеро пайравони Масеҳ дуоро ифодаи муносибатҳои амиқ бо Худо меҳисобанд. Барои пайравони динҳои дигар қоидаҳои ҳатмии дуохонӣ асосан воситаи хотиррасон кардани Парвардигор дар давоми рӯз буда, ҳамчунин воситае барои сазовор шудан ба марҳамати Ӯ мебошад. Бо вуҷуди ин дар байни онҳо дуои ғайрирасмӣ ё дуои шахсӣ низ мавҷуд мебошад, ва боз баъзеҳо ба тафаккури мистикӣ машғул мешаванд, вале ба ҳар ҳол касоне ки пайрави Масеҳ мешаванд, аз пайдо кардани муносибатҳои нав бо Худо, ки пештар дар бораи он намедонистанд, хурсанд мегарданд. Шумо метавонед, ки таҷрибаи хонандагонро оиди дуо то ба Масеҳ имон оварданашон ва баъд аз он пурсон шавед.

## А) ГУФТУГӮ БО ХУДО ҲАМЧУН БО ПАДАР (*Саволҳои 2-5*)

### Саволи 3

Сархати аввалро **хонед**.

**Пурсед**:

- «Барои чӣ Худо ҳамеша омода аст, ки ба дуои мо гӯш андозад?» *[Чунки Ӯ Падари Осмонии мо мебошад.]*
- «Барои чӣ мо барои ба Худо наздик шудан ба шафоатхоҳии одамони муқаддас мӯҳтоҷ нестем?» *[Чунки мо фарзандони рӯҳонии Парвардигор мебошем ва, бинобар ин, ҳуқуқ дорем, ки худамон ба Ӯ наздик шавем!]*

### Саволи 4

Сархати аввалро **хонед**.

**Пурсед**:

- «Кадом ҷавобро шумо қайд кардед?» *[Ҳар як хонанда бояд, гӯяд, ки чиро қайд кардааст. Ҳақиқатан мо бо Худо дар бораи ҳар чизи дилхоҳамон сӯҳбат карда метавонем!]*

## Б) ДУОИ РАСМӢ ВА ШАХСӢ (*Саволҳои 6-10*)

### Саволи 9

**Пурсед**:

- «Бо кадом сабабҳо одамон дуои расмиро мехонанд ва бо кадом сабаб – дуои шахсиро?» *[Бо сабаБҳои мухталиф, одамон бисёр вақт барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти худ «намоз» (дуои расмӣ) ё «дуо» (дуои шахсӣ) мехонанд.]*

- «Мақсади асосии мо барои дуо бояд аз чӣ иборат бошад?» *[Ба Худо наздик шудан ва бо Ӯ аз наздик зиндагӣ кардан. Хоанандагон бояд бо суханони худ дар ин бора гап зананд.]*

## Саволи 10

Сархати аввал ва порчаро дар дохили чорчӯба **хонед** (1 Петрус 1:8).

**Пурсед**:

- «Оё шумо ягон бор «хурсандии тасвирнашаванда ва пуршараф»- ро эҳсос кардаед? Эҳсосоти худро баён кунед .» *[Хонандагон бояд эҳсосоти худро баён кунанд. Шояд баъзе аз онҳо ин корро карда наметавонанд ва ин табиӣ аст.]*
- «Баъзе одамон бо Худо наздик буданро бо воситаи такрор намудани калимаҳо (зикр ё дикр) эҳсос ардан мехоҳанд, вале мо ба Худо чӣ тавр наздик мешавем?» *[Бо воситаи Исои Масеҳ. Вай роҳ ба сӯи қалби Падар мебошад!]*

### Масъалаи фарҳангӣ: *Амали фикрронӣ*

Мистикҳо ба баъзе динҳо сахт таъсир расондаанд. Мисол, муҳаббати инсонӣ дар шеър рамзи саъю кӯшиши одам барои расидан ба Худо мебошад, ошиқ дар ҷустуҷӯи маъшуқ – одам дар ҷустуҷӯи Худо (гарчанде ки таълимоти Масеҳ баръакси ин мебошад!). Фикрронӣ дар баъзе динҳо бо маънои такрори якхелаи калимаҳо, яъне зикр ё дикр (бо заб. арабӣ) фаҳмида мешавад, ки мақсад аз он расидан ба ҳузури Худо мебошад.

---

## В) ҲАМЕША ДУО ГӮЕД *(Саволҳои 11-13)*

## Саволҳои 12-13

Пурра саволҳои 12 и 13 –ро (то лавҳача) **хонед**

**Пурсед**:

- «Дар 1 Таслӯникиён 5:17 ба мо чӣ фармуда шудааст?» *[Ҳамеша дуо гуфтан.]*
- «Дар амал оё ин имконпазир аст?» *[Хонандагон метавонанд, ки таълими саволи 13 –ро бо суханони худ шарҳ диҳанд ё аз таҷрибаи шахсиашон оиди наздикӣ доштан бо Худо дар ҳаёти ҳаррӯзаашон нақл кунанд.]*
- «Аз вариантҳои номбаршуда дар саволи 13 кадомашро шумо қайд кардед?» *[Ҷавобҳои шахсӣ.]*
- «Варианти охирин «пеш аз хӯрок хӯрдан» мебошад. Агар шароит мусоид бошад, оё шумо ин одатро дар худ инкишоф медодед?» *[Ҷавобҳои шахсӣ. Дар он ҷое ки шароити мусоид мавҷуд мебошад, дар худ инкишоф додани ин одат фоидаовар хоҳад буд. Шахсоне, ки бо намояндагони динҳои дигар зиндагӣ мекунанд, ин мушкил менамояд, вале ба ҳар ҳол баъзеҳо барои шаҳодат ин корро карда метавонанд.]*

---

## Г) ДУОИ «ПАДАРИ ОСМОНИИ МО» *(Саволҳои 14-15)*

### Саволи 14

Дуои «Падари Осмонии мо» -ро **аз ёд кунед**.

- *[Суханони дар дохили чорчӯба навишташуда ё ягон усули дигарро, ки ба забони шумо мувофиқтар аст, истифода баред. То пурра аз ёд кардан онро ба порчаҳо ҷудо карда, такрор кунед.]*

**Пурсед**

- «Оё мо дуои «Падари Осмонии мо»- ро хонда ягон хел мукофот мегирем?» *[Не, мукофот намегирем, балки ба Худо наздик мешавем.]*
- «Агар мо дуои «Падари Осмонии мо»- ро як бор не, балки даҳ бор хонем, оё бисёртар мукофот мегирем?» *[Не! Худованд Исо гуфтааст: «Ва дар вақти дуо чун халқҳо пургӯӣ накунед; зеро онҳо гумон мекунанд, ки ба туфайли пургӯӣ дуояшон мустаҷоб мешавад» (Матто 6:7).]*
- «Шумо чӣ фикр доред, бо кадом забон дуо кардан хубтар аст, бо забони арабӣ ё модарӣ?» *[Баъзеҳо фикр мекунанд, ки бо арабӣ дуо кардан хубтар аст. Вале дар асли кор бо забони худ дуо кардан беҳтар аст, чунки он вақт мо хоҳишҳо ва шукргузории худро ба Падари Осмонӣ озодона ифода карда метавонем. Албатта, агар имондорон араб бошанд, пас бо забони модариашон дуо мекунанд.]*

---

## Д) БАХШИШ ПУРСИДАН, ШУКРГУЗОРӢ КАРДАН ВА ХОҲИШ НАМУДАН *(Саволҳои 16-22)*

### Саволи 17

Тамоми саволро **хонед**.

**Пурсед**:

- «Чӣ гуна боварӣ дошта метавонем, ки агар мо бахшиш пурсем, Худо моро мебахшад ва пок месозад?» *[Чунки Ӯ ба мо чунин ваъда додааст. Дар 1 Юҳанно 1:9 гуфта шудааст: «Агар мо гуноҳҳои худро эътироф кунем, Ӯ амин ва одил аст, ки гуноҳҳои моро биомурзад ва моро аз ҳар ноинсофӣ пок созад»]*

### Масъалаи фарҳангӣ: *Дуо ва «Таҳорат»*

Дар яке аз динҳо пеш аз дуои расмӣ маросими шустушӯ бо номи *таҳорат* гузаронида мешавад. Ин як тарзи покшавӣ пеш аз дуо ҳисобида мешавад. Ин тарзи эътирофи гуноҳҳо ба монанди иҷро кардани *таҳорат* аз ҷиҳати рӯҳонӣ барои хонандагон фоидаовар буда метавонад, вале дар баробари ин қайд кардан зарур аст, ки мақз Худо моро пок месозад, на худи амали тавба. Вале агар ин монандӣ ба хонандагон нофаҳмо бошад, онро истифода бурдан лозим нест.

## Саволи 20

Матто 7:7-11 –ро **хонед**. *Шояд, лозим мешавад, ки ба хонандагон барои ёфтани ин порча ёрӣ расонида шавад (Онҳо ёфтани оятҳоро аз Навишта дар дарси шашум ёд мегиранд).*

**Пурсед**:

- «Исои Масеҳ дар боби ҳафтуми Инҷили Матто дар ояти ҳафтум чӣ мефармояд?» *[Биталабед, биҷӯед, дарро бикӯбед.]*
- «Исои Масеҳ дар ояти ҳафтум чӣ ваъда додааст?» *[Ба шумо дода хоҳад шуд, хоҳед ёфт, он ба рӯятон кушода хоҳад шуд. Ин ваъдаҳо дар ояти ҳаштум такрор шудаанд.]*
- «Исо дар оятҳои 9 -11 чиро мефаҳмонад?» *[Падари Осмонии мо меҳрубон аст, ва Ӯ ба фарзандони Худ додани чизҳои некро дӯст медорад.]*
- «Пас барои чӣ мо на ҳама вақт пас аз дуо кардан ба хоҳишҳои худ муяссар мешавем?» *[Баъзан он чизе ки мо мепурсем, ба мо фоида намебиёрад. Мисоли Исо дар бораи хоҳиш кардани моҳӣ буд, вале агар писар аз падар морро хоҳиш мекард, оё онро ба вай додан лозим мебуд? Не, Падари меҳрубон ҳаргиз ин корро намекунад, чунки он ба писараш фоида намеорад. Боз ҳолатҳое мавҷуд шуданаш мумкин аст, ки мо фаҳмида наметавонем, ки барои чӣ Худо он чизеро ки аз ӯ хоҳиш мекунем, ба мо намедиҳад. Ҳатто дар ин ҳолат ҳам мо бояд ба Ӯ эътимод карданро давом диҳем, чунки Ӯ аз мо беҳтар медонад, ки мо ба чӣ бештар эҳтиёҷ дорем.]*
- «Мисоле биёред, ки чӣ тавр Худо дуои шуморо иҷобат кард» *[Хонандагон ва шумо низ, ҳамчун муаллим, аз таҷрибаи худ мисол биёред.]*

---

## Саволи 22

**Пурсед**:

- «Кадом варианти ҷавобро дар саволи 22 шумо қайд кардед?» *[Ҳар як кас бояд дар бораи он ҷавобе, ки қайд кардааст, нақл кунад.]*

---

## Дарси 5 Супориши Амалӣ

Супориши Амалиро **хонед**

**Гӯед,** ки чӣ тавр рӯихати дуоро тартиб додан мумкин аст:

- «Худписанд будан ва танҳо барои худ дуо кардан хеле осон аст. Вале Падари Осмонии мо мехоҳад, ки барои дигарон низ дуо кунем. Вақте ки мо барои онҳо дуо мекунем, Худо дар ҳаёти онҳо кор мекунад.»
- «Баъзан Худо ба таври махсус шахсеро ба ёди мо меорад, то ки мо дар бораи ҳамон шахс дуо кунем. Мо бояд зуд барои он шахс дуо кунем.»
- «Вале ҳамчунин мо бояд одати ба таври доимӣ дуо карданро дар бораи шахсони гуногун инкишоф диҳем. Мисол, мо дар бораи аҳли оилаамон рӯзҳои ҷумъаи ҳар ҳафта дуо карда метавонем. Биёед номи онҳоро дар ҷадвал менависем.» *[Хонандагон бояд номи аъзоёни оилаи худро нависанд ( агар ин хатарнок набошад), то ки барои онҳо аз рӯи ҷадвал дуо гӯянд.]*
- «Биёед рӯзи дигарро мебинем. Барои кӣ рӯзҳои душанбе дуо кардан мехоҳед? Кӣ аз дӯстони шумо то ҳол Исоро намешиносад?» *[Хонандагон бояд номи дӯстони худро нависанд (агар ин хатарнок набошад).]*

- «Ин ҷадвалро ҳар рӯз дар вақти дуо аз назар гузаронед ва барои он касоне, ки дар ин рӯз барои дуо кардан муайян кардаед, дуо гӯед»
- «Ҳар рӯз дар давоми якчанд ҳафта ин нақшаро пайравӣ кунед. Баъд аз он метавонед, ки мавзӯи дуоҳои худро дигар кунед, вале боварӣ ҳосил кунед, ки шумо барои шахсони гуногун доимо дуо гуфтанро давом медиҳед».

## Масъалаи фарҳангӣ: *Тартиб додани рӯихати дуо*

Рӯихати пешниҳодшудаи дуо аз рӯзи ҷумъа сар мешавад, чунки дар баъзе мамлакатҳо ҷумъа рӯзи истироҳат мебошад. Дар мамлакатҳои дигар якшанбе рӯзи истироҳат аст.

Агар хонанда бо аъзоёни оила ё дӯстон якҷоя зиндагӣ карда истода бошад ё ки онҳо китоби дарсиро пайдо карда метавониста бошанд, навиштани номи онҳо оқилона нахоҳад буд.

---

## ДАР АНҶОМИ ВОХӮРӢ

***ПУРСЕД:***

- «Ин дарс ба ҳаёти шумо чӣ гуна дигаргуниҳо меорад?»
  *[Ҳар як иштирокчӣ ва шумо бояд фикри худро баён кунед.]*

Супориши Амалии Дарси 5 –ро (ба боло ниг.) ***ХОНЕД***.

***ГӮЕД:***

- «Лутфан, Супориши Амалии ин ҳафтаро иҷро кунед. ҳамчунин дарси 6 –ро омӯзед»
- «Барои дарси оянда шумо бояд Навиштаи Муқаддас ё Инҷил дошта бошед. Кӣ онро то ҳол надорад?» *[ Аз дарси шашум сар карда ҳар як иштирокчӣ бояд Навиштаи Муқаддас ё Инҷил дошта бошад.]*

***БО ДУО БА АНҶОМ РАСОНЕД:*** Аз Худо хоҳиш кунед, ки ба шумо барои муносибатҳои наздик пайдо кардан бо Ӯ ва «ҳамеша дуо кардан» ёрӣ расонад.

# Дастурамал барои дарси 6 Каломи Худо барои мо

## МАҚСАДИ ДАРС 6

Ҳар як хонанда бояд:

а. Ҳар рӯз барои бо Худо вақти махсус гузарондан одат кунад.

б. Барои ин се қадамро ёд гирад.

в. Оятҳоро аз Китоби Муқаддас ёфта тавонад.

г. Барои хондани Каломи Худо иштиёқи сахт дошта бошад.

## ДАР ОҒОЗИ ВОХӮРӢ

***БО ДУО САР КУНЕД***

***СУПОРИШИ АМАЛИИ ҲАФТАИ ГУЗАШТА***

- «Супориши амалии ҳафтаи гузашта аз чӣ иборат аст – Дарси 5?» *[Ҳар рӯз хондани дуои «Падари Осмонии мо».]* «Биёед ҳозир онро такрор мекунем» *[Онро якҷоя ё бо навбат такрор кунед.]*

***МАВЗӮИ ИМРӮЗА***

- Гӯед: «Имрӯз мо мефаҳмем, ки чӣ тавр Худо ба мо бо воситаи Каломи Худ – Китоби Муқаддас гап мезанад. Он «аз тилло ва аз зари холис бисёр марғубтар аст, аз асал ва қатраҳои шираи орухона ширинтар аст» (Забур, Таронаи 18:11).

***ҶАВОБҲО БА САВОЛҲОИ ХУЛОСАВИИ ДАРС:***

- Тафтиш кунед, то ки ҳамаи иштирокчиён ба саволҳои хулосавӣ ҷавобҳои дуруст диҳанд. Ба ҷавобҳои дуруст диққат кунед:
  <u>Саволи 1</u>: а) Амир; б) онҳо заиф шуда, мемиранд.
  <u>Вопрос 2</u>: танҳо «б» ҷавоби пурра дуруст мебошад. Ҷумлаи «а» нодуруст мебошад, чунки дар он калимаи «фақат» мавҷуд мебошад.
  <u>Вопрос 3</u>: Кӯҳна, Нав
  <u>Вопрос 4</u>: Тайёрӣ, Мутолиа, Дуо

## А) ТАШНАГӢ БАРОИ КАЛОМИ ХУДО *(Саволҳои 1-5)*

### Саволи 2

Тамоми ин саволро **хонед**.

**Пурсед**:

- «Оё ҳақиқатан мо ташнагиро барои Каломи Худо эҳсос мекунем, чуноне ки кӯдак барои шири модар ташна мешавад?» *[Ҷавобҳои шахсӣ.]*

---

## Б) НАВИШТАИ МУҚАДДАС – КАЛОМИ ХУДО *(Саволҳои 6-10)*

### Саволи 8

Тамоми ин саволро **хонед**.

**Пурсед**:

- «Баъзе беимонҳо чунин меҳисобанд, ки Навиштаи Муқаддас маҳсули фикри одамӣ мебошад. Онро одамон навиштаанд, ва дар бораи таърихи инсонҳо нақл мекунад. Чӣ тавр мо фаҳмонда метавонем, ки ба ҳар ҳол он Каломи Худо аст?»
  *[Ин саволи мураккаб аст. Вале дар саволи ҳаштум фаҳмонида мешавад, ки чӣ тавр паёмбарон «аз Рӯҳулқудс илҳом гирифта, паёми Худоро мегуфтанд». Худо афкори Худро ба зеҳни нависандагон ҷо мекард, ва боз фаъолона дар ҳаёти халқи Худ амал менамуд, ба пункти 14 нигаред. Маҳз барои ҳамин дар Китоби Муқаддас дар бораи одамон чунин бисёр гуфта шудааст, вале бо вуҷуди ин вай Каломи Худо боқӣ мемонад.]*

### Масъалаи фарҳангӣ: *Навиштаҳо бо илҳоми Худо навишта шудаанд*

Дар яке аз динҳо мафҳуми навиштаи муқаддас ба маънои дигар фаҳмида мешавад. Гӯё китоби муқаддаси онҳо каломи абадии Худо буда, дар осмонҳо навишта ва бо воситаи фаришта Ҷаброил нозил карда шудааст. Паёмбар айнан он чиро ки Ҷаброил гуфтааст, бо забони арабӣ ба одамон нақл кардааст. Вале пайравони Масеҳ боварӣ доранд, ки Худо ба одамон илҳом бахшидааст ё айнан афкори худро дар зеҳни онҳо ниҳодааст, то ки онҳо Навиштаҳоро сабт кунанд. Худо ақлу зеҳни инсонро барои навиштани иродаи илоҳии Худ истифода бурдааст ва Навиштаро аз хатоҳо нигоҳ доштааст.
Намояндагони динҳои дигар чунин меҳисобанд, ки маҳз варианти арабӣ каломи ягонаи Худо мебошад, вале ҳамаи тарҷумаҳои дигар то ба ин мартаба нестанд. Пайравони Масеҳ боварӣ доранд, ки Китоби Муқаддасро ба дигар забонҳо тарҷума кардан мумкин аст ва он ҳамоно ҳамчун Каломи Худо боқӣ мемонад.
Ва боз намояндагони динҳои дигар чунин меҳисобанд, ки Китоби Муқаддас дигар карда шудааст. Хонандагони шумо ба саҳеҳ будани он мӯътақид буда метавонанд, вале бо вуҷуди ин онҳо барои ба дӯстони худ инро фаҳмонидан ба ёрӣ мӯҳтоҷ мебошанд. Ғайр аз ин онҳо аз таъғиротҳо оиди формулировкаҳои тарҷумаҳои гуногун ё оид ба он савол, ки чаро қисми калонтарини навиштаҳо ҳаёти одамонро тасвир мекунад, ҳайрон шуданашон мумкин аст.

### Саволи 10

Сархати аввалро **хонед**

**Пурсед**:

- «Дар аввал Китоби Муқаддас бо кадом забонҳо навишта шуда буд?» *[ Китобҳои Аҳди Қадим бо ибронӣ ва Аҳди Ҷадид бо юнонӣ.]*

- «Оё шумо медонед, ки Китоби Муқаддасро ба забони модарии шумо кӣ тарҷума кардааст?» *[Агар хонандагон намедонанд, пас оиди ин аз интернет маълумот пайдо кунед, мисол, дар ин сайт* [http://en.wikipedia.org/wiki/Bible_translations_by_language](http://en.wikipedia.org/wiki/Bible_translations_by_language)*, ва дар бораи он дар вохӯрии оянда нақл кунед]*
- «Оё ба забони модарии шумо Китоби Муқаддас мавҷуд аст?» *[Агар хонандагон соҳиби забонҳои гуногун бошанд, пас беҳтар аст, ки бо забони модарии худ низ Китоби Муқаддас дошта бошанд. Баъзе тарҷумаҳо дар сайтҳои* www.biblegateway.com *или* [www.slovocars.org](http://www.slovocars.org) *мавҷуд мебошанд.*

**Гӯед**:

- «Комилан қобили қабул аст, ки Китоби Муқаддас на як намуди тарҷума дорад. Ин барои фаҳмидани паҳлӯҳои гуногуни як маъно ёрӣ мерасонад. Ва ин чунин маъно надорад, ки матни аслӣ дигар карда шудааст»
- «Мо Худоро барои одамоне, ки оиди тарҷума ва нашри Китоби Муқаддас ба забони модарии мо ғайратмандона заҳмат кашидаанд, шукргузорӣ мекунем. Бо ҳамин тариқ, Худо бо забони модариамон ба мо сухан меронад!»

---

### Масъалаи фарҳангӣ: *Достони Худо ва зуҳури Ӯ*

Китоби Муқаддас ҳамчун як достони бузург аз Ибтидо то Ваҳй – аз офариниш то офаридаи нав мураттаб карда шудааст. Худо дар маркази ин достон  меистад ва Худро ба мо зоҳир месозад. Китоби муқаддаси  яке аз динҳо аз ақидаҳо оиди хислати Худо  ва аз панду насиҳатҳо оиди чӣ тавр мувофиқи талаботи Худо зиндагӣ кардан иборат мебошад, дар он ҳамчунин қиссаҳои кӯтоҳ, ки аз рӯи тартиби хронологӣ намеоянд, мавҷуд буда, қиссаи мукаммалеро, ки онҳоро ба якдигар алоқаманд карда метавонад, надоранд. Намояндагон ин дин мӯътақиданд, ки Худо китоб фиристода, худро ошкор кардааст, вале пайравони Масеҳ боварӣ доранд, ки Худо Худаш ба замин Худро ошкор кардааст, ва маҳз ҳамин воқеаи омадани Ӯ маркази достони Китоби Муқаддас мебошад.

---

## В) ҚИСМҲОИ ГУНОГУНИ КИТОБИ МУҚАДДАС *(Саволҳои 11-15)*

## Саволҳои 12-14

Саволҳои 12-14 –ро пурра ё баъзе қисмҳои онро вобаста аз вақти ба шумо додашуда, ва ҳамчунин вобаста ба  сатҳи дониши иштирокдорон **хонед**.

**Пурсед**:

- «Китоби *Таврот* (китоби Мӯсо)  ва *Забур* ба кадом давра мансуб аст?» *[Давраи Аҳди Қадим.]*
- «Дар кадом давра Инҷил навишта шудааст?» *[Дар давраи Аҳди Ҷадид. Дар бисёр маданиятҳо тамоми китоби Аҳди Ҷадид Инҷил номида мешавад. Ба таври ҷиддӣ гӯем, чор Инҷил мавҷуд аст (дар назар дорем Инҷили Матто, Марқӯс, Луқо ва Юҳанноро.]*
- «Оё Аҳди Ҷадид Аҳди Навро мансух мекунад?  *[Не, ба мо китобҳои ҳар ду давра ҳам зарур мебошанд. Ҳар ду дар якҷоягӣ Каломи пурқиммати Худоро ташкил медиҳанд.]*

---

## Саволи 15

**Гӯед**:

- «Акнун биёед саҳифаи «Мундариҷа» -ро дар Китоби Муқаддас ё Инҷил мекушоем. Дар рӯихат Номаи якуми Петрус ва саҳифаи онро ёбед» *[Агар лозим шавад, ба хонандагон ёрӣ расонед.]*
- «Биёед якҷоя 1 Петрус боби 1, ояти 3 –ро мекушоем» *[Ҳама бояд дар Китоби Муқаддас ё Инҷил он ҷоро кушоянд, агар лозим шавад, ба онҳо ёрдам кунед.]*

1 Петрус 1:3 –ро **хонед**. Агар хонандагон тарҷумаҳои гуногун дошта бошанд, фаҳмонед, ки калимаҳо фарқ карданашон мумкин аст, лекин ин ба мо кӯмак менамояд, ки ҷиҳатҳои гуногуни як маъноро, ки бо забони юнонӣ навишта шудааст, дида тавонем.

Лавҳачаро **хонед**

**Гӯед**:

- «Агар мо ҳар рӯз бо Худо вақти махсус гузаронем, ин ба мо кӯмак мерасонад, ки мо ҳамчун тифли Б, ки дар оғози ин дарс мушоҳида кардем, пурқувват ва бардам ба камол расем. Биёед муҳокима мекунем, ки чӣ тавр мо дар амал чунин карда метавонем».

---

## Г) ВАҚТИ ҲАРРӮЗА БО ХУДО *(Саволҳо 16-22 ва Замимаи 1)*

### Саволи 18

Тамоми саволро **хонед**

**Пурсед**:

- «Шумо дар а) ва дар б) чӣ навиштед?» *[Ҷавобҳои шахсӣ. Хоҳиш кунед, ки ҳар як хонанда дар бораи он чизе ки навиштааст, фикри худро баён кунад. Агар ягон нафар аз иштирокдорон ҷавобро нанавишта бошад, пас ёдрас кунед, ки хонандагон бояд ҳамаи ҷавобҳоро нависанд. Бо ин тарз мо ҳақиқатан дар бораи ақидаи худ фикрронӣ карда метавонем ва бештар ёд мегирем.]*

**Гӯед**:

- «Барои вақти ҳаррӯза бо Худо ҳар як кас бояд ҳамон вақт ва ҷойро интихоб кунад, ки ба ӯ бештар писанд аст. Биёед инро ба одати доимӣ табдил медиҳем!»

---

### Савол 22

Сархати дуюмро **хонед**

**Пурсед**:

- «Шумо чӣ навиштед?» *[Аз ҳар як хонанда хоҳиш кунед, ки дар бораи он чизе ки навиштааст, фикр баён кунад.]*

**Пурсед**:

- «Акнун биёед Замимаи 1-ро, ки дар охири китоб оварда шудааст ва «Вақти ҳаррӯзаи ман бо Худо» ном дорад, мекушоем. Мо атрофи ин мавод якҷоя кор мекунем»

---

## Замимаи 1 Вақти ҳаррӯзаи ман бо Худо

**Пурсед**: «Қадами аввалини вақтгузаронии мо бо Худо чӣ гуна аст?» *[«Тайёр бошед»]*

## Замимаи Қадами 1: *Тайёр бошед*

Тамоми қадами 1: «Тайёр бошед» -ро **хонед**

**Пурсед**: «Мо дар ин қадам чӣ кор бояд кунем?» *[Дар аввал гуноҳҳои худро эътироф кунем ва аз Худо талаб кунем, ки моро пок намояд. Сипас аз Худо хоҳиш намоем, ки тавассути Каломаш ба мо гап занад ва барои фаҳмидани он кӯмак расонад.]*

---

## Замимаи Қадами 2: *Бихонед*

**Пурсед**:

- «Қадами дуюми  вақти ҳаррӯзаи мо бо Худо чӣ гуна аст?» *[«Бихонед».]*
- «Мо дар ин қадам чӣ кор бояд кунем?» *[Аз Китоби Муқаддас порчаеро хонем.]*

**Гӯед**: «Биёед порчаеро аз Китоби Муқаддас истифода бурда, ин қадамро мегузорем. 1 Петрус 1:13-15 –ро кушоед» *[Ҳар як кас бояд ин ҷои Каломи Худоро аз Китоби Муқаддас ё Инҷили худаш ёбад]*

1 Петрус 1:13-15 -ро ҳамчун мисол ба зинаи аввали Қадами 2 «Бихонед» **хонед**

**Пурсед**:

- «Кадом ибора ба таври махсус ба шумо таъсир кард?» *[Хонандагонибораҳои гуногунро интихоб мекунанд.]*
- «Худо тавассути ин ибора ба қалби шумо гап мезанад. Шумо чӣ кор карда метавонед, то ки ин лаҳзаи муҳим дар хотиратон монад?» *[Мисол, ин ибораро дар дафтари қайдҳо нависед ва аз ёд кунед]*
- «Шумо чӣ кор бояд кунед, то сухане, ки Худо имрӯз ба шумо гуфт, дар ҳаёти худ татбиқ намоед?» *[Ҷавобҳои гуногун. Мо на танҳо ба воситаи хондани Каломи Худо, балки ҳам онро дар ҳаёт иҷро карда, рӯҳан ба камол мерасем]*

**Гӯед:**

- «Ягон тифл ширро макида, баъд онро туф намекунад! Вале мо маҳз чунин мекунем, агар Каломи Худоро хонему лекин иҷро накунем!»

---

## Замимаи Қадами 3: *Дуо кунед*

**Пурсед**:

- «Қадами сеюми вақти ҳаррӯзаи мо бо Худо чӣ гуна аст?» *[«Дуо кунед»]*

**Гӯед**:

- «Дуо ин сӯҳбат бо Худо аст. Оиди чӣ мо метавонем бо Ӯ сӯҳбат кунем?

- *Иборахои гуногуни Қадами сеюмро, ки бо ҳарфҳои ғафс навишта шудааст, хонед:*
  *- мо метавонем, ки Худоро барои Каломаш сипосгузорӣ кунем*
  *- мо метавонем, ки барои татбиқ кардани он дар ҳаёт кӯмак пурсем*
  *- мо метавонем Парвардигорро шукргузорӣ кунем ва ҳамд гӯем*
  *- мо метавонем барои мӯҳтоҷиҳои худ дуо кунем*
  *- мо метавонем ба суханони Худо гӯш диҳем*
  *- мо метавонем барои мӯҳтоҷиҳои дигарон дуо кунем*
  *- мо метавонем дуои «Падари Осмонии мо» -ро хонем*

Бобро тахти унвони «ба мӯҳтоҷиҳои дигарон дуо кунед» **хонед**

**Пурсед**:

- «Чӣ фикр доред, оё ин рӯихати дуоҳо хуб аст? Ягон мавзӯи дигаре доред, ки барои он дуо кардан мехостед?» *[Ин рӯихат танҳо фаҳмиш медиҳад, ки мо дар бораи кадом мавзӯъҳо дуо карда метавонем. Рӯихат нағз тартиб дода шудааст, вале агар касе хоҳад онро мувофиқи роҳнамоии Худо дигар карда метавонад.]*
- «Оё шумо дар бораи гузаронидани вақти ҳаррӯза бо Худо саволе доред?» *[Ба хонандагон иҷозат диҳед, ки саволҳои дилхоҳашонро дода тавонанд.]*

**Гӯед**:

- «Супориш барои ин ҳафта истифода бурдани ин таҷриба дар амал мебошад. Ба охири дарси 6 гузаред, ва биёед якҷоя Супориши Амалиро барои ин ҳафта мехонем»

---

## ДАР АНҶОМИ ВОХӮРӢ

***ПУРСЕД:***

- «Ин дарс ба ҳаёти шумо чӣ гуна дигаргуниҳо меорад?»
  *[Ҳар як иштирокчӣ ва шумо фикр баён карда метавонед.]*

***ХОНЕД*** Супориши Амалии дарси 6.

***ГӮЕД:***

- «Дар давоми ҳафта ҳар рӯз, лутфан, барои бо Худо кӯтоҳ вақт гузарондан кӯшиш кунед. Инро шумо метавонед, ки танҳо ё бо имондорони дигар кунед, худатон вақт ва ҷойро муайян кунед. Қадамҳои Замимаи 1-ро пайравӣ кунед. Ҳамчунин дар хона тайёр кардани дарси 7-ро фаромӯш накунед»

***БО ДУО БА АНҶОМ РАСОНЕД:*** Аз Худо хоҳиш кунед, ки барои гузаронидани вақти махсус ҳар рӯз дар давоми ҳафта ба шумо кӯмак кунад.

## МАҚСАДИ ДАРСИ 7

Ҳар як хонанда бояд:

а. Барои шомил шудан ба гурӯҳи маҳаллии имондорон кӯшиш кунад.

б. Се хусусияти ҷамоати Масеҳро аз 1 Петрус 2 аз худ кунад.

в. 1 Петрус 2:9-ро аз ёд кунад.

г. Ҳар гуна оятҳоро аз 1 Петрус ёфта тавонад.

## ДАР ОҒОЗИ ВОХӮРӢ

***БО ДУО САР КУНЕД***

***СУПОРИШИ АМАЛИИ ҲАФТАИ ГУЗАШТА:***

- Гӯед: «Супориши амалии дарси шашум аз он иборат буд, ки ҳар рӯз бо Худо вақти махсус гузаронем. Шумо инро иҷро карда тавонистед? Оё ба ин восита ба Падари Осмонӣ наздиктар шудед?» *[Аз ҳар як кас хоҳиш кунед, ки ҷавоб диҳад]*
- «Барои касоне, ки ин супоришро иҷро карда натавонистанд, чӣ монеа шуд, ва шумо чӣ тавр ин монеаҳоро паси сар карда метавонед?» *[Ҷавобҳои шахсӣ.]*

***МАВЗӮИ ИМРӮЗА:***

- Гӯед: «Мо имрӯз дар бораи ҷамоати Масеҳ, ки ҷамоати имондорон низ меноманд, сӯҳбат мекунем. Лутфан, Китоби Муқаддас ё Инҷили худро ҳар ҳафта барои вохӯрӣ ҳамроҳи худ гиред»

***ҶАВОБҲО БА САВОЛҲОИ ХУЛОСАВИИ ДАРС***

- Дар якҷоягӣ Хулосаи дарси 3-ро кушоед. Чӣ тавр ҷавоб додани хонандагонро аз назар гузаронед:
  *Саволи 1:* а) хона; б) интихобшуда; в) бародарӣ
  *Саволи 2:* Исои Масеҳ
  *Саволи 3:* насли интихобшуда, каҳонати шоҳона, қавми муқаддас, ки мансуби Худост, нақл кардан, корҳои бузург, шуморо аз торикӣ ба рӯшноии аҷоиби Худ даъват кардааст (1 Петрус 2:9)

## А) МУҚАДДИМА (*Саволҳои 1-2)*

Саргузашти Носирро якҷоя бо лавҳача **хонед.**

**Пурсед**:

- «Оё шумо чунин мешуморед, ки Носир имони худро пинҳон дошта, оқилана рафтор мекунад, ё, эҳтимол, ӯро лозим аст, ки ба ҷамоати имондорон ҳамроҳ шавад? Шумо ба саволи якум чӣ ҷавоб додед?» *[Дар баъзе мамлакатҳо пайравони Масеҳ озодона ба ҷамоати Масеҳ шомил шуда метавонанд, дар баъзеи дигар бошад, ин хатарнок буда метавонад. Бинобар ба фикрҳои гуногуни хонандагон диққат диҳед.]*

**Гӯед**:

- «Баъди муҳокимаронии имрӯза мо ба ин масъала бармегардем»

Пас аз саволи дуюм лавҳачаи муаллимро **хонед**.

---

## Б) ХОНАИ РӮҲОНӢ *(Саволҳои 3-10)*

### Саволи 3

1 Петрус 2:4-8-ро **хонед** *[Боварӣ ҳосил кунед, ки ҳар як хонанда порчаро аз Китоби Муқаддас ё Инҷил ёфта метавонад, сипас аз як нафар хоҳиш кунед, ки онро бо овози шунаво хонад.]*

**Пурсед**:

- «Мутобиқи ояти 5, Кадом одамон ба сангҳои зинда монананд?» *[Ҷавобро аз оят пайдо кунед. Дар он ҷо «худатон низ» гуфта мешавад, ки мо – пайравони Масеҳ дар назар дошта шудааст.]*
- «Мутобиқи ояти 5, аз мо – сангҳои зинда чӣ бунёд карда мешавад?» *[«Хонаи рӯҳонӣ».]*
- «Дар оятҳои 6 ва 7 дар бораи «Санги зовия» гуфта шудаанд . Санги зовия дар сохтмон чӣ гуна нақш дорад?» *[Он дар кунҷи поён гузошта мешавад ва самти ҳамаи деворҳоро муайян мекунад]*
- «Шумо чӣ фикр доред, санги қимматбаҳои зовия гуфта дар ин ҷо кӣ дар назар дошта шудааст?» *[Дар ин ҷо Исои Масеҳ, интихобшудаи Худо (о.6) тасвир карда шудааст, Ӯ барои имондорон қимматбаҳост (о.7), вале дигарон рад кардаанд (о.7) - онҳое, ки аз тарафи Ӯ маҳкум шудаанд (о.8).]*

### Масъалаи фарҳангӣ: Ду санги махсус

Дар дини дигар миллионҳо мӯътақидон барои зиёрат кардани санги сиёҳ *(Каъба)*, ки худи маркази эътиқоди онҳо мебошад, ба ҳаҷ меравад. Вале барои мо Худи Исои Масеҳ санги боз ҳам қимматтарини маркази имони мо, ва ҳамчунин санги зовия барои «хонаи рӯҳонии мо» мебошад!

---

### Саволи 6

Сархати охирро **хонед**.

**Пурсед:**

- «Кадом ҷавоб дуруст аст?» *[(б), хонаҳои аъзоёни ҷамоат.]*
- «Беҳтар аз ҳама пайравони Масеҳ дар куҷо бояд ҷамъ шаванд?» *[Вариантҳои гуногунро, вобаста ба вазъияти маҳалҳо, муҳокима кунед. Ин курс аввалан барои имондорони он кишварҳое пешбинӣ шудааст, ки дар он ҷойҳо биноҳои ҷамоавии пайравони Масеҳ мавҷуд намебошанд. Дар кишварҳои дигар ҷойҳои бисёре мавҷуд мебошанд, ки дар он ҷойҳо имондорон ҷамъ шуда метавонанд. Бо вуҷуди ин гурӯҳи пайравони Масеҳ дар хонаҳо ҷамъ шуда метавонанд, на дар биноҳо.]*

---

## Саволи 7

Сархати дуввумро, ки бо ибораи «Худованд Исо ба пайравони Худ гуфтааст...» сар мешавад **хонед**.

**Пурсед:**

- «Оё имрӯз, мо, ду ва ё се нафаре, ки ба номи Исо ҷамъ шудаанд, ҳисобида мешавем?» *[Ҳа.]*
- «Оё ин чунин маъно дорад, ки ҳузури Исо ба таври махсус бо мост?» *[Ҳа! Мо ҷисмонан Ӯро дида наметавонем, вале бо Рӯҳи Худ Ӯ ҳақиқатан бо мост.]*

---

## Саволи 9

Тамоми саволро **хонед**.

**Пурсед:**

- «Шумо дар ин ҷо чӣ навиштед?» *[Ҳар як кас бояд фикри худро баён кунад. Агар чизи гуфтание надошта бошанд, китоби дарсии онҳоро тафтиш кунед, ки оё онҳо аз рӯи ин савол чизе навиштаанд ё не? Ба иштирокдорон ёдрас кунед, ки онҳо ҷавобҳои худро нависанд, то ки барои баён кардани фикри худ дар вақти муҳокимаронӣ тайёр бошанд.]*

---

# В) НАСЛИ БАРГУЗИДА *(Саволҳои 11-18)*

## Саволи 11

**Гӯед:**

- «Дар 1 Петрус, боби дуюми он гуфта мешавад, ки аз мо «хонаи рӯҳонӣ» сохта мешавад. Дар ин ҷо мо «насли баргузида» хонда мешавем. Биёед хондани 1 Петрус боби 2-ро давом медиҳем»

1 Петрус 2:9-10-ро **хонед**

**Пурсед:**

- «Кадом ибора дар ояти нӯҳум бештар аз ҳама ба шумо маъқул аст ва барои чӣ?» *[Ҷавобҳои шахсӣ.]*
- «Чӣ гуна эҳсосотро дар шумо ояти даҳум ба вуҷуд меорад?» *[Ҷавобҳо шахсӣ.]*

**Машқи оят:**

- 1 Петрус 2:9 ояте мебошад, ки барои аз ёд кардан дода шудааст. Вақте ки дар гурӯҳ кор мекунед, ки бо чунин тарз онро аз ёд кардан мумкин аст: муаллим нафари аввалро мепурсад: «Мо кӣ ҳастем?», вай бошад ҷавоб медиҳад: «Насли баргузида». Акнун ин шахс ҳамон саволро ба шахси навбатӣ медиҳад, вай бошад ҷавоб медиҳад: «Коҳинони Подшоҳи Осмонӣ (каҳонати шоҳона)» ва ҳамин тарз идома меёбад. Ба тавri давравӣ инро ҳар дафъа зудтар такрор кунед.

### Масъалаи фарҳангӣ: Шифои идентификатсияи ду тақсим шуда

Як духтари покистонӣ, ки дар Англия зиндагӣ мекунад, дар мавриди муайян кардани идентификатсия ташвиш мекашид. Чунки барои вай мушкил буд, ки баромади худро англисӣ донад ё покистонӣ. Вақте ки вай ба Масеҳ имон овард, гуфт, ки индентификатсияи навро пайдо кард ва ин хеле тааҷҷубовар буд. Порча аз Китоби Муқаддас, ки ба вай хеле амиқ таъсир расонд, ин 1 Петрус 2:9-10 буд, ки навакак аз ёд кардем.

---

## Саволи 14

Тамоми оятро **хонед** .

**Пурсед:**

- «Кадом ҷавобҳоро шумо доир ба ин савол қайд кардед?» *[Дар асли кор ҳамаи онҳо дурустанд]*
- «Бо намояндагон кадом милат ё гурӯҳҳои этникӣ шинос шудаед, ки пайрави Масеҳ мебошанд? Чӣ гуна умумияте бо онҳо пайдо кардед?» *[Ҷавобҳои шахсӣ. Шиносоӣ бо имондорони муҳити дигар ва пайдо намудани алоқа бо онҳо дар Масеҳ имтиёзи бузурге мебошад!]*

### Масъалаи фарҳангӣ: *Умма*

Дар дини дигари калонтарин эҳсоси амиқи мансубият ба ҷамоати умумиҷаҳонӣ, ки *умма* меноманд, мавҷуд мебошад. Барои онҳо *уммаи* идеалӣ ҳамон ҷамоат ҳисоб мешавад, ки Шариати Худоро пайравӣ мекунад, ва моҳиятан аз тарафи роҳбарони дин (*халифаҳо*) идора карда мешаванд. Ин ҷамоати ҷаҳонӣ ба таври дидашаванда, ҳангоми зиёрати ҳарсола, ки одамони кишварҳои гуногун дар як ҷо ҷамъ мешаванд ва либоси якхела мепӯшанд, зоҳир мегардад. Вале дар асл *умма аз* идеал хеле дур мебошад.
Ба андозае ин ба ҷамоати идеалии ҷаҳонии пайравони Масеҳ, ки имондорни кишварҳои гуногун на ҳама вақт мутобиқи принсипҳои Ӯ зиндагӣ мекунанд, шабоҳат дорад. Баъзе тарҷумаҳои арабӣ дар 1 Петрус 2:9 барои ифодаи халқи Худо калимаи «*умма*»-ро истифода мебаранд. Шояд, манфиатбахш мебуд, агар умумият ва фарқи байни уммаи Масеҳ ва уммаи як дини калонтареро муҳокима кунед.

## Саволи 15

Сархати аввалро **хонед**.

**Пурсед:**

- «Мутобиқ ба ин оят аз куҷо ва ба куҷо моро Худо даъват кардааст?» *[«Аз торикӣ ба рӯшноии аҷоиби Худ»]*
- «Барои чӣ моро Худо интихоб кардааст?» *[«То аз камолоти Ӯ нақл кунем», ба ояти 9 ниг.]*
- «Чӣ тавр мо инро дар амал истифода бурда метавонем?» *[Мо бояд дар бораи корҳои бузурги Худо ва некиҳои Ӯ ба одамон ҳикоят кунем.]*

---

## Саволи 16

**Нигаред** ба ин расм

**Пурсед:**

- «Ин ду зани ҷасур медонанд, ки Масеҳ онҳоро барои нур бахшидан ба ин ҷаҳони торик даъват кардааст. Оё мо баҳри ин кор азм кардаем?» *[Дар якҷоягӣ муҳокима кунед.]*
- «Оё шумо имконият доред, ки ба ягон кас дар бораи корҳои аҷоиби Худо нақл кунед?» *[Дар якҷоягӣ муҳокима кунед. Мо ин саволро дар дарси 13 бештар муҳокима мекунем.]*

---

## Саволи 18

**Пурсед:**

- «Дар 1 Петрус 2 кадом ду ҷиҳати ҷамоати Масеҳ баён карда шудааст?» *[Мо «хонаи рӯҳонӣ» ва «насли баргузида» мебошем.]*
- «Кадом ҷиҳати сеюм дар сарлавҳаи пеш аз саволи 19 омадагӣ дода шудааст?» *[«Бародарӣ».]*

---

# Г) БАРОДАРӢ *(Саволҳои 19-22)*

## Саволи 22а

Тамоми саволи 22-ро, ғайр аз лавҳача, якҷоя бо саволҳое, ки бо ҳарфҳои ғафс навишта шудаанд, **хонед**.

**Пурсед:**

- «Мо чӣ тавр софдилона ба ин саволҳо ҷавоб дода метавонем?» *[Дар якҷоягӣ муҳокима кунед. Агар мо ба Каломи Худо итоат кунем, пас мо якдигарро ҳамчун бародарону хоҳарон дар Масеҳ қабул карда метавонем. Ин чунин маъно надорад, ки мо мансубияти этникӣ ё иҷтимоии худро гум мекунем, ин фақат чунин маъно дорад, ки идентификатсияи мо дар Масеҳ боз ҳам пурқувваттар мегардад.]*

---

## Саволи 22б

Лавҳачаи муаллимро **хонед**.

**Пурсед:**

- «Агар шумо дар бораи имони худ ба оилаатон мегуфтед, чӣ гуфтанро афзалтар медонистед: «ман ба Исо имон овардам» ё «ман пайрави Масеҳ гардидам», ё ягон ифодаи дигарро истифода мебурдед? Ин терминҳои гуногун барои онҳо чӣ маъно дошта метавонанд?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Гарчанде ки «имондорои Масеҳӣ» - варианти хуб аст, вале дар баъзе мавридҳо, агар одамон онро ба машруботи спиртӣ, гӯшти хук, ахлоқи фосид ва мубориза бар зидди арабҳо шабоҳат диҳанд, пас ин ба фаҳмиши нодуруст оварда расонданаш мумкин аст. Дар дигар мавридҳо термини «имондори Масеҳӣ»-ро шояд одамон дурусттар фаҳманд. Алоқамандона ба эътиқоди мо ифодаҳои гуногун мавҷуд мебошанд, ки мо онҳоро вобаста ба шароит истифода бурда метавонем]*

---

## Д) ОЁ ШУМО БА ҶАМОАТИ МАСЕҲ ЭҲТИЁҶ ДОРЕД? *(Саволҳои 23-25)*

## Саволи 24

Тамоми саволро **хонед**.

**Пурсед:**

- «Шумо дар ин ҷо чӣ навиштед?» *[Ҷавобҳои шахсӣ. Маълум аст, ки агар мо худро ҳамчун пораҳои ангишт аз ҷамоати имондорон ҷудо кунем, оташи имони мо хомӯш мегардад.]*
- «Агар Носир, ки дар бораи вай дар оғози дарс гуфта будем, бо имондорони дигар вохӯрӣ накунад, чӣ фикр доред, имони вай ба Масеҳ мустаҳкам боқӣ мемонад?» *[Аниқтараш, имони вай суст мегардад. Ӯ тадриҷан аз ҷиҳати рӯҳонӣ заиф мешавад.]*
- «Он чиро ки дар саволи 1 навиштед, боз як бори дигар хонед. Алоқамандона ба мавзӯи имрӯза, шумо ба Носир чӣ гуна маслиҳат дода метавонистед?» *[Ҷавобҳои шахсӣ. Умедворем, ки ҳангоми муҳокимаронӣ вай фаҳмид, ки бо имондорони дигар вохӯрӣ кардан хеле муҳим мебошад, ҳатто ки агар ӯ дар ин маврид эҳтиёткорона рафтор мекунад.]*

## Масъалаи фарҳангӣ: Ҳушёрӣ дар хавфу хатарҳо

Дар баъзе кишварҳо дар як ҷо ҷамъ шудан ба имондорон хатарнок аст. Баъзан хабаркашҳо ба гурӯҳ дохил шуда, чунин вонамуд мекунанд, ки гӯё онҳо низ имондор мебошанд. Онҳо номҳо, маълумотҳои алоқа ва суратҳои имондоронро ҷамъ мекунанд, то ки онҳоро фош созанд, ва ин хеле зарар расонданаш мумкин аст. Дар ин ҳолатҳо имондорон бояд хирадмандона рафтор кунанд ва ба ҳар кас зуд дилашонро накушоянд, балки оҳиста ва бодиққатона бо одам шинос шаванд. Рӯҳулқудс нишон медиҳад, ки онҳо ба кӣ бештар ва ба кӣ камтар бовар кунанд. Онҳо бояд алоқамандона ба суратҳо ё наворҳои гурӯҳи худ бо эҳтиёт бошанд.
Вале аз дигар тараф хатари дигар низ мавҷуд мебошад. Агар ҳар кас ба мисли Носир рафтор кунад, ва ба дигарон боварӣ надошта бошад, пас ҷамоати имондорон ҳеҷ гоҳ афзоиш намеёбад. Имондорон дар алоҳидагӣ суст мегарданд. Онҳо дар вақти мушкилӣ касеро пайдо карда наметавонанд, ки ба онҳо кӯмак кунад. Агар фарзандони онҳо ба ҷамоати имондорон дохил нашаванд, пас ба дини пештараи худ бармегарданд. Агар имондорон барои фарзандони худояндаи хуб орзу мекунанд, пас бояд онҳоро ба ҷамоати имондорон ҳидоят кунанд. Бинобар ин ҳангоми вохӯрӣ бо пайравони дигари Исо ба андозае хатар мавҷуд  аст, вале агар мо бо имондорони дигар вохӯрӣ накунем, хавфи бузургтаре вуҷуд дошта метавонад.
Дар бисёр кишварҳо ба он навимондороне, ки ба ҷамоати имондорон дохил мешаванд, одатан хатари ҷисмонӣ таҳдид намекунад. Вале дар баъзе ҳолатҳо онҳо эҳтиёткор буданро афзал медонанд ( масалан, барои сабаби шармандагии оила нагардидан). Худи онҳо бояд интихоб кунанд, ки бо кӣ ва дар кадом вақт сӯҳбат кунанд. Дигар имондорон набояд дар ҳаққи онҳо ғайбат гӯянд.

## ДАР АНҶОМИ ВОХӮРӢ

***ПУРСЕД:***

- «Ин дарс ба ҳаёти шумо чӣ гуна дигаргуниҳо меорад?»
  *[Ҳар як иштирокчӣ ва шумо бояд фикри худро баён кунед.]*

Супориши Амалии дарси ҳафтумро ***ХОНЕД***

***ГӮЕД:***

- «Оё шумо ин ҳафта, ҳадди ақал, бо як имондор вохӯрда метавонед?» *[Агар ягон кас намедонад, ки бо кӣ вохурад, пас ӯ  бо яке аз аъзоёни гурӯҳ ё бо шумо вохӯрда метавонад.]*
- Дар хона омӯхтани дарси 8-умро фаромӯш накунед.

***БО ДУО БА АНҶОМ РАСОНЕД*** Худоро барои бародарону хоҳаронамон дар Масеҳ шукр гӯед ва аз Ӯ хоҳиш кунед, ки барои бовар кардан ба якдигар ба мо мадад кунад.

# Дастурамал барои дарси 8 Аъзоёни ду ҷамъият

## МАҚСАДИ ДАРСИ 8

Ҳар як хонанда бояд:

а. Хоҳиши хидмат кардан ҳам ба ҷамъияти пештараи худ ва ҳам ба ҷамоати наве, ки дар Масеҳ пайдо кард, дошта бошад.
б. Ба хотири Худо ба ҳокимият итоат кунад.

в. 1 Петрус 2:17-ро аз ёд кунад

## ДАР ОҒОЗИ ВОХӮРӢ

***БО ДУО САР КУНЕД***

***СУПОРИШИ АМАЛИИ ҲАФТАИ ГУЗАШТА:***

- Гӯед: «Супориши амалии дарси гузашта аз он иборат буд, ки шумо бояд, ҳадди ақал, бо як нафар пайрави Масеҳ вомехӯрдед. Ин ба шумо муяссар шуд? Ин вохӯрӣ шуморо рӯҳбаланд кард?»*[ Ҳар як кас бояд ҷавоб диҳад.]*

***МАВЗӮИ ИМРӮЗА:***

- Гӯед: «Мо имрӯз муҳокима мекунем, ки дар як вақт мо чӣ тавр мансуби ду ҷамоат буда ва барои ба ҳар ду ҷамоат хидмат кардан кӯшиш карда метавонем»

***ҶАВОБҲО БА САВОЛҲОИ ХУЛОСАВИИ ДАРС***

- Хулосаи Дарси 8-ро кушоед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ба саволҳо чӣ гуна ҷавоб доданашонро гӯянд:
  *Саволи 1:* а) рӯҳонӣ; б) заминӣ
  *Саволи 2:* итоат
  *Саволи 3:* «Ҳамаро ҳурмат кунед, бародариро дӯст доред» (1 Петрус 2:17)

## Масъалаи фарҳангӣ: *Ду ҷамъият*

Бисёр нафароне, ки ба Масеҳ имон мебиёранд, баъзан эҳсос мекунанд, ки дар байни ҷамъияти кӯҳнаи худ ва ҷамъияти нав дар Масеҳ гӯё дупора мегарданд. Муносибатҳои оилавӣ ва ҷамъиятӣ чунон мустаҳкам мебошанд, ки баъзан пайравони Масеҳ аз тарафи наздикони худ рад мегарданд ва дарди ҷудоиро эҳсос мекунанд. Чӣ тавр онҳо ин муносибатҳоро бо мурури вақт барқарор карда метавонанд? Оё онҳо «оилаи»-и навро дар ҷамъияти Масеҳ пайдо карда метавонанд? Ин ду савол барои биёриҳо муҳим ва хеле душвор мебошад. Дар дарси ҳаштум гуфта мешавад, ки пайравони Масеҳ ба ду ҷамъият – кӯҳна ва нав мансуб мебошанд, ва онҳо бояд кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки ҳар чи бештар ба ҳар ду ҷамъият ҷалб карда шаванд. (Маҳз насли аввали имондорон бо ин мушкилӣ рӯ ба рӯ мегарданд, ихтилофҳо бошанд, баъзан хеле ҷиддӣ мебошанд).

## А) АЪЗОЁНИ ДУ ҶАМЪИЯТ *(Саволҳои 1-4)*

1 Петрус 2:11-12-ро **хонед**.

**Пурсед:**

- «Барои чӣ дар ояти 11 мо «ғарибон ва муҳоҷирон», ё дар тарҷумаи дигар – «сокинони муваққатӣ» номида шудаем? *[Чунки ватани ҳақиқии мо, чӣ тавре ки аз саволи якум фаҳмидем, ҷовидон бо Масеҳ мебошад.]*
- «То ҳамон вақте ки мо дар рӯи замин зиндагӣ мекунем, беимонҳо рафтори моро бодиққатона мушоҳида мекунанд. Мутобиқи ояти 12 мо чӣ гуна бояд дар байни онҳо зиндагӣ кунем?» *[Мо бояд намунаи ибрат бошем, то ки онҳо бубинанд, гарчанде ки онҳо моро айбдор мекунанд, ки мо гӯё кори баде карда бошем.]*

---

## Саволи 2

Сархати аввалро **хонед**.

**Пурсед:**

- «Дар кадом ду ҷамъият мо мувофиқи даъвати Худо бояд хидмат кунем?» *[Дар ҷамъияти рӯҳонии ҷамоати Масеҳ, ҳамчунин дар ҷамъияти заминӣ, муҳите, ки дар он зиндагӣ мекунем.]*
- «Агар касе гӯяд: «Моро лозим нест, ки ба ҷамъияти заминӣ хидмат кунем, аз ҳама муҳимтар – ин ҷамъияти рӯҳонии мо», шумо ба ин чӣ ҷавоб медиҳед?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Мутобиқи ояти 1 Петрус, боби дуюм, Худо моро даъват кардааст, ки дар ду ҷамъият хидмат кунем.]*

---

## Саволҳои 4-5

Саволи 4б-ро **хонед**

**Пурсед:**

- «Шумо дар ин ҷо чӣ навиштед?» *[Якҷоя муҳокима кунед.]*
- «Мутобиқи он чизе ки шумо дар саволи 5 навиштед, чӣ тавр беҳтар аз ҳама ғайбати одамони беақлро қатъ гардондан мумкин аст?» *[Бо корҳои нек]*

---

## Б) НЕКӮКОРӢ КАРДАН *(Саволҳои 5-9)*

## Саволи 7

Сархати аввалро **хонед**.

**Пурсед:**

- «Кадом ҷавобҳоро шумо дар ин ҷо қайд кардед?» *[Муҳокима кунед.]*
- «Боз мо чӣ тавр барои ҷамъият ва халқи худ «кори нек» карда метавонем? *[Муҳокима кунед.]*

## Саволи 8

Сархати аввалро **хонед**.

**Пурсед:**

- «Шумо кадом ақидаҳоро дар  ин ҷо навиштед?» *[Муҳокима кунед.]*
- «Аз ҳама гуна вариантҳое ки дар саволҳои 7 ва 8 омадааст, кадомашро шумо дар амал истифода бурда метавонед?» *[Ҳар як хонанда бояд, ҳадди ақал, як варианти ба вазъияти худ мувофиқро интихоб кунад.]*

## В) ИТОАТ БА ҲОКИМИЯТ *(Саволҳои 10-13)*

1 Петрус 2:13-17-ро **хонед**.

**Пурсед:**

- «Худо дар ояти 13 чӣ кор карданро ба мо фармон медиҳад?»  *[«Ба ҳокимият итоат кардан»]*
- «Ба хотири кӣ мо бояд итоат кунем?»  *[«Ба хотири Худо», ояти 13.]*
- «Мутобиқи ояти 16 оё маънои озодӣ дар Масеҳ ин аст, ки мо чӣ коре хоҳем карда метавонем?»
  *[Не, барои бадӣ кардан ҳақ надорем. Дар ин бобат мо дар дарси 15 бисёртар мефаҳмем.]*
- «Дар ояти 17 ба мо чор чиз амр карда шудааст. Вобаста ба шароити вазъияти худ чӣ тавр мо онҳоро дар амал истифода бурда метавонем?» *[Якҷоя муҳокима кунед.]*

## Саволи 13

Тамоми саволро **хонед**.

**Пурсед:**

- «Шумо ба ин савол чӣ гуна ҷавоб навиштед?» *[Муҳокима кунед – Ҷавобҳои шахсӣ.]*
- «Агар шумо дар мағоза фурӯшанда шуда кор мекарда бошед, сардори шумо гӯяд, ки мизоҷонро фиреб диҳед, оё шумо чунин мекунед? Алоқамандона ба суханоне, ки мо аз мисоли ҳavворӣ Петрус фаҳмидем, ҷавоб диҳед.»  *[Якҷоя муҳокима кунед. Ин корро иҷро кардан хеле мушкил мебошад, чунки шумо ба Худованд беитоатӣ карда наметавонед, ва ҳамзамон аз кори худ маҳрум шудан намехоҳед.]*

## Г) ИТОАТ БА САРДОР  *(Саволҳои 14-20)*

1 Петрус 2:18-ро **хонед.**

**Пурсед:**

- «Ба кӣ ин оят ирсол карда шудааст?» *[Ба ғуломон.]*

- «Чӣ фикр доред, чун ғулом кардан мушкил аст?» *[Муҳокима кунед. Масалан, шумо маҷбур мешавед, ки кори вазнинеро иҷро кунед, ва ба замми он маош намегиред, ва шумо озодӣ надоред.]*
- «Дар ояти 18 оё ғуломон танҳо ба «оғоёни нек ва фурӯтан» итоат кунанд, ё ҳамчунин ба «оғоёни сахтгир»?» *[Ҳам ба оғоёни нек ва ҳам сахтгир.]*
- «Агар мо ҳам маҷбур мешавем, ки барои сардори фиребгар кор кунем, ё дар хонаи шумо одамон меҳнати шуморо қадр намекунанд, аз 1 Петрус 2 чӣ гуна қувват ва тасаллӣ пайдо карда метавонем? *[Мо ба хотири Худо итоат мекунем, оятҳои 13 ва 18.]*

---

## Саволи 19

Ба ин ду мард **нигоҳ кунед**.

**Пурсед:**

- «Чиро афзал медонед, писари шумо партовкаши софдил гардад ё фурӯшандаи фиребгар?» *[Ин саволи мушкил аст! Якҷоя муҳокима кунед. Худо чӣ мехоҳад?]*

---

## Д) ХОТИМА *(Саволҳои 21-22)*

**Пурсед:**

- «Кӣ 1 Петрус 2:17-ро аз ёд гуфта метавонад?» *[«Ҳамаро ҳурмат кунед, бародариро дӯст доред». Эзоҳ: ин фақат як қисми ояти 17, барои ҷамъбаст кардани пунктҳои асосии дарс мебошад.]*
- «Кадом суханон дар ин оят мегӯянд, ки мо бояд ба ҷамъияти заминии худ хизмат гардем?» *[«Ҳамаро ҳурмат кунед».]*
- «Кадом суханон нишон медиҳанд, ки мо бояд ба ҷамъияти рӯҳонии худ хизмат гардем?» *[Бародариро дӯст доред]*

---

## ДАР АНҶОМИ ВОХӮРӢ

***ПУРСЕД***

- «Ин дарс ба ҳаёти шумо чӣ гуна дигаргуниҳо меорад?»
  *[Ҳар як иштирокчӣ ва шумо низ сухан кунед.]*

Супориши Амалии дарси 8-ро ***ХОНЕД***
***ГӮЕД:***

- «Ба саволҳои 7 ва 8 баргардед, оё шумо ӯҳдадор мешавед, ки яке аз ин супоришҳоро дар давоми ҳафта иҷро кунед. Омода бошед, ки оиди таҷрибаи худ ҳафтаи оянда сухан ронед. Ҳамчунин дар хона омӯхтани Дарси 9-ро фаромӯш накунед»

***БО ДУО БА АНҶОМ РАСОНЕД***: Аз Худо хоҳиш кунед, ки барои хидмат кардан ба ҷамъияти заминӣ ва рӯҳонӣ ба мо мадад расонад, ва ҳамчунин ба хотири исми Масеҳ барои итоат кардан ба ҳокимиятҳо ёрдам кунад.

## Дастурамал барои дарси 9 — Сабабҳои таъқибот

### МАҚСАДИ ДАРСИ 9

Ҳар як хонанда бояд:

а. Эътимод дошта бошад, ки аз муҳаббати Худо ҳеҷ чиз ӯро ҷудо карда наметавонад.

б. Дарк кунад, ки таъқибот ба амал омаданаш мумкин аст, вале Худованд онро ба фоидаи мо истифода бурда метавонад.

в. Хирадмандона рафтор кунад, то ки аз таъқиботҳои беҳуда канора ҷӯяд.

г.1 Петрус 2:21-ро аз ёд кунад.

### ДАР ОҒОЗИ ВОХӮРӢ

***БО ДУО САР КУНЕД***

***СУПОРИШИ АМАЛИИ ҲАФТАИ ГУЗАШТА***

- Гӯед: «Супориши амалии дарси ҳаштум аз он иборат буд, ки ба одамони гирду атроф, шахси мӯҳтоҷ ва ё шахси соҳибқудрат хидмат кунем. Оё шумо ин супоришро иҷро кардед, ва ба ин ё он рафтори неки шумо одамон чӣ гуна аксуламал нишон доданд?» *[Дар ин бора ҳар як иштирокчиро бо навбат пурсед. Агар шахсе, ки ба вай хидмат кардед, сипосгузор шуда бошад, пас кори хуб кардед. Вале агар миннатдорӣ накунад ҳам, ҳеҷ гап нест, чунки мо ба хотири Масеҳ ба ӯ хидмат кардаем.]*

***МАВЗӮИ ИМРӮЗА***

- Гӯед: «Имрӯз дар бораи таъқибот сӯҳбат мекунем, ин мавзӯи хеле мураккаб аст. Шояд, аз сабаби дарде, ки дар вақти таъқибот ба мо расонида шудааст, муқокимаронии мо касеро ба гиря кардан оварда расонад. Аммо Худованд таъқиботро барои фоидаи мо мебарад, ва Ӯ дар вақти муҳокимаронии ин мавзӯъ дарди моро даво мебахшад».

***ХУЛОСАИ ДАРС***

- Якҷоя Хулосаи Дарси 9-ро кушоед. Пурсед, ки шогирдон ба саволҳои додашуда чӣ гуна ҷавобҳо навиштанд:
- *Саволи 1:* «ба шумо намунаи ибрат боқӣ гузошт, то ки аз паи Ӯ равона шавед». (1 Петрус 2:21).
- *Саволи 2:* 1) ҷаҳон, нафрат мекунад; 2) Худованд, таъқиботҳо; 3) беақлона рафтор мекунем; 4) аз паи Масеҳ

## Масъалаи фарҳангӣ:

### *Маслиҳат додан ба таъқибшудагон*

Дар мамлакатҳое, ки ҳуқуқу озодиҳои шахс пурра кафолат дода шудаанд, пайравони Масеҳ баъзан дар бораи таъқибот тасаввуроти нодуруст доранд. Онҳо оқибати онро гоҳе зиёд ва ё гоҳе ночиз маънидод мекунанд. Хеле зарур аст, ки ба шахсони таъқибшаванда ҳам дар сатҳи амалӣ ва ҳам психологӣ оқилона маслиҳат дода тавонем. *Ба таври амалӣ,* одатан беҳтар он аст, ки ин имондорон оила ё муҳити худашонро тарк накунанд ва то ҳалли худро пайдо кардани вазъият мушкил ба зиддиятҳо босаброна тоқат кунанд. Дар ҳолатҳое ки ба онҳо хатари ҷиддӣ таҳдид мекунад, беҳтар аст, ки дар ҷои бехавф зиндагӣ кунанд, вале дар ин сурат ҳам онҳо бояд кӯшиш кунанд, ки бо мурури вақт муносибатҳои худро бо аҳли оилаи худ барқарор созанд. Дар мамлакатҳое, ки озодии шахс ҳимоя карда мешавад, хатари ҷиддӣ ба ҳаёти одамон кам ба назар мерасад.
*Ба таври психологӣ:* дарк кардан зарур аст, ки имондорон, вақте ки аз тарафи оилаи худ рад карда мешаванд, чӣ қадар дарди амиқро эҳсос мекунанд ва чӣ кадар аъзои оилаи худро сахт пазмон мешаванд. Ҷиҳати асосӣ ин ба нафъ табдил ёфтани таъқибот мебошад, ё бо ибораи дигар, мушкилкушои масъала ҳадафи неки Худоро нисбат ба ин вазъият дарк кардан аст, мақсади асосии ин дарс аз ҳамин иборат мебошад.

## А) ҶАҲОН АЗ МО НАФРАТ МЕКУНАД (Саволҳои 1-6)

### Саволҳои 1-2

Саволи 1 ва сархати аввали саволи 2-ро **хонед**

**Пурсед**:

- «Кадом ҷавобҳоро дар ин ҷо қайд кардед? Эҳтимол шумо таъқиботро дар шакли дигар аз сар гузаронидед? Оё шумо то ҳол таъқиботро аз сар мегузаронед?» *[Ба ҳар як нафар имконият диҳед, ки дар бораи таҷрибаи худ гап занад. Ин хеле вақти муҳим аст, шояд ашк рехта шавад.]*

Барои он аъзоёни гурӯҳ, ки то ҳол таъқиботро аз сар мегузаронанд ё аз аз сабаби таъқиботҳои пештара дардро эҳсос мекунанд, **якҷоя дуо кунед**..

---

### Саволи 5

Нақлро дар бораи Ҳоим **хонед**.

**Гӯед**:

- «Вақте ки саргузашти Ҳоимро хондед, чиро эҳсос кардед?» *[Муҳокима кунед.]*

---

## Б) ХУДОВАНД БА ТАЪҚИБОТ РОҲ МЕДИҲАД *(Саволҳои 7-13)*

**Гӯед**:

- «Худованд медонист, ки ба масеҳиёни аввалин ҳангоми рӯ ба рӯ шудан бо таъқибот хеле душвор мешавад, чуноне ки имрӯз барои мо низ хеле душвор аст. Бинобар ин Ӯ дар Номаи якуми Петрус бо ваъдаҳои қавӣ онҳоро тасаллӣ додааст.»

1 Петрус 1:3-7-ро **хонед**

**Пурсед:**

- «Алоқамандона бо ояти чорум, мероси мо дар куҷост?» *[«Дар осмон»]* «Оё он пажмурда, нобуд ё вайрон мешавад?» *[Не, бар хилофи мероси заминиамон, бо он ҳеҷ чиз рӯӣ намедиҳад!]*
- «Алоқамандона бо ояти панҷум, дар ин вақт мо бо чӣ муҳофизат карда мешавем?» *[«Бо қуввати Худо».]*
- «Аз рӯи ояти шашум, мо бо чӣ гуна озмоишҳои мухталиф рӯ ба рӯ мегардем ва чӣ тавр бояд ба ин озмоишҳо аксуламал нишон диҳем?» *[Мо бояд «шодӣ» кунем.]*
- «Дар ояти ҳафтум дар бораи имони мо чӣ гуфта шудааст?» *[Мисли тилло, ва дар ҳақиқат, имони мо «аз тилло қимматтар аст».]*
- «Барои чӣ заргар тиллоро аз оташ мегузаронад?» *[Барои тоза кардан.]* «Ҳамин тариқ, барои чӣ Худованд роҳ медиҳад, ки мо таъқиботро аз сар гузаронем?» *[Ҳаққонӣ будани имони моро исбот кунад ва моро пок, бо сабру тоқат ва қавӣ гардонад!]*

---

## Саволи 10

Саволро пурра **хонед**.

**Пурсед:**

- «Чӣ гуна ҷавоб ё ҷавобҳоро қайд кардед?» *[Танҳо ҷавоби «Дуруст» а) мутобиқ ба Китоби Муқаддас. Вале мақсади ин муҳокимаронии дар он аст, ки хонандагон оиди шубҳаву гумонҳо ва мушкилиҳои худ софдил бошанд. Ба туфайли ин муҳокимаронӣ онҳо дари қалби худро самимона ба Каломи Худо боз мекунанд. Он гоҳ Худованд тарзи тафаккури онҳоро дигар мекунад ва қувват мебахшад, то ки онҳо, ҳатто агар азобу уқубат кашида истода бошанд ҳам, бовар карда тавонанд, ки Худо нек аст.]*

---

## Саволи 11

Саволро пурра **хонед**.

**Пурсед:**

- «Шумо дар қисми б) чӣ навиштед?» *[Муҳокима кунед. Барои нақли воқеаҳое тайёр бошед, ки чӣ тавр Худованд вазъияти ҳаёти шуморо ба некӣ табдил додааст.]*

---

## Саволи 12

Саволро пурра **хонед**.

**Пурсед:**

- «Оё ягон чиз моро аз муҳаббати Масеҳ ҷудо карда метавонад?» *[Не, ҳеҷ чиз наметавонад моро аз муҳаббати Ӯ ҷудо кунад, ҳатто марг]*
- «Оё марг оилаи Ҳошимро аз муҳаббати Масеҳ ҷудо карда метавонад?» *[Не! Вақте ки онҳо мурданд, бо Худо пайвастанд.]*

Ваъдаи Худоро, ки дар порчаи саволи 12 оварда шудааст,**хонед**:

- «Зеро ман мӯътақидам, ки на мамот, на ҳаёт, на фариштагон, на мабдаъҳо, на қуввахо, на ҳозира, на оянда, на баландӣ, на умқ, на ҳар гуна махлуқи дигар моро аз муҳаббати Худо, ки дар Худованди мо Исои Масеҳ аст, ҷудо карда наметавонад!» (Румиён: 38-39).

---

## В) БАЪЗАН МО БЕАҚЛОНА РАФТОР МЕКУНЕМ *(Саволҳои 14-17)*

### Саволи 14

Саволеро, ки пас аз саргузашти Шокир дода шудааст, **хонед**

**Пурсед**:

- «Нисбати ин савол фикри шумо чӣ гуна аст?» *[Агар баъзе касон то ҳол барои ҷавоб додан тайёр набошанд, қайдҳои онҳоро дар китоби дарсӣ аз назар гузаронед, то боварӣ ҳосил кунед, ки онҳо ҷои ҷавобҳои худро холӣ нагузошта, чизе навиштаанд. Фаҳмонед, ки агар онҳо ба омӯзиши дарс дар хона хубтар машғул шаванд, пас онҳо дар муҳокимарониҳо фаъолтар иштирок карда метавонанд.]*
- «Шокир бо таъқиботи ногузир рӯ ба рӯ шуд ё бо таъқиботи нолозим?» *[Бо таъқиботи нолозим. Вай беақлона рафтор кард, падари худро таҳқир намуд ва аз хона гурехта, оилаашонро шарманда кард.]*
- «Чӣ тавр мо аз таъқиботи нолозим халос шуда метавонем?» *[Муҳокима кунед. Мисол, мо бояд калонсолонро ҳурмат кунем ва оилаи худро дастгирӣ намоем. Мо то қадри имкон бояд кӯшиш кунем, ки наздикони худро дар хиҷолат намонем.]*
- «Оё моро лозим аст, ки аз таъқиботи ногузир канораҷӯӣ кунем?» *[Мо набояд аз номи Масеҳ рӯ гардонем. Вале мо метавонем, барои вақти муайяне ба ҷои дигар равем, инро мо баъдтар муҳокима мекунем.]*

---

### Саволи 17

Сархати дуюмро **хонед**.

**Пурсед:**

- «Нисбати ин савол фикри шумо чӣ гуна аст?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Мо ба шумо ҷавоби «дуруст» ё «нодуруст» дода наметавонем, чунки ин аз вазъияту шароит вобаста аст. Шахсе, ки ҳаёти вай хатар таҳдид мекунад, бояд фикр кунад, ки барои вақти муайян ба дигар ҷой кӯч кунад. Вале агар хавфи калон мавҷуд нест, то ба қадри имкон, то беҳтар шудани вазъият, дар хона оромона зиндагӣ кунад. Вай бояд кӯшиш карда, нишон диҳад, ки ба оилаи худ содиқ мемонад, гарчанде ки Исои Масеҳро пайравӣ менамояд.]*

---

## Г) МО БА МАСЕҲ ТАҚЛИД МЕКУНЕМ *(Саволҳои 19-22)*

1 Петрус 2:19-25-ро **хонед**

**Пурсед:**

- «Чӣ тавр дар ояти 20 азоби нолозим тасвир карда шудааст?» *[«Зеро чӣ фахре ҳаст, агар шумо барои кирдори бад шаллоқ хӯрда, тоқат кунед?»]*
- «Аз рӯи ояти 21, дар вақти таъқибот ба кӣ бояд тақлид кунем ва намунаи ибрати мо кӣ аст?» *[Ба устодамон Исои Масеҳ бояд тақлид кунем. Ӯ ба хотири гуноҳҳои мо уқубат кашид, ва мо бояд бо ифтихор Ӯро пайравӣ кунем!]*
- Устоди мо Исо нисбат ба ҷазои ноҳақ чӣ гуна рафтор кард, ояти 23? *[«Вақте ки Ӯро таҳқир карданд, Ӯ бо таҳқир ҷавоб нагардонд, азоб кашад ҳам, таҳдид накард, Худро ба Парвардигор, ки довари одил мебошад, ҳавола кард».]*
- Аз рӯи ояти 23, вақте ки ноҳақ азоб мекашем, чӣ тавр мо ба Ӯ тақлид карда метавонем? *[Мо низ набояд дигаронро таҳқир кунем ва таҳдид созем, балки ба Худо такя намоем. Вале баъзе вақт лозим мешавад, ки бар зидди беадолатӣ эътироз кунем, ва дар ин бора ҳафтаи оянда бештар сӯҳбат хоҳем кард.]*
- Ба ояти 24 нигоҳ кунед. Шуморо чӣ гуна эҳсосот фаро мегирад, вақте мефаҳмед, ки Исои Масеҳ ба хотири шумо ин корро кардааст? *[Хонандагон ҳиссиётҳои худро баён карда метавонанд. Шояд онҳоро эҳсоси шукргузорӣ ва фурӯтанӣ фаро гирад, ва ба ранҷу заҳмати Масеҳ шарик шаванд, зеро Ӯ ба хотири онҳо чӣ гуна корҳоро иҷро кардааст.]*

---

## Саволи 22

Оятеро, ки барои аз ёд кардан дар дохили чаҳорчӯба оварда шудааст, **якҷоя аз назар гузаронед** (1 Петрус 2:21)

---

### ДАР АНҶОМИ ВОХӮРӢ

***ПУРСЕД:***

- «Ин дарс ба ҳаёти шумо чӣ гуна таъғирот меорад?»

*[Ҳар як иштирокчӣ ва шумо бояд фикри худро баён намоед.]*

Супориши Амалии дарси 9-ро ***ХОНЕД.***

***ГӮЕД:***

- «Ҳар рӯз, бо мақсади омӯзиш, оятро чандин маротиба ва оҳиста хонда бароед. Аз Рӯҳи Поки Худо хоҳиш кунед, ки маънои оятро ба шумо фаҳмо гардонад, то ки шумо дар вақти таъқибот аз он тасаллӣ ёбед. Ҳамчунин дар хона дарси даҳумро аз худ кунед».

***БО ДУО БА АНҶОМ РАСОНЕД***

Аз иштирокдорон хоҳиш кунед, ки кӯтоҳакак дуо кунанд, Худоро барои ваъдаҳои Ӯ дар давраи таъқибот шукргузорӣ кунед. Барои он касоне, ки дар мамлакати шумо ва кишварҳои дигар аз таъқибот азобу уқубат мекашанд, дуо кунед.

## Дастурамал барои дарси 10 Чӣ тавр мо бояд нисбат ба дашномҳо ва таъқибот рафтор кунем?

### МАҚСАДИ ДАРСИ 10

Ҳар як хонанда бояд:

а. Сидқан бовар кунад, ки бахшидан аз қасос гирифтан беҳтар аст.

б. Барои бахшидани касе, ки ранҷу озор расондааст, қадамҳо гузорад.

в. Матто 5:44-ро аз ёд кунад

### ДАР ОҒОЗИ ВОХӮРӢ

***БО ДУО САР КУНЕД***

***СУПОРИШИ АМАЛИИ ҲАФТАИ ГУЗАШТА***

- Гӯед: «Супориши амалии дарси гузашта аз он иборат буд, ки ҳар рӯз дар бораи оятҳои гуногуни Навиштаҷот аз дарси нӯҳум фикрронӣ кунем. Кадом оят ба шумо таассуроти сахт боқӣ гузошт?» *[Ҳар як иштирокчӣ бояд як оятро қайд кунад. Аҳамият надорад, ки ҳама ҳамон як оятро интихоб мекунанд ё оятҳои гуногунро.]*

***МАВЗӮИ ИМРӮЗА***

- Гӯед: «Имрӯз мо дар бораи он мефаҳмем, ки хоҳиши Худо дар бораи аксуламали мо нисбат ба таъқибот чӣ гуна аст, ва оиди он ки чӣ тавр мо душманони худро бахшида метавонем сӯҳбат мекунем.»

***ҶАВОБҲО БА САВОЛҲОИ ХУЛОСАВИИ ДАРС***

- Тафтиш кунед, ки оё иштирокчиён ба саволҳои хулосавии дарс ҷавоби дуруст доданд? Инак, ҷавобҳои дуруст:
  *Саволи 1:* бахшидан
  *Саволи 2:* «Душманони худро дӯст бидоред ва барои озордиҳандагону таъқибкунандагони худ дуо гӯед» (Матто 5:44)

## А) ДАВРИ ҚАСОС   *(Муқаддима ва саволҳои 1-3)*

### Масъалаи фарҳангӣ: *Қасос ва бахшидан*

Ин дарс дар аввал барои он мамалакате тартиб дода шуда буд, ки «даври қасос» дар он ҷо дар давоми чандин наслҳо оқибатҳои ногувор дошт. Гарчанде ки дар бисёр кишварҳо қасос қобили писанд нест, вале дар баъзе маданиятҳо он ба ҳукми анъана даромадааст. Табиати гунаҳкори инсонӣ дар ҳама маданиятҳо печ дар печ бо майлу хоҳиши «пурқувваттар намоён шудан» ва «ору номусро ҳифз кардан» намоён мегардад. Дар ҷамъияҳои анъанавӣ ин чунин маъно дорад, ки бисёр одамон қасосро падидаи табиӣ мешуморанд. Бинобар ин он касоне, ки бо фармони Масеҳ оид ба дӯст доштани душманон (оят барои аз ёд кардан дар ин ҳафта) рӯ ба рӯ мешаванд, ин таълимотро радикалӣ донистa, ва дар натиҷаи ин бисёриҳо ба Исо ҷалб мегарданд.
Бисёр имондорони нав дар қалби худ нисбат ба он касоне, ки таъқиб кардаанд ё аз сабаби имонашон ба онҳо ранҷу озор расондаанд, дард ва ранҷиш доранд (мисол, ба мисли саволи 15). Озод шудан аз ин хеле муҳим аст, чунки барои наздиктар шудан бо Масеҳ мусоидат мекунад. Маҳз аз ҳамин сабаб ба ин мавзӯъ аҳамияти калон дода ва бо мисолҳо ороиш дода мешавад. Муҳокимаронӣ оиди ин мавзӯъ метавонад ба ҳиссиёти чуқур оварда расонад, ва қалбҳоро шифо бахшад.
Дар саволи 5 байни  Исо, ки таъқибкунадагони Худро бахшида, ҷон додааст ва сарвароне, ки душманони худро лаъннат карда, дар майдони набард ба ҳалокат расидаанд, тазод нишон дода мешавад.

## Лавҳача дар муқаддима

Лавҳачаро дар тарафи чап **хонед**.

**Пурсед:**

- «Оё шумо низ чунин ҳиссиётҳоро ба мисли ҳамин шахс аз сар гузаронидаед?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Агар хонандагон гӯянд, ки бахшидан хеле душвор аст, ва ин нишонаи сустӣ аст, пас зуд ба онҳо эрод нагиред. Вақти боқимондаи дарс барои муҳокимаронии ин саволҳо бахшида шудааст.]*

---

## Саволи 2

Сархати охиринро **хонед**.

**Пурсед:**

- «Шумо дар ин ҷо чӣ гуна мисол овардед?» *[Муҳокима кунед.]*
- «Маълум мешавад, ки гӯё бахшидан душвор асту қасос гирифтан осон. Вале кадоме аз ин ҳар ду бештару бештар зарар меорад?» *[Қасос]*

---

,

## Б) БАХШИДАН БА ҶОИ ҚАСОС ГИРИФТАН (Саволҳои 4-16)

### Саволи 4

Саволро пурра **хонед**.

Матто 5:44-ро, ки барои аз ёд кардан дода шудааст, **якҷоя тайёр кунед.**

**Пурсед**:

- «Дӯст доштани душманон ва дуо кардан дар ҳаққи таъқибкунандагон хеле душвор аст. Барои чӣ мо бояд барои ин кӯшиш кунем?» *[Чунки Исои Масеҳ Подшоҳи мо мебошад, ва Ӯ чунин фармон додааст. Ӯ шахсан дар ин кор намунаи ибрати мо мебошад. Ин ҳамчунин даври қасосро мешиканад ва моро аз кинаю адоват озод мекунад.]*

---

### Саволи 5

**Гӯед:**

- «Имрӯз мо дар бораи чор нафар шахсон, ки дар дарси даҳум тасвир карда шудаанд ва таъқибкунандагони худро бахшидаанд, фикрронӣ мекунем. Шахси <u>аввалин</u> Подшоҳи мо Исои Масеҳ мебошад»

Саволро пурра **хонед** (ба қисми дар боло овардашудаи «Масъалаи фарҳангӣ» диққат кунед)

**Пурсед**:

- «Исо сарвари суст буд ё қавӣ?» *[Қавӣ.]*
- «Вале Исои Масеҳ қуввати Худро барои лаънат кардани душманони Худ истифода набурд. Вай қуввати Худро барои нобуд кардани душманони Худ истифода набурд. Пас Ӯ баҳри чӣ қуввати Худро истифода бурд?» *[Баҳри бахшидани душманони Худ.]*
- «Дар мисоли Ӯ мо чиро омӯхта метавонем?» *[Бахшидан аломати сустӣ набуда, балки нишони қувват ва мардонагӣ мебошад.]*
- «Кӣ барои бахшидани душманони мо қувват медиҳад?» *[Худи Исо, бо қуввати Рӯҳи Ӯ, ки дар мо зиндагӣ мекунад.]*

---

### Саволи 9

**Гӯед:**

- «Имрӯз мо мисоли чор нафар шахсонро дида мебароем. Бори аввал мо мисоли Подшоҳамон Исоро дида баромадем, се нафари дигар бошанд, пайравони Масеҳ мебошанд, ки то имондори Масеҳӣ шудан мӯътақидони дини дигар буданд. Биёед саргузашти Муродро меомӯзем».

Саргузашти Муродро (аз моҳвора гирифта шудааст ва дар он гуфта мешавад, ки қисса ҳақиқати воқеӣ дорад) **хонед**.

**Пурсед**:

- «Шумо ба саволи 9 а) ва б) чӣ гуна ҷавоб додед?» *[Қасос ба монанди сӯзишворӣ аст, вале бахшидан ба мисли об мебошад.]*
- «Агар Мурод нақшаи қасоси худро иҷро мекард, оқибати он чӣ гуна мебуд?» *[Ҳамкасбони ӯ пуршиддаттар ҷавоб мегардонданд, ки ин ба мустаҳкамтар шудани «даври қасос» оварда мерасонд.]*

## Саволи 10

Қисми дуюми саргузашти Муродро **хонед**.

**Пурсед**:

- «Бахшидани Мурод назар ба қасосгирӣ чӣ гуна самараи хубтаре меорад?» *[Ҳамкори Мурод аз рафтори ӯ чуқур таъсир гирифт ва дертар ба Исо имон овард.]*

**Гӯед:**

- «Ҳамчунин боз як самараи хубе мавҷуд мебошад, ки аз сабаби кифоя набудани ҷой дар ин дарс гуфта нашуд. Баъд аз он ки Мурод гум шудани пули худро пай бурд, тамоми шаб хоб карда натавонист. Ӯ дар бораи ин дертар шабона дуо гуфт. Маҳз дар ҳамин вақт аз берун дар балкон овозе шунид. Вай нигоҳ кард ва дар балкон лифофаеро дид. Вай намедонист, ки онро кӣ ба он ҷо партофт. Дар лифофа навишта шуда буд: «Ман бародари ту дар имон мебошам, ва Худо ба ман гуфт, ки инро ба ту бидиҳам». Дар лифофа ҳамон миқдор пул буд, ки Мурод гум карда буд!»

**Пурсед**:

- «Шумо чӣ фикр доред, вақте ки Мурод пулро дарёфт кард, чиро эҳсос намуд?» *[Ҷавобҳои хонандагон. Дар ҳақиқат ин воқеа имони Муродро мустаҳкам кард.]*

---

## Саволи 12

**Гӯед:**

- «Акнун биёед саргузашти шахси <u>сеюм</u> – духтареро, ки озордиҳандаи худро бахшида тавонист, дида мебароем. Вай низ пайрави Исо буд, оилаи вай мансуби дини дигар буд».

Савол ва саргузаштро пурра **хонед**.

**Пурсед**:

- «Чӣ фикр доред, барои чӣ Худованд ба таври мӯъҷиза зарари молиявии Муродро барқарор кард, вале ин корро барои Марям накард?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Мо ҷавобро намедонем. Худо медонад, ки барои мо дар давраҳои гуногун чизи беҳтаре ҳаст. Баъзан ӯ барои мустаҳкам кардани имони мо мӯъҷиза мекунад, чуноне ки аз саргузашти Мурод маълум аст. Баъзан барои обутоб додани мо Ӯ моро ба монанди Марям аз водии ашкбор мегузаронад. Ба ҳар ҳол, Ӯ ба фоидаи ҳаёти мо кор мекунад.]*
- «Чӣ Марямро аз нафрат кардан ба холаи шавҳари вай озод кард?» *[Вай қарор кард, ки ӯро бахшад. Ва сипас қалби ӯро шодӣ пур кард!]*

---

## Саволи 13

Саволро пурра **хонед**.

**Пурсед**:

- «Шумо дар ин ҷо чӣ навиштед?» *[Ақидаҳои гуногунро муҳокима кунед. Ин саволи мушкил аст. Баъзан дуруст мешавад, ки аз номи худ ё аз номи имондорони дигар эътироз баён кунем. Баъзан Ҳаворӣ Павлус ҳангоми нисбат ба ӯ ноодилона рафтор кардан эътироз баён мекард (мисол дар Аъмол 16:35-37). Вале эътирози мо бояд аз рӯи қоида бошад, на чораҷӯӣ барои қасосгирӣ.]*

## Саволи 14

Сархати аввалро бо шеъри тарҷумашуда **хонед**

**Пурсед:**

- «Дар бораи он лаҳзаи ҳаёти худ гӯед, ки дар дил кина доштед ва бахшидан намехостед. Ин ба ҳаёти шумо чӣ таъсир расонид?» *[Якҷоя муҳокима кунед.]*
- «Чӣ кор бояд кунем, то ки аз «каждуми нешзан», ки дар шеър тасвир карда шудааст, халос шавем? *[Душманони худро бахшем.]*

## Саволи 15а

**Гӯед:**

- «Шахси чорум, ки мо дар бораи вай гап мезанем, африқоӣ мебошад. Вақте ки вай ба Масеҳ имон овард, хешовандонаш ӯро куштанӣ шуданд»

Дар чаҳорчӯба суханони ин одамро **хонед**

**Пурсед:**

- «Барои ин шахс бахшидани он касоне, ки вайро кӯфта буданд, осон буд ё душвор?» *[Хеле душвор.]*
- «Ин одам гуфт: «Азобҳои ман аз сабаби набахшидани таъқибкунандагонам қариб ба азоби лату кӯб шудани ман баробар буд». Чиро ӯ дар назар дошт?» *[Муҳокима кунед. Ба фикрам ӯ аз сабаби алами дарунии худ азоб мекашид.]*

## Саволи 15б

Ҷумлаи навбатӣ, ҳамчунин лавҳачаро **хонед.**

**Гӯед:**

- «Шахсеро ба хотир биёред, ки шуморо боре ранҷонда буд. Акнун биёед номи ӯро дарунакӣ мегӯем. Мисол, агар номи вай Фарҳод бошад, дар дили худ мегӯем: «Фарҳодро дӯст медорам ва дар ҳаққи вай дуо мекунам». Биёед ин корро ҳозир иҷро мекунем». *[Бо мақсади ошкор накардани сирри шахсӣ аз хонандагон талаб карда намешавад, ки номи он шахсро нависанд ё бо овози шунаво гӯянд.]*

**Пурсед:**

- «Оё ин корро карда тавонистед? Шумо ин суханонро ба забон оварда, чиро эҳсос кардед?»

**Гӯед:**

- «Дар ёд дошта бошед, ки мо душманони худро бо табиати кӯҳнаи худ бахшида наметавонем, вале бо табиати нави худ, ки табиати Масеҳ аст, ин корро карда метавонем»

## В) ШОДӢ ДАР БАЙНИ АЗОБҲО *(Саволҳои 17-19)*

1 Петрус 4:12-16-ро **якҷоя хонед**

**Пурсед:**

- «Кадом оят бештар ба шумо писанд омад ва барои чӣ?» *[Ҷавобҳои гуногун.]*
- «Воқеаеро гӯед, ки Худованд дар байни таъқибот ба шумо шодӣ бахшидааст» *[Якҷоя муҳокима кунед.]*

---

## ДАР АНҶОМИ ВОХӮРӢ

***ПУРСЕД:***

- «Ин дарс ба ҳаёти шумо чӣ гуна таъғирот меорад?»
  *[Ҳар як иштирокчӣ ва шумо бояд фикри худро баён кунед.]*

Супориши Амалии дарси даҳумро ***ХОНЕД***

***ГӮЕД:***

- «Шумо бояд бо ихтиёри худ ин супоришро иҷро кунед, ҳеҷ кас шуморо маҷбур карда наметавонад. Ин супориши хеле душвор аст, вале агар иҷро кунед, Худованд баҳри иҷрои он ба шумо қувват мебахшад. Пас аз он дар зиндагӣ шодии бузургро эҳсос мекунед!»

- «Дар хона дарси 11-ро омӯзед»

***БО ДУО БА АНҶОМ РАСОНЕД*** Худовандро шукргузорӣ намоед, ки беҳтар будани бахшиданро аз қасос нишон дод. Аз Ӯ қувват талаб кунед, ки барои иҷрои супориши амалӣ ба шумо қувват диҳад.

# Дастурамал барои дарси 11      Занон ва шавҳарон

## МАҚСАДИ ДАРСИ 11

Ҳар як хонанда бояд:

а. Иродаи Худоро алоқамандона бо издивоҷ фаҳмад: як мард бо як зан тамоми умр пайванд мегарданд.

б. Кӯшиш кунад, ки пеш аз ҳама ба ҳамсари худ писанд ояд.

в. Бовар кунад, ки шавҳар бояд аз модари худ дида, ба зани худ ихтиёри афзалият диҳад.

г. Ҳастӣ 2:24-ро аз ёд кунед

## Эзоҳи махсус

Агар гурӯҳи шумо аз мардон ва занон иборат бошад, пас фикр кунед, ки онҳо мавзӯи ин дарсро якҷоя муҳокима кардан мехоҳанд ё дар гурӯҳҳои алоҳида. Шумо вобаста ба маданият ва намуди шахсиятҳо интихоб карда метавонед, ки кадом тарз қулайтар аст. Ҳамчунин муҳокимарониро алоқамандона ба он ки иштирокчиёни гурӯҳ оиладор, муҷаррад, навхонадор, соҳиби фарзандон, дар гузашта оиладор ва ғайра мебошанд, мувофиқ гардонед.
Мавзӯи ин ҳафта хеле муҳим мебошад, дар он бисёр ҷиҳатҳое, ки барои муҳокимаронӣ зарур мебошанд, ҷой дода шудаанд. Ба он саволҳое, ки ба ҳаёти хонандагон бештар алоқамандӣ дорад, аҳамият диҳед, вале онҳоро ба шитоб кардан водор насозед. Агар имрӯз барои пурра ба анҷом расондани муҳокимаронӣ вақт кифоя накунад, пас ҳафтаи оянда давом дода метавонед.

## ДАР ОҒОЗИ ВОХӮРӢ

***БО ДУО САР КУНЕД***

***МАВЗӮИ ИМРӮЗА:***

Гӯед: «муносибати шавҳар ва зан аз ҳама муносибатҳое, ки дар байни одамон мебошад, муҳимтарин аст, ҳатто муҳимтар аз муносибати мо бо волидон. Биёед имрӯз иродаи Худоро нисбат издивоҷ мефаҳмем»

***ҶАВОБҲО БА САВОЛҲОИ ХУЛОСАВИИ ДАРС:***

- Боварӣ ҳосил кунед, ки хонандагон ба саволҳои хулосавии дарс ҷавобҳои дуруст дода тавонистанд.
  *Саволи 1:* «падару модари худро тарк карда бо зани худ хоҳад пайваст; ва як тан хоҳанд буд»   Ҳастӣ 2:24)
  *Саволи 2:* як, як, тамоми
  *Вопрос 3:* а) итоат кунед; б) бомулоҳиза рафтор кунед
  *Вопрос 4:* ман

***СУПОРИШИ АМАЛИИ ҲАФТАИ ГУЗАШТА:***

- Гӯед: «Супориши амалии ҳафтаи гузашта аз он иборат буд, ки озордиҳандаи худро бахшем. Ин супоришро иҷро кардед? Ин ба ҳаёти шумо чӣ дигаргунӣ овард?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Нафаронеро, ки хомӯш ҳастанд ё барои бахшидан душворӣ мекашанд, ба назар гиред. Дертар бо ҳар яки онҳо дар алоҳидагӣ сӯҳбат кунед.]*

## Масъалаи фарҳангӣ: *Издивоҷ (Никоҳ)*

Дар ҳама маданиятҳо издивоҷҳои хушоянд ва издивоҷҳои зиддиятнок мавҷуд мебошанд, бинобар ин ҳамаро ба таври умумӣ хулоса намудан мушкил аст. Дар бисёр маданиятҳо бо сабабҳои гуногун ҳаёти оилавӣ хеле ҷолиб мебошад, гарчанде ки дар он зӯроварии пинҳонӣ ва ноумедии азиме ҷой дошта метавонад.

Уламои дину мазҳабҳои дигар таълимотро оид ба издивоҷ ҳар хел маънидод мекунанд, ва дар баъзе ҷамъиятҳо, ки мардон мақоми баландтар доранд, шаъну шарафи зан паст зада мешавад. Аммо ин курси таълимӣ ба тасаввуроти нодурусте, ки дар бисёр ҷамъиятҳо оиди издивоҷ паҳн шудааст, муқобил меистад, масалан, гӯё шавҳар ҳақ дорад. ки зани худро лату кӯб намояд ва бемалол вайро талоқ диҳад, ва ё якбора чор занро ба никоҳи худ даровард, ва ҳамчунин агар зани аввалааш писар таваллуд карда натавонад, барои боз бо як зани дигар никоҳ кардан сабаби асоснок дошта метавонад. Дар ин маданиятҳо зан низ дар ҷамъият дорои ҳуқуқ мебошад, вале он аз ҳуқуқи шавҳар хеле пасттар аст. Аз рӯи моҳияти худ дар ин гуна маданиятҳо никоҳ бештар ба муоҳида, яъне ба шартнома шабоҳат дорад, на ба паймони муҳаббат.

Мақсади ин дарс аз он иборат аст, ки ба хонандагон ёрӣ диҳем, то ки онҳо тасаввуроти худро оид ба никоҳ аз нав дида бароянд ва пойдевори онро дар асоси Навиштаҷот бунёд кунанд. Фаҳмишҳои умумӣ дар давоми дарс баррасӣ гардида, бо таълимоти Навиштаҷот муқоиса карда мешавад. Дар саволи даҳум ба таври мақсаднок аз як китоби муқаддас иқтибоси хеле машҳур оварда мешавад: «занони шумо – полизи шумо». Китоби Муқаддас таълим медиҳад, ки дар тамоми умр як мард бояд бо як зан издивоҷ кунад,  шавҳарон бояд нисбат ба занони худ муҳаббати фидокоронаи худро зоҳир кунанд, ва ин хеле муҳим аст. Дарси 11 фақат нуктаи оғозбахшест барои мавзӯи васеъ, агар хонандагон аллакай оиладор бошанд ё барои оиладор шудан тайёрӣ мебинанд, пас гузаронидани дарси иловагӣ фоиданок хоҳад буд. Муҳокимаронӣ оид ба тарбияи фарзандон низ хеле муҳим аст.

## А) ИРОДАИ ХУДО ОИД БА ИЗДИВОҶ   *(Саволҳои 1-11)*

### Саволи 2

Ҳар як изҳоротро аз  а) то г) **хонед**

Баъд аз ҳар як изҳорот **пурсед**:

- «Оё шумо шахсан бо ин изҳорот розӣ ҳастед? Барои чӣ ҳа ва ё барои чӣ не?» *[Ҷавобҳое, ки дар ин китоби дарсӣ фароҳам оварда шудаанд, фаҳмиши мо оид ба таълимоти Китоби Муқаддас мебошад. Мо мефаҳмем, ки шояд имондорон нисбати баъзе ҷиҳатҳои нақшу мақоми ҷинсҳо розӣ шуда натавонанд, вале ҳадди ақал, бо изҳороте, ки дар асоси Китоби Муқаддас оиди зану мард оварда шудаанд, розӣ шуда метавонанд.]*

---

### Саволи 3

Ду ҷумлаи аввалро **хонед**.

Ҳар як хонандаро такрор ба такрор **пурсед**:

- «Иродаи Худо оид ба никоҳ аз чӣ иборат аст?» *[Як мард бо як зан тамоми умр пайванд мешавад.]*

**Пурсед:** Аз рӯи иродаи Худо оид ба издивоҷ:

- «Мард чанд зан дошта метавонад?» *[Як.]*
- «Онҳо барои чӣ қадар вақт издивоҷ карда метавонанд?» *[Тамоми умр.]*
- «Чӣ дар байни онҳо дар сатҳи тан, ҷон ва рӯҳ бояд рӯй диҳад?» *[Онҳо бояд пайванд гарданд.]*
- «Кадом оятро барои ин дарс мо бояд аз ёд кунем?» *[Чорчӯбаро дар саволи 3 нигаред. «Аз ин сабаб мард падару модари худро тарк карда, бо зани худ хоҳад пайваст; ва як тан хоҳанд буд» (Ҳастӣ 2:24).]*

---

## Саволҳои 4-5

Пурра саволи 4-ро **хонед**.

**Пурсед**:

- «Ҳар яки шумо дар пункти 5 а) ва 5 б) чӣ навиштед?
*[Ин сенарияи классикии ҷамъиятҳои анъанавӣ мебошад, ки дар он сохтори мураккаби оиладорӣ пайравӣ карда мешавад. Дар баъзе кишварҳо, махсусан дар шаҳрҳо, намуди алоҳидаи издивоҷ ривоҷ меёбад. Вале ба ҳар ҳол хонанда мушкилотро дарк карда метавонад. Принсипи Китоби Муқаддас фаҳмост – зан бояд дар ҳаёти шавҳар ҷои аввалро ишғол кунад, вале дар ҳаққи падару модар ғамхорӣ зоҳир кардан ҳам аз рӯи принсипи Китоби Муқаддас мебошад. Дар баъзе маданиятҳо ба ин принсип камтар аҳамият медиҳанд.]*

### Масъалаи фарҳангӣ: *Эҳсоси модарӣ*

Дар баъзе маданиятҳо модар қиммати бузург дорад. Ба писарон амр карда шудааст, ки модарони худро ҳурмат кунанд ва ба онҳо садоқатманд бошанд, ва одатан назар ба падар онҳо ба таври эҳсосотӣ ба модар бештар дилбастагӣ доранд. Ҳамчунин, ба таври анъанавӣ дар баъзе маданиятҳо арӯс ба никоҳи домод даромада, хонаи падарро тарк мекунад ва ба оилаи шавҳар мепайвандад, вале барои вай раванди «тарккунӣ ва ҷудошавӣ» фароҳам оварда намешавад. Бинобар ин мард назар ба ҳамсари худ дида, ба модари худ садоқатмандтар мемонад, ва модар инро барои манфиати худ ва бар зарари арӯс истифода мебарад. Ин масъалаҳо дар ин дарс баррасӣ карда мешавад. Вале дар  ин ҷо лаҳзаҳои умумӣ оварда мешаванд, ҳамчунин дар шароити ҳозирзамон системаи оилаҳои муштарак он қадар мустаҳкам нест.

---

## Саволи 7

Матто 19:3-6-ро **хонед**

**Пурсед:**

- «Мутобиқ ба саволи одамони мазҳабӣ, ки дар ояти 3 омадааст, оё дар он замонҳо мард бемалол аз зани худ ҷудо шуда метавонист?» *[Бале, чунин ба назар мерасад. Ғайр аз ин баъзе одамони мазҳабӣ таълим медоданд, ки мард, ҳатто агар хӯроки пухтаистодаи зан дар дег сӯзад, аз зани худ ҷудо шуда метавонад.]*
- «Кадом оятро Масеҳ аз Таврот (китоби Мӯсо) дар ояти панҷум иқтибос овардааст?» *[Ҳастӣ 2:24, ҳамон ояте, ки мо бояд аз ёд кунем. Ин нишон медиҳад, ки Исои Масеҳ таълимоти мазкурро тасдиқ мекунад.]*

- «Китоби Муқаддас равшан таълим медиҳад, ки мард бояд бо зани худ «пайванд» шавад. Чӣ тавр онҳо ин иттиҳодро на танҳо дар сатҳи ҷисмонӣ, балки бо дилу ҷон мустаҳкам гардонида метавонанд? *[Муҳокима кунед. Масалан, онҳо бояд якҷоя вақт гузаронанд, бисёр сӯҳбат кунанд, ҳамчун дӯстони ҳақиқӣ якҷоя ба ягон кор машғул шаванд. Ҳамчунин, вақте ки ихтилоф рӯй медиҳад, онҳо бояд илоҷи беҳтарро баҳри ҳалли мушкилӣ дарёфт кунанд, ба дарси 12 нигоҳ кунед.]*
- «Дар ояти шашум, оё Масеҳ гуфтааст, ки издивоҷ танҳо аҳду паймони инсонӣ мебошад, бинобар ин онҳо дар вақти дилхоҳ онро вайрон карда метавонанд, ва ё бо вуҷуди ҳамаи ин издивоҷ ин маҳз амали Худо аст?» *[Худо онҳоро пайванд кардааст. Дар дини дигар таълим медиҳанд, ки издивоҷ ба шартнома монанд аст, аммо Навиштаи Муқаддас мегӯяд, ки вайрон кардани издивоҷ мушкилтар аз бекор кардани шартнома аст.]*
- «Дар асоси суханони Масеҳ дар ояти шашум, барои чӣ талоқ ин амали бад мебошад?» *[Худованд никоҳро бунёд кардааст, бинобар ин одамон набояд онро вайрон кунанд. «Он чиро ки Худованд пайвастааст, одам набояд ҷудо кунад». Дар ояти нӯҳум Масеҳ мегӯяд, ки талоқ ин бад аст. Вале бо вуҷуди ин баъзе оилаҳо вайрон мегарданд. Ва боиси таассуф аст, ки ҳатто баъзан оилаҳои Масеҳӣ барҳам мехуранд. Ва шояд ҳатто дар ҳаёти аъзоёни гурӯҳ чунин ҳодиса рӯй дода бошад. Бинобар ин масъаларо эҳтиёткорона бояд муҳокима кард ва файз ва бахшиши Худоро ба имондороне, ки дар ҳаёти онҳо талоқ ҷой дошт, бояд ёдоварӣ намуд.]*

---

## Саволи 9

Сархати якумро **хонед**.

**Пурсед:**

- «Кадом ҷавобҳоро қайд кардед?» *[Ақидаи иштирокчиёнро муҳокима кунед. Ҷавобҳои а), б) ва г) дар баъзе ҷамъиятҳо васеъ паҳн шудааст. Ҷавоби в) дар баъзе ҳолатҳо ҷой дошта метавонанд, вале муқаррарӣ нестанд.]*
-

---

## Саволи 10

Лавҳача ва сархати охиринро **хонед**.

**Пурсед:**

- «Дар ин ҷо чӣ навиштед?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Ин мард чунин мешуморад, ки зан танҳо барои фарзанд таваллуд кардан лозим аст, зан моликияти мард мебошад, бинобар ин мард дар ҳар фурсат метавонад, ки зани худро талоқ диҳад ё зани дигареро ба никоҳи худ даровард. Ба «Масъалаи фарҳангӣ» ба боло нигоҳ кунед. Вале дар асоси Навиштаи Муқаддас мардон ва занон баробаранд. Худо ба шавҳар занро ҳамчун мададгор ва дӯст медиҳад, на барои он ки зан хидматгори шавҳар гардад ва фарзанд таваллуд кунад. Ҳамчунин Худованд талоқро бад мебинад ва ба вай писанд нест, агар мард ба болои зан боз як зани дигар гирад.]*

---

## Саволи 11

Саволро пурра **хонед**.

**Пурсед:**

- «Шумо ба саволҳои а), б) ва в) чӣ навиштед?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Эҳтимол, касе аз иштирокчиён дар чунин вазъияти ногувор қарор дорад. Ин барои фаҳмидани онҳо ёрдам мекунад, ки Исои Масеҳ нисбат ба он одамоне, ки азоб мекашанд, ғамхорӣ зоҳир менамояд ва ин нишон медиҳад, ки Худованд дарди моро эҳсос мекунад. Ба «Масъалаи фарҳангӣ» ба боло ба Дарси 12 нигоҳ кунед.]*

---

## Б) ШАВҲАРОН ВА ЗАНОН ДАР 1 ПЕТРУС *(Саволҳои 12-22)*

### Вазифаи занон
### Вазифаи шавҳарон

## Саволи 13

Саволро пурра **хонед**.

**Пурсед:**

- «Шумо чӣ фикр доред, оё барои зан итоат кардан ба шавҳар душвор аст, агар ҳа, пас барои чӣ?» *[Мумкин шавҳар худписанд аст ё ҳукмфармоӣ мекунад, ва ё беақлона рафтор менамояд, зан бошад, мехоҳад, ки чизеро аз рӯи хоҳиши худ иҷро кунад.]*
- «Чӣ фикр доред, оё баъзан барои шавҳар нисбат ба зани худ оқилона рафтор кардан душвор аст, агар ҳа, пас барои чӣ?» *[Ба шавҳар мушкил аст, ки талаботи занро аз хоҳишҳои худ афзал донад, чунки шавҳарон чунин меҳисобанд, ки занони онҳо бояд ба онҳо хидмат кунанд.]*
- « Ба ҳар ҳол, Худо мехоҳад, ки дар бораи чӣ мо бештар ғамхорӣ кунем: дар бораи он ки ҳамсари мо ба мо чӣ гуна ғамхор буда метавонад ё мо ба ҳамсари худ?» *[Мо чӣ гуна метавонем ба ҳамсари худ ғамхор бошем.]*

---

## Саволи 15

**Хонед,** ки ин зан ба шавҳари худ чӣ мегӯяд (дар лавҳача).

## Саволи 20а

**Хонед,** ки Мақсад дар бораи зани худ чӣ фикр дорад (дар лавҳача).

**Пурсед:**

- «Зан дар саволи 15 ва Мақсад ба кӣ писанд омадан мехоҳанд: ба ҳамсар ё ба худ?» *[Ба худ.]*

## Саволи 20б

**Хонед,** ки Анвар дар бораи зани худ чӣ фикр дорад (дар лавҳача).

**Пурсед:**

- «Анвар ба кӣ писанд омадан мехоҳад, ба худ ё ба ҳамсари худ?» *[Ба ҳамсари худ.]*
- «Кӣ худпарасти ашаддӣ аст, Мақсад ё Анвар?» *[Мақсад.]*

- «Кӣ  бештар хислати мардонагӣ дорад: Мақсад ё Анвар? *[Ҷавобҳои хонандагонро барои саволи 20в аз назар гузаронед). Бо меъёрҳои дунявӣ Мақсад бештар хислати мардонагӣ дорад. Аммо аз рӯи стандарти Худо - Анвар хислати бештари мардонагӣ дорад. Беғаразӣ хислати далерон ва родмардон аст. Анвар ба фармоиши 1 Петрус 3:7, ки дар бораи  бомулоҳиза рафор кардан бо зани худ мебошад, итоат мекунад. Ӯ ба ҳамсари худ фидокор ва беғараз аст. Ӯ ба Исои Масеҳ, ки Худро баҳри мо фидо кардааст, тақлид мекунад.]*

## Саволи 21

Сархати аввалро **хонед**.

**Пурсед:**

- «Оё агар мард зан ва фарзандони худро назанад, дар оила ҳурмату эътибори худро гум намекунад?» *[Муҳокима кунед. Дар баъзе маданиятҳо задану кӯфтани зан чизи оддӣ аст. Аммо барои шавҳар усули самараноктари сазовор шудан ба  иззату эҳтироми ҳамсар мавҷуд мебошад – бомулоҳиза рафтор кардан ба занон, чуноне ки дар Петрус 3:7 омадааст.]*

---

## Саволи 22

Саволро пурра **хонед**.

**Пурсед:**

- «Шумо дар ин ҷо навиштед?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Мумкин аст, ки ҷавобҳо вобаста ба маданият ва шароит то ягон дараҷа фарқ кунанд, вале ин савол ба шавҳарон ёрдам медиҳад, ки оиди бомулоҳиза рафтор кардан бо занон ва дар баробари ин беғараз будан фикру андеша кунанд.]*

---

## B) АГАР ҲАМСАРИ ШУМО БА МАСЕҲ ТААЛЛУҚ НАДОРАД *(Саволҳои 23-26)*

## Саволи 24

Саргузашти ҳаёт ва саволро дар поёнтар **хонед**.

**Пурсед:**

- «Фикри шумо чист?» *[Якҷоя муҳокима кунед.  Баъзан ҳамсари беимон ба Масеҳ ҷалб гардида, пайрави Ӯ мешавад, баъзан не. Вале ҳатто дар ҳамин ҳолат ҳам, вақте ки пайрави Масеҳ ба ҳамсари худ босаброна ва бо муҳаббат рафтор мекунад, пас ин барои якдигарфаҳмӣ дар оила мусоидат менамояд.]*

---

## Саволи 26а

Сархати аввалро **хонед**.

**Пурсед:**

- «Чӣ гуна ҷавобҳоро қайд кардед ва барои чӣ?» *[Якҷоя муҳокима кунед.]*
- «Дар пункти д) навишта шудааст: «Фарзандонро якҷоя тарбия кардан лозим аст, то ки онҳо пайрави Масеҳ шаванд. Чӣ тавр мо ин корро карда метавонем?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Ана баъзе фикрҳо:*
  - *Ҳамчун пайрави Масеҳ мо бояд ба фарзандони худ намунаи ибрат бошем;*
  - *Бояд оилаи мустаҳкам дошта бошем;*
  - *Ба фарзандони худ вақт ҷудо кунем, нисбат ба онҳо муҳаббат рафтор кунем ва аз рӯи хирад ҷазо диҳем;*
  - *Агар ягон кори нодуруст карда бошем, аз онҳо бахшиш пурсем;*
  - *Дар ҳаққи онҳо дуо кунем;*
  - *Бо онҳо дуо кунем, ҳар рӯз бо онҳо Китоби Муқаддасро хонем;*
  - *Бояд ба таври доимӣ онҳоро ба ҷамоати имондорон ҳамроҳ гирифта барем;*
  - *Дар хидмат ба Масеҳ ба онҳо ибрати нек нишон диҳем.]*

---

## Саволи 26б

Лавҳачаи муаллимро **хонед**.

**Гӯед:**

- «Дар давоми як дақиқа дар бораи саволҳои муаллим оромона фикру андеша кунед. Барои мустаҳкам кардани муносибатҳои заношавҳарӣ чӣ гуна қадамҳои амалиро гузошта метавонем?» *[Ин савол барои фикру мулоҳиза кардан аст, на барои муҳокима]*

## ДАР АНҶОМИ ВОХӮРӢ

***ПУРСЕД:***

- «Ин дарс ба ҳаёти шумо чӣ гуна дигаргуниҳо оварда метавонад?» *[Ҳар як иштирокчӣ ва шумо бояд фикри худро баён намоед.]*

Супориши Амалии11-ро ***ХОНЕД***

***ГӮЕД:***

- «Лутфан, Супориши Амалиро барои ин ҳафта тайёр кунед. Ҳамчунин дарси 12-ро дар хона аз худ кунед.»
- «Агар баъзе ҷиҳатҳои мавзӯи дар ин дарс муҳокима кардашуда, дар шумо оиди ҳаёти шахсӣ саволҳоеро пайдо карда бошад, ки шумо як ба як муҳокима кардан мехостед, пас шумо дертар бо ман ё каси дигар сӯҳбат карда метавонед.»

***БО ДУО БА АНҶОМ РАСОНЕД***

- Аъзоёни гурӯҳро ба ҷуфтҳо тақсим кунед, то ки онҳо барои якдигар – мардҳо ба мардҳо ва занҳо ба занҳо дуо карда тавонанд ( ва ё занҳо бо шавҳарони худ алоҳида – агар чунин ҷуфтҳо ҳузур дошта бошанд). Онҳо бояд аз Худо хоҳиш кунанд, то ки Ӯ барои дар зиндагии худ татбиқ кардани ҳақиқатҳои дар вақти дарс омӯхтаи онҳо ёрдам кунад.

# Дастурамал барои дарси 12 Бартараф кардани мунокишаҳо

## МАҚСАДИ ДАРСИ 12

Ҳар як хонанда бояд:

а. Усули дурусти бартараф кардани мунокишаҳоро аз усулҳои нодуруст афзал донад.

б. Бо усули дуруст се зинаи бартараф кардани мунокишаҳоро фаҳмад ва истифода барад.

в. 1 Петрус 3:11-ро аз ёд кунад.

## ДАР ОҒОЗИ ВОХӮРӢ

***БО ДУО САР КУНЕД***

***СУПОРИШИ АМАЛИИ ҲАФТАИ ГУЗАШТА***

- Гӯед: «Супориши амалии дарси дуюм аз он иборат буд, ки бо ягон роҳ зан ё шавҳари худро шод созед. Ин супоришро иҷро кардед? Шод гардондани зан ё шавҳари худ ба шумо писанд омад?» *[Муҳокима кунед. Акнун ки мо дар давоми як ҳафта иҷро кардани ин корро ёд гирифтем, биёед инро ҳар ҳафта мекунем!]*

***МАВЗӮИ ИМРӮЗА***

- Гӯед: «Пайравони Масеҳ низ, ба мисли беимонҳо мунокиша мекунанд. Вале онҳо беҳтар аз беимонҳо бояд ҳалли мунокишаҳои худро пайдо кунанд. Имрӯз мо мефаҳмем, ки ин корро чӣ тавр кунем»

***ҶАВОБҲО БА САВОЛҲОИ ХУЛОСАВИИ ДАРС***

- Якҷоя Хулосаи дарси 12-ро кушоед. Нигоҳ кунед, ки хонандагон ба саволҳо чӣ гуна ҷавоб доданд:
  *Саволи 1:* Ҳамаи се усул а), б) ва в) аз усулҳои нодурусти ҳалли мунокишот ба ҳисоб мераванд
  *Саволи 2:* Қадами аввал – «ҳиссиётҳо», Қадами дуюм – «сӯҳбат кардан», Қадами Сеюм – «бахшидан ва бахшиш пурсидан»
  *Вопрос 3:* «Талабгори осоиштагӣ шавед ва дар паи он бошед» (1 Петрус 3:11)

## Масъалаи фарҳангӣ: Муноқишаҳо ва роҳи ҳалли онҳо

Ҳамаи одамон, новобаста ба ҷамъият, дар ин ё он вақт мунокиша мекунанд. Се «усули нодурусти ҳалли мунокишаҳо», ки дар Саволҳои 7-10 навишта шудаанд, бисёр вақт дар баъзе маданиятҳо, ки дар он арзишҳои ба худ хоси қасос, худдорӣ, иерархия ҷой доранд, вомехӯранд. Ғайбат низ мунокишаҳоро шиддатноктар менамояд.
Бисёр одамон мансуб ба маданияти бо истилоҳ "ору номус/шарм" мебошанд. Бо ибораи дигар, фаҳмиши онҳо дар бораи он ки чӣ дуруст асту чӣ нодуруст, сахт ба он алоқаманд аст, ки мақоми онҳо дар ҷамоати маҳаллиашон дар кадом дараҷа аст. Агар оилаеро дар назари мардум шарманда кунанд, пас барои онҳо илоҷи аз рӯи адолат барқарор кардани шаъну шарафи оила ин қасос гирифтан аст. Дар маданияти Шарқи Наздик дар замоне, ки Исо зиндагӣ мекард, чунин каҷравиҳо мавҷуд буданд. Барои мардуми Ғарб таълимоти Исо дар бораи бахшидан одатан ба дараҷаи шахсии одам нигаронида шудааст. Вале барои касоне, ки ба маданияти ору номус/шарм мансуб мебошанд, фармони Исо ба таври махсус ба ҷамоати одамон нигаронида шудааст. Чунки дар ин гуна маданиятҳо қасос дар давоми наслҳо тавассути низоъҳои оилавӣ амал мекунад.
Пас аз шодмонии нахустин оиди ҳамроҳ шудан ба ҷамоати имондорони Масеҳӣ, одамон ба мунокишаҳо ва ноумедии рӯзафзун дучор мешаванд. Ҳалли мунокишаҳо ва бунёди муносибати нав бо одам дар шогирдсозӣ қадами муҳим ба ҳисоб меравад. Дар ин масъала ҳамчунин зарур аст, ки бо роҳи конструктивӣ ҳал кардани мунокишаҳоро омӯзем, на бо роҳи деструктивӣ. Дар дарси 12 шумо бо баъзе қадамҳои амалӣ, ки барои истифода бурдани ин усулҳо ёрӣ мерасонад, шинос мешавед.

## А) МУНОҚИШАҲО ДАР БАЙНИ ПАЙРАВОНИ МАСЕҲ *(Саволҳои 1-5)*

### Саволи 1

Саволро пурра **хонед**.

**Пурсед:**

- «Оё ҳайрон шудан лозим аст, ки баъзан пайравони Масеҳ байни худ мунокиша мекунанд?» *[Не. Онҳо комил нестанд. Вале онҳо роҳи ҳалли мунокишаро ёфта, оштӣ шуда метавонанд.]*

**Гӯед**:

- «Эҳтимол, ҳамаи мо ранҷу озоре, ки бародар ё хоҳари Масеҳӣ ба мо расондааст, эҳсос мекунем. Вале бояд иқрор шавем, ки мо низ онҳоро озор додаем! Дар оилаи Масеҳ мо бахшидан ва бахшида шуданро ёд гирифта метавонем».

---

### Саволи 5

Сархати аввалро **хонед**.

**Пурсед:**

- «Аз вариантҳои а) то е) кадомашро қайд кардед?» *[Якҷоя муҳокима кунед.]*

- Алоқамандона ба пункти д) чӣ гуна мисолҳоро аз таҷрибаи шахсии худ оварда метавонед?» *[Якҷоя муҳокима кунед.]*

## Б) ХУДО МЕХОҲАД, КИ МО МУНОҚИШАҲОРО БАРТАРАФ КУНЕМ *(Саволи 6)*

### Саволи 6

Саволро пурра **хонед**.

**Пурсед:**

- «Чӣ фикр доред, рафтори мо Худоро андӯҳгин карда метавонад?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Гарчанде баъзе динҳо таълим медиҳанд, ки рафтори мо ба Худо таъсир намерасонанд, вале Китоби Муқаддас таълим медиҳад, ки дар асли кор ба Ӯ таъсир мерасонанд. Барои мисол, дар Ҳастӣ 6:5-6 навишта шудааст, ки Худо аз офаридани одам «пушаймон» гардид, ва дилаш маҳзун шуд».]*
- «Чӣ фикр доред, чаро баҳсу талоши мо Худоро маҳзун месозад?» *[Муҳокима кунед. Масеҳ нархи гаронро барои он супоридааст, ки ба мо осоиштагӣ оварад, ва Ӯ мехоҳад, ки мо дар сулҳу осоиштагӣ зиндагӣ кунем. Ва боз муноқишаҳои байни мо барои беимонҳо шаҳодати бад мебошад.]*

### Масъалаи фарҳангӣ: *Оё Худо ҳиссиётҳо дорад?*

Баъзе динҳо таълим медиҳанд, ки Офаридгор аз офаридаҳои Худ ҷудо аст ва ба онҳо монанд нест. Ҳамчунин одамон розӣ шуда наметавонанд, ки рафтори одамӣ Худоро шодмон ё андӯҳгин карда метавонад, ва ё бовар намекунанд, ки Худо дардро ҳис мекунад. Онҳо мегӯянд, ки бо ин суханон мо Худоро то ба дараҷаи одамӣ поён мефарорем ё ба худ монанд мекунем. Вале пайравони Масеҳ боварӣ доранд, ки ҷисм гирифтани Худо нишонаи то ба дараҷаи одамӣ фаромадани Ӯ ва эҳсос кардани дарди мо мебошад. Исо ҳиссиётҳои сахтро аз сар гузаронд (раҳму шафқат, хашм, шодӣ, алам), Ӯ ба мо дар асл кӣ будани Худоро зоҳир кард. Вақте ки навимондорон инро дарк мекунанд, тасаввуроти онҳо дар бораи Худо дигар мешавад, чунки Ӯ дар ҳақиқат дарди онҳоро эҳсос мекунад (ба Дарси11,18 ниг.) ва вақте ки онҳо гуноҳ содир мекунанд, Ӯ андӯҳгин мешавад (ба дарси 12 ниг.).

1 Петрус 3:8-12-ро **хонед**

**Гӯед**:
«Ин порча ба мо алоқамандона ба он ки чӣ тавр бо якдигар дар осоиштагӣ зиндагӣ кардан лозим аст, дастури хуб медиҳад».

**Пурсед:**

- «Дар асоси ояти ҳаштум кадом рафтори хуб ба мо ёрӣ медиҳанд, ки бо якдигар дар осоиштагӣ зиндагӣ кунем?» *[Зиндагӣ кардан бо якдигарфаҳмӣ, дилсӯзи якдигар будан, дӯст доштани якдигар, раҳмдил ва хоксор будан.]*
- «Мутобиқ ба ояти нӯҳум, аз кадом рафтори зишт худдорӣ кунем?» *[Ба зидди бадӣ бо бадӣ ва ба зидди дашном бо дашном ҷавоб нагардонем.]* «Пас мо бояд ба ивази он чӣ кор кунем?» *[Ба зидди бадӣ бо некӣ ҷавоб гардонем.]*
- «Мувофиқи ояти 10 боз чӣ кор бояд кунем?» *[Забони худро аз бадӣ нигоҳ дорем ва даҳонамонро аз суханони фиребгарона.]*

- «Чаро?» *[Чунки забони бадгӯӣ ва суханони макромез муноқишаро пуршиддаттар месозанд]*
- «Ин порча дар оянда, вақте ки бо касе хавфи муноқиша  пеш меояд, ба рафтори шумо чӣ гуна таъсир расонда метавонад?» *[Дастурҳои мушаххаси ин порчаро ба кор бурда, муҳокимаронӣ кунед.]*
- «Кадом оятро аз ин порча мо бояд аз ёд кунем?» *[Ояти 11 – «талабгори осоиштагӣ шавед».]*

1 Петрус 3:11-ро (дар доираи саволи 4), ки барои аз худ кардан дода шудааст, **машқ кунед.**

---

## В) УСУЛҲОИ НОДУРУСТИ БАРТАРАФ КАРДАНИ МУНОҚИШАҲО *(Саволҳои 7-10)*

**Пурсед:**

«Дар саволҳои 7, 8 ва 9, дар расмҳо он усулҳои нодуруст нишон дода шудаанд, ки бисёр вақт барои ҳалли муноқишаҳо истифода мебаранд. Инҳо чӣ гуна усулҳо мебошанд, ва ба фикри шумо оқибатҳои ногувори ҳар яки он аз чӣ иборат аст?»
*[Саволи 7 – «зиддият» – ин ба ҳар ду тараф ранҷу азоб мерасонад, ҳама зиқ ҳастанд, қасос гирифтан мехоҳанд, барои муҳокимаи судӣ пул сарф мекунанд, муноқиша зиёд шуда, доираи бештари одамонро фаро мегирад, барои беимонон  шаҳодати бад мегардад.*
*Саволи 8 – «аз якдигар рӯй гардондан» – хонандагон бояд дар бораи он чизе ки дар ин ҷо навиштанд, фикр баён кунанд. Гарчанде ки ин кор зоҳиран осоиштагӣ меорад, вале бо вуҷуди ин ба дилҳо оромӣ намеояд, ва  муносибатҳо вайрон боқӣ мемонанд, ин ҳамчунин барои гирфтани баракати Худо халал мерасонад.*
*Саволи 9 – «ба таслим шудан маҷбур кардан» – се оқибати ногувор дар ҷавобҳои а), б) ва в) хотиррасон карда шудаанд.]*

---

## Г) УСУЛИ САМАРАНОКИ БАРТАРАФ КАРДАНИ МУНОҚИШАҲО (*Саволҳои 11-23)*

### Саволи 10

Лавҳачаро **хонед**.

**Пурсед:**

- «Оё шумо ин се қадамро аз ёд гуфта метавонед?»  *[1.Оиди ҳиссиётҳои худ ба Худо ҳарф задан; 2. Бо ин шахс сӯҳбат кардан; 3. Бахшидан ва узр пурсидан.]*

**Гӯед**:

- «Биёед якҷоя муҳокима мекунем, ки мо чӣ тавр ин се қадамро дар амал истифода бурда метавонем»

### Саволи 13 (қадами аввал)

Саволи 13-ро пурра **хонед**.

**Пурсед:**

- «Чаро беҳтар аз ҳама он аст, ки пеш аз сӯҳбат бо ин шахс оиди ҳиссиёти худ ба Худо ҳарф занед?» *[То ки бо ёрии Худо мо то ба дараҷае хашму ғазаби худро фурӯ нишонем. Сипас вақте ки мо ба таври кофӣ ором мешавем, бо он шахс сӯҳбат карда метавонем. Дар акси ҳол, агар бо хашму ғазаб ин корро карданӣ шавем, вазъият боз ҳам бадтар мешавад.]*

---

## Саволи 14  (қадами дуюм)

Лавҳачаро **хонед** (дар аввал суханони Алӣ, сипас – суханони Самадро ).

**Пурсед:**

- «Оё онҳо мушкилиро оромона ҳаллу фасл карданд?» *[Ҳа.]*
- «Оё онҳо якдигарро бо диққат гӯш карданд?»  *[Ҳа.]*
- «Оё онҳо суханони якдигарро буриданд?» *[Не.]*
- «Оё онҳо онҳо эҳсосоти худро софдилона, ва ҳам оромона изҳор карданд?» *[Ҳа.]*
- «Барои чӣ ин усулҳо барои ҳалли мунокишаи байни онҳо ёрӣ расонд?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Ман фикр мекунам, ки ин усулҳо мусоидат карданд, ки онҳо, ҳар ду тараф, мушкилиро пурра фаҳмиданд.]*

## Саволи 17

Саволи 17-ро пурра **хонед** .

**Пурсед:**

- «Шумо дар ин ҷо чӣ навиштед?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Вақте ки мо мушкилиро бо одамони зиёд муҳокимаронӣ мекунем, он васеъ паҳн мешавад. Дар натиҷа дарду алам зиёд мешавад ва мусолиҳаро мушкил месозад.]*
- «Оё шахси сеюмро ба сифати миёнарав ҷалб кардан фоида дорад?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Ба назари мо, ин аз вазъият вобаста мебошад. Одатан, агар мунокишаро дар байни ду одам ҳал кардан мумкин бошад, пас беҳтараш шахси сеюмро ҷалб кардан лозим нест. Баъзан, агар одамон мунокишаро байни худ мустақилона  ҳал карда натавонанд, пас шахси миёнаравро, ки дар назди ҳар ду тарафи мунокиша ҳурмату обрӯ дорад, ҷалб кардан фоида дорад. Ин ҳамчунин дар он ҳолат зарур мешавад, ки агар яке аз тарафҳои мунокиша тарафи дуюмро барои таслим шудан маҷбур кунад.(Чуноне ки дар саволи 9 дида мешавад.]*

---

## Саволи 20  (қадами сеюм)

Ба расм **нигоҳ кунед**.

Лавҳачаро (дар аввал Самад, сипас Алӣ) **хонед**

**Пурсед:**

- «Дар ин гуфтугӯ кӣ бахшиш мепурсад: Алӣ ё Самад? *[Ҳар ду!]*
- «Ҳар яки онҳо чӣ гуфтанд: «дар ин чиз ман айб надоштам», «ба ҳамааш ман айбдор мебошам» ё «Ман барои хатое, ки аз ман гузашт, узр мепурсам». *[Ҳар яки онҳо он қисми*

*мунокишаро ба хотир овларданд, ки дар он хато карда буданд, ва ҳар ду аз якдигар узр пурсиданд.]*

## Саволи 22

Саволи 22-ро пурра **хонед.**

**Пурсед:**

- «Модоме ки Худо ҳамаи гуноҳҳои моро бахшидааст, магар лозим нест, ки мо низ барои бахшидани он касоне, ки нисбат ба мо гуноҳ содир кардаанд, тайёр бошем?» *[Бале!]*
- «Баъд аз он ки мо айби касеро бахшидем ва онро фаромӯш кардем, оё лозим аст, ки онро аз нав ба хотир биёрем?» *[Не]*
- «Вале агар ин одам боз аз нав бар зидди мо гуноҳ кунад, чӣ кор кунем?» *[Мо боз аз нав ӯро бибахшем, чуноне ки Масеҳ ба пайрави Худ Петрус фармуда буд.]*
- «Нигоҳ кунед, Самад ва Алӣ чӣ хел шод ҳастанд, онҳо мунокишаи худро ҳал карданд! Вақте ки шумо бо касе оштӣ мешавед, чӣ хел ҳиссиёт шуморо фаро мегирад?» *[Якҷоя муҳокима кунед, аз таҷриба худ мисолҳои амалӣ биёред.]*

---

## Саволи 23

Лавҳачаи муаллимро **хонед**.

**Пурсед:**

- «Агар шахсе хоҳиши ҳалли мунокишаро надошта бошад, оё лозим аст, ки бо вуҷуди он ӯро бибахшем?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Ин вазъияти хеле мушкил аст. Ба назари мо, ба ҳар ҳол мо бояд дар дили худ ӯро бибахшем, вале то ҳамон вақте ки он шахс низ дар дили худ набахшад, оштишавӣ ғайриимкон аст. Баъзан агар шахсе, ки бо мо мунокиша кардааст, бимирад ё ба ҷои дигаре кӯчида равад, афсӯс ки дигар барои оштӣ шудан илоҷ намемонад. Вале ба ҳар ҳол мо бояд аз самими дил он шахсро бахшем.]*

---

## Машғулияти амалӣ

Ин се қадамро, ки барои ҳалли мунокиша зарур аст, **машқ кунед**:

- Гурӯҳро ба ҷуфтҳо тақсим кунед (ё агар шумо танҳо бо як нафар машғул бошед, пас ҳар дуи шумо машқ кунед).
- ***Ё:*** Ҳар як ҷуфт тасаввур мекунад, ки шахси А ба шахси Б қарз додааст, вале шахси Б қарзро дар вақти муайяншуда барнагардонидааст. Ғайр аз ин, шахси А ба шахси сеюм ин мушкилиро хабар додааст.Онҳо чӣ тавр роҳи ҳалли ин мунокишаро ёфта метавонанд?
- ***Ё:*** Тасаввур кунед, ки яке аз ҷуфтҳо зану шавҳар мебошанд. Дирӯз онҳо хешовандони шавҳарро ба таоми шом даъват карданд. Вале зан хӯрокро дертар тайёр кард ва шавҳар дар назди меҳмонон ба ғазаб омад. Зан фикр мекунад, ки шавҳараш ӯро дар назди дигарон таҳқир намуд, вале шавҳар фикр мекунад, ки занаш ӯро дар назди меҳмонон шарманда кард. Акнун онҳо чӣ тавр роҳи ҳалли ин мунокишаро пайдо мекунанд?
- Ҷуфтҳо бояд се қадами ҳалли мунокишаро истифода бурда ва ба мисоли Алӣ ва Самад нигоҳ карда, нақшҳои як ё ҳар дуи бозиро иҷро кунанд. *[Вобаста ба вақт як ё ҳар ду бозии*

*саҳнавиро гузаронед, ба ҳар як бозӣ аз 3 то 5 дақиқа вақт ҷудо кунед. Агар шумо дар гурӯҳ машғули кор бошед, аз ҷуфти беҳтарин хоҳиш кунед, ки дар охир боз як бори дигар дар назди ҳама баромад кунанд.]*

**Пурсед:**

- «Шумо ба туфайли бозии саҳнавӣ чиро ёд гирифтед?» *[Муҳокима кунед.]*

---

## ДАР АНҶОМИ ВОХӮРӢ

***ПУРСЕД***

- «Ин дарс ба ҳаёти шумо чӣ хел дигаргуниҳо меорад?»
  *[Ҳар як иштирокчӣ ва шумо бояд фикри худро баён кунед.]*

Супориши Амалии дарси 12, ва ҳамчунин як қисми Саволи 23-ро таҳти унвони «Таваққуф кунед ва андеша намоед» ***ХОНЕД***.

***ГӮЕД:***

- «Лутфан, супориши амалии додашударо дар ин ҳафта иҷро кунед»
- «Каме вақти худро дар оромӣ гузаронед ва оиди ин саволҳо фикр кунед. Агар бо касе қаҳрӣ ҳастед, ба Худо оиди ин мушкилӣ ҳарф занед».
- Дарси 13-ро дар хона аз омӯзед.

***БО ДУО БА АНҶОМ РАСОНЕД*** Аз Худо ёрдам талаб кунед, ки ин се қадамро барои ҳалли мунокишаҳо истифода бурда тавонед.

# Дастурамал барои дарси 13 Шаҳодат

## МАҚСАДИ ДАРСИ 13

Ҳар як хонанда бояд:

а. Барои башорат додан оиди Масеҳ хоҳиш дошта бошад

б. Барои кай ва ба кӣ гуфтани башорат оқилона рафтор кунад

в. Фаҳмонда тавонад, ки Исои Масеҳ барои мо чӣ кор кардааст.

г. 1 Петрус 3:18-ро аз ёд кунад.

## ДАР ОҒОЗИ ВОХӮРӢ

***БО ДУО САР КУНЕД***

***СУПОРИШИ АМАЛИИ ҲАФТАИ ГУЗАШТА:***

- Гӯед: «Супориши амалии ҳафтаи гузашта аз он иборат буд, ки бо касе муноқишаро ҳал кунем. Оё шумо ин корро карда тавонистед ва ё барои фурсати муносиб дуо карда истодаед? Чӣ воқеа рӯй дод?» *[Якҷоя муҳокима кунед.]*

***МАВЗӮИ ИМРӮЗА:***

Гӯед: «Мо дар Масеҳ ҳаёти нав ёфтем, чунки касе дар бораи ин ба мо нақл кард. Ба ҳамин монанд мо низ бояд ба дигарон дар ин бора нақл кунем. Шаҳодат вазифаи ҳар як пайрави Масеҳ мебошад.»

***ҶАВОБҲО БА САВОЛҲОИ ХУЛОСАВИИ ДАРС***

- Якҷоя Хулосаи дарси 13-ро кушоед ва бинед, ки хонандагон ба саволҳо чӣ тавр ҷавоб додаанд:
  *Саволи 1:* а) натарсед; б) тайёр; в) бо фурӯтанӣ ва эҳтиром
  *Вопрос 2:* а) барои ҷавоб додан тайёр бошед; б) бо фурӯтани ва эҳтиром
  *Вопрос 3:* «Чунки Масеҳ, барои он ки моро сӯи Худо оварад, як бор барои гуноҳҳои мо уқубат кашид» (1 Петрус 3:18)

## Масъалаи фарҳангӣ: Шаҳодат

Дар яке аз динҳои бонуфуз асосан шаҳодат гуфта, талаффуз кардани калимаи имонро мефаҳманд (*калимаи шаҳодат*), он барои муайян кардани пайравони ин дин аҳамияти асосӣ дорад. Он калима ба гӯши кӯдаки навзод пичирросанон такрор карда мешавад, ва ҳамчунин дар вақти азонгӯӣ маротибаи зиёд бо овози баланд хонда мешавад.

Барои имондорони Масеҳӣ шаҳодати аввалин он буд, ки Исои Масеҳ аз мурдагон зинда шудааст, ва Подшоҳӣ ҳақиқӣ мебошад (Румиён 10:9). Ин шаҳодат барои муайян кардани пайрави Масеҳ аҳамияти асосӣ дорад, бинобар ин истифодаи суханони *шаҳодат* барои баёни шаҳодат оиди эҳёи Исои Масеҳ фоидавор буда метавонад. Вале шояд ба хонандагон истифодаи чунин терминология писанд набошад, бинобар ин ба он диққат диҳед, ки онҳо истифодаи кадом мафҳумро афзал медонанд.

Дар Инҷил ҳамчунин маънои калимаи юнонии «шаҳодат» «марги пуразоб» мебошад, дар забони арабӣ низ чунин алоқамандӣ мавҷуд аст. Шоҳид (*шаҳид*), шахси шаҳодатдиҳанда (*шаҳада*) бо марги пуразоб мурда метавонад. Ин барои бисёр имондорони Масеҳӣ, ки ба хотири имони худ мемиранд, ҳақиқати воқеӣ мебошад. Маҳди Дебоч, ки дар бораи қаҳрамонии ӯ дар дарси имрӯза сӯҳбат мекунем, яке аз ҳамин гуна масеҳиёни фидокор мебошад. Бисёр имондорони эронӣ аз ҷасорати ӯ, ва ҳамчунин аз корнамоиҳои азияткашони дигари эронӣ хеле рӯҳбаланд гардидаанд. Дар дарси 13 ин гуна алоқамандиҳо оварда мешаванд, ва хонандагон метавонанд, ки ба ин аҳамияти калон диҳанд.
Бисёр вақт барои имондорони масеҳӣ фаҳмидан душвор аст, ки чӣ тавр, кай, ва ба кӣ дар бораи Масеҳ гуфтан лозим аст. Онҳо аз шаҳодат додан дар бораи Масеҳ тарсро эҳсос мекунанд ё худро ноҳинҷор ҳис менамоянд. Хонандагон метавонанд, ки дар бораи саргузашти худ дар ин соҳа ва оиди хоҳиши худ, ки аҳли оилаи онҳо ба Масеҳ бовар кунанд, хеле эҳсосотӣ нақл карда метавонанд. Имконият диҳед, ки хонандагон ҳиссиёти худро бемалол ифода кунанд.

## А) ШАҲОДАТ БА ХОТИРИ МАСЕҲ *(Саволи 1)*

📖 1 Петрус 3:14-18-ро **хонед**.

**Пурсед**:

- «Мо аз 1 Петрус 3:14-15 кадом се шарти муҳими шаҳодатро фаҳмидем?»
  *[Дар саволи якум ҷой гирифтааст:*
  - *1. «Натарсед»*
  - *2. «Ҳамеша барои ҷавоб додан тайёр бошед»*
  - *3. «Бо фурӯтанӣ ва эҳтиром».]*

## Б) НАТАРСЕД *(Саволҳои 2-7)*

### Масъалаи фарҳангӣ: *Нотарсӣ ё эҳтиёткорӣ?*

Шаҳодат ва камолоти рӯҳонии баъзе пайравони Исо аз он сабаб коҳиш меёбад, ки онҳо аз башорат додан дар бораи Масеҳ хеле сахт метарсанд. Аз тарафи дигар, дигарон хеле ҷасурона ва зуд башорат дода метавонанд, ва барангехтани муноқишаи нолозим сабаби зарар шуданаш мумкин аст. Бинобар ин бисёр шогирдони таҷрибадор чунин мешуморанд, ки пайравони Исоро лозим аст, ки барои шарҳ додани эътиқоди нави худ заминаи мусоид фароҳам биёранд ва онро ба таври доимӣ пинҳон надоранд. Пас аз чанд вақт «худро зоҳир кардани» пайравони Масеҳ аз шароит, ҳамчунин аз муносибати аъзоёни оила, ва боз аз он ки то кадом андоза дар он кишвар озодӣ маҳдуд карда шудааст, вобаста мебошад.

Ҳамчунин ба назар гиред, ки дар байни «ниҳонӣ» ва «ошкоро» мавқеи мобайнӣ мавҷуд мебошад. Бисёр имондорон ба он касоне, ки эътимод доранд, кушоду равшан дар бораи имони худ нақл мекунанд, ва аз дигарон пинҳон медоранд. Зарур аст, ки оҳиста-оҳиста ошкор кунед. Вале баъзан имони онҳоро ногаҳон ё тасодуфан хешовандон пай мебаранд, ба ин тайёр будан ва ҷавобҳои муносиб доштан лозим аст.

Тамоми мавзӯи шаҳодат фавқуллода муҳим аст. Дар дарси 13 ин масъалаҳо дар шакли мувозӣ қаламдод шудаанд, вале татбиқи амалии он ба худи хонандагон вобаста аст. Бинобар ин барои маслиҳат додан ба имондорони алоҳида хирадмандӣ ва дуои бисёр зарур аст.

---

## Саволи 5

Тамоми саволро **хонед**.

**Пурсед**:
- « Кадоме аз аҳли оилаи шумо то ҳол пайрави Масеҳ будани шуморо намедонад?» *[Ҷавобҳои шахсиро муҳокима кунед.]*
- «Одатан шумо чӣ тавр дуо мекунед – ба монанди мард ё зани тасвир кардашуда?» *[Ҷавобҳои худӣ.]*

---

## Саволи 6

Саволро пурра **хонед** .

**Пурсед**:
- «Шумо ба ин савол чӣ ҷавоб додед?» *[Умедворем, ки хонандагон «Юсуф» навиштанд]*
- «Вақте ки хешовандонатон пай бурданд, ки шумо пайрави Масеҳ шудаед, оё шумо бо «давраи озмоишҳо» рӯ ба рӯ шудед? Агар ҳа, чӣ воқеа рӯй дод ва натиҷааш чӣ гуна буд?» *[Он хонандагоне, ки то ҳол «давраи озмоишҳо» - ро нагузаштаанд, аз таҷрибаи онҳое, ки аллакай гузаштаанд, ёд гирифта метавонанд].*

- «Агар то ҳол шумо бо ин рӯ ба рӯ нашудаед, оё шумо қарор мекунед, ки кай дар бораи имони худ ба дигарон нақл кунед, ё ин шояд бидуни ихтиёри шумо ба амал меояд?» *[Баъзан вақт дар зери назорати мо мебошад, баъзан – не, бинобар ин дар ҳолате ки агар ин нохост рӯй диҳад, мо бояд тайёр бошем.]*

**Гӯед**:

- «Агар ин шуморо ошуфтахотир месозад, ба назди ман оед, ва мо бештар дар бораи ин сӯҳбат менамоем ва дуо мекунем»

---

## В) ҲАМЕША БАРОИ ҶАВОБ ДОДАН ТАЙЁР БОШЕД *(Саволҳои 8-13)*

### Саволи 8

Саволро пурра **хонед**.

**Пурсед**:

- «Кадоме аз шумо ба саволи А ҷавоб додан мехоҳад? Шумо чӣ навиштед? *[Муҳокима кунед. Шояд ҷавобҳо гуногун бошанд. Масалан, мо он ақидаеро, ки гӯё Худо бо зан алоқа доштааст, қабул намекунем – ин даҳшат аст! Ин чунин маъно дорад, ки писар қудрат ва хислати падарро намоён мекунад. Дар баъзе забонҳо мо калимаи «Писар»-ро ҳамчун маҷоз истифода мебарем, на бо маънои аслӣ, дар забони арабӣ «Писари роҳ» маънои мусофирро дорад, дар форсӣ бошад, ибораи «Писари Кобул» чунин маъно дорад, ки шахс дар Кобул таваллуд шудааст.]*
- «Кадоме аз шумоён саволи Б-ро интихоб кард?  Шумо чӣ навиштед? *[Якҷоя муҳокима кунед. Масалан, мо гуфта метавонем: «Ман ба аҷдоди худ хиёнат накардаам. Ман аҷдод ва авлоди худ ва оилаи худро  дӯст медорам. Ман қарор кардам, ки Исои Масеҳро пайравӣ кунам. Ӯ одами шарқӣ буд, на ғарбӣ. Дар ҳазорсолаҳои аввал бештари масеҳиён сокинони Ғарб набуданд, чуноне ки имрӯз низ ба вуқӯъ омада истодааст!»]*
- «Кадоме аз шумоён саволи В-ро интихоб кард? Шумо чӣ навиштед? *[Якҷоя муҳокима кунед. Ин рост нест, ки имондорони масеҳӣ Навиштаҷотро дигар кардаанд. Дар осорхонаҳои тамоми ҷаҳон мавҷуд будани дастхатҳои қадимии Китоби Муқаддас исботи ин гуфтаҳост. Онҳоро муқоиса карда, мо комилан боварӣ карда метавонем, ки мо имрӯз матни аслии Китоби Муқаддасро мехонем.]*

---

### Саволи 10

Саволро пурра **хонед**.

Ояти барои аз ёд кардан додашударо **машқ кунед**

---

### Саволи 13

Саволро пурра **хонед**.

**Пурсед**:

- «Оё касе бори аввал аз шумо хушхабарро шунида, зуд имон меорад?» *[Аниқтар аз ҳама – не. Вале хавотир нашавед, ин табиӣ аст. Онҳо баъдтар дар бораи он фикр мекунанд. Мумкин аст, ки пас аз чанд вақт ин нақлро аз каси дигар мешунаванд ва ё ба хондани Инҷил шурӯъ мекунанд. Шояд Худо бо ӯ дар хобаш гап мезанад. Вазифаи шумо – танҳо кишт кардани тухмӣ аст, сабзонанда Худи Худо мебошад]*

**Гӯед**:

- «Акнун биёед, ояти барои аз ёд кардан додашуда – 1 Петрус 3:18-ро истифода бурда, ба саволи додашуда ҷавоб мегардонем. Лутфан, Замимаи 2-ро дар охири китоби дарси кушоед».

---

## Замимаи 2 Чӣ тавр ба Худо бирасем?

Ду сархати аввалро дар Замимаи 2 «Чӣ тавр ба Худо бирасем?» **хонед**

**Гӯед**:

- «Мо ҳозир истифода бурдани диаграммаро машқ мекунем, то ки бо воситаи он ба дӯстамон чӣ тавр дастрас кардани Худоро фаҳмонем. Дар аввал ман бо шумо ин диаграммаро истифода мебарам, пас аз он шумо бо якдигар истифода бурдани онро машқ мекунед».

Чор ҳақиқати асосиеро, ки дар 1 Петрус 3:18 нишон дода шудааст, **фаҳмонед**

- Агар мехоҳед, шумо метавонед, ки бо суханони худ фаҳмонед, вале шояд беҳтар мешавад, ки суханони овардашударо истифода баред, чунки дар ин ҷо ҳама чиз кӯтоҳ баён мегардад, ва боз ин намунае барои хонандагон хоҳад шуд, то ки онҳо ин диаграммаро худашон истифода баранд.
- Диаграммаро барои шарҳ додани он истифода баред, ки чӣ тавр Исои Масеҳ роҳе барои гузаштан аз ин вартаи гуноҳ гардид.
- Кӯшиш кунед, ки дар давоми 3 дақиқа фаҳмонида тавонед. Мақсади шумо ин аст, ки ба хонандагон намунаи осонро пешниҳод кунед, то ки онҳо онро ёд гирифта, мустақилона такрор кунанд.

### Масъалаи фарҳангӣ: *Диаграммаи «Кӯпурук»*

Диаграмма дар Замимаи 2 ба «диаграммаи кӯпурук», ки ба ҳама маълум аст, монанд мебошад, вале он бо гуфтаҳои зерин мувофиқ гардонида шудааст:

- *Дар ин ҷо расми Худо мавҷуд нест.*
- *Дар ин ҷо гуфта шудааст, ки Худо аз мо бузургтар аст, ва ҳамрадифи мо нест.*
- *Дар ин ҷо дар бораи Роҳи Рост гуфта шудааст, на дар бораи Кӯпурук.*

Вале ба ҳар ҳол, расмро бо намуди горизонталӣ, ба монанди диаграммаи анъанавии Кӯпурук, истифода бурдан мумкин аст, ва фаҳмондан лозим аст, ки мо ба биҳишт бо воситаи кӯпурки танг мегузарем. Бисёр одамоне, ки ба Исо имон надоранд, чунин таълим гирифтаанд, ки ин кӯпурук «аз як тори мӯи одам» бориктар аст, ва бисёриҳо хавотир мешаванд, ки аз кӯпурук ба поён меафтанд ва ба биҳишт гузашта наметавонанд.
Мо фаҳмонда метавонем, ки Исои Масеҳ ягона шахсест, ки моро бехавф аз он кӯпурук гузаронида метавонад. Дар бораи Блондин ном шахс нақле ҳаст, ки аз болои таноб роҳ гашта, шаршараи Ниагараро гузаштааст, ва ҳамчунин ба дигарон низ пешниҳод кардааст, ки ба пушти худ савор карда, ба тарафи дигар гузаронад. Бисёриҳо пешниҳоди ӯро рад карданд, лекин як нафар шахс розӣ шуда, ба пушти ӯ нишаст. Блондин он шахсро бехавф ба тарафи дигар гузаронид. Исои Масеҳ пешниҳод мекунад, ки моро бехавф ба биҳишт гузаронад, вале барои ин мо бояд ба Вай бовар кунем.

Шарҳи «Чӣ тавр ба Худо бирасем»-ро он тавр **машқ кунед**, ки гӯё ба дӯсти худ нақл карда истода бошед:

- Гурӯҳро ба ҷуфтҳо тақсим кунед (агар шумо танҳо бо як нафар машғул бошед, пас бо ӯ якҷоя кор баред).
- Як нафар бояд нақши дӯстро бозӣ кунад. Шахси дигар дар давоми се дақиқа, диаграмма ва 1 Петрус 3:18-ро истифода бурда, чӣ тавр ба Худо расиданро фаҳмонда диҳад.
- Пас се дақиқа нақшҳои якдигарро иваз кунед.

**Пурсед**:

- «Оё ин супориш душвор буд? Агар маротибаи аввал ҳама чизро ба хотир оварда натавонед, зиқ нашавед. Ва боз, дар ҳаёт шумо онро хеле дарозтар ва бо суханони худ фаҳмонда метавонистед. Дар ин ҷо бошад, намунае дода шудааст, ки онро, агар хоҳиш дошта бошед, пайгирӣ карда метавонед.»
- «Дар ёд дошта бошед, ки ин усулро танҳо ба он кас истифода бурда метавонед, ки дар бораи имони шумо шунидан мехоҳад. Агар шахс тайёр набошад, пас интизор шавед ва дуо кунед»

**Гӯед**:

- «Акнун биёед ба саволи 16-уми дарси 13 бармегардем»

---

## Г) БО ФУРӮТАНӢ ВА ЭҲТИРОМ *(Саволҳои 14-18)*

### Саволҳои 16-17

**Гӯед**:

- «Усули аввали шаҳодати хуб – «натарсед». Дуввум – «ҳамеша барои ҷавоб додан тайёр бошед». Акнун мо ба усули сеюм расидем – «Бо фурӯтанӣ ва эҳтиром».

Саволҳои 16-17-ро пурра **хонед**.

**Пурсед**:

- «Аз рӯи саволи 17 шумо дар ин вазъиятҳои мушкил чӣ кор мекардед?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Бисёр чиз аз худи вазъият ва оқибати он вобаста аст. Ду вазъияти аввал пас аз чанд вақт таъғир ёфта метавонанд, вале мушкилии сеюм хеле ҷиддӣ аст, ва дигаргун шуда наметавонад.]*
- «Дар вазъияте, ки шумо ба хотири Масеҳ талабу хоҳишҳои хешовандони худро нохост рад мекунед, чӣ тавр ин корро бо фурӯтанӣ ва эҳтиром иҷро карда метавонед»? *[Муҳокима кунед. Ҷумлаҳои зерин фоиданок хоҳанд буд:*
    - *Ҳамеша бо ҳурмат ва хашмгин нашуда, гуфтугӯ кунед.*
    - *Бо усулҳои зиёди амалӣ оиларо дастгирӣ кунед ва муҳаббат нишон диҳед.*
    - *Онҳоро бо рафтори худ хиҷолат насозед.*
    - *Барои изҳор кардани ақидаи худ фурсати муносибро интихоб кунед.]*

---

## Д) НОНИ ҲАЁТ *(Саволҳои 19-20)*

### Саволи 20

Саволро пурра **хонед**.

## Пурсед:

- «Яке аз хатогиҳо, ки содир карда мешавад, ин хеле барвақт, яъне пеш аз тайёр будани аъзоёни оила барои шунидану фаҳмидан, дар бораи Исои Масеҳ нақл кардан аст. Хатогии дигар вақти дурударoз хомӯш мондан мебошад. Мо чӣ тавр мувозинати байни ин ду хатогиро ёфта метавонем?»
  *[Муҳокима кунед. Ин барои бисёр касоне, ки ба Масеҳ имон меоранд, мушкилии калон мебошад, вале онҳо ба якдигар бо маслиҳат кӯмак карда метавонанд. Маслиҳатҳои имондорони ботаҷриба ба тарзи зерин мебошанд:*
    - *Бигзор ҳаёти шумо ба оила дигаргуниҳои мусбӣ биёварад;*
    - *Дини оилаи худро сахт танқид накунед;*
    - *Ҳамеша ба оилаи худ ишора кунед, ки шумо дар Китоби Муқаддас баъзе маслиҳатҳои хубро пайдо мекунед, вале рӯирост нагӯед, ки шумо пайрави Масеҳ шудаед;*
    - *Бо пайравони ҳақиқии Масеҳ онҳоро шинос карда, ба онҳо барои фаҳмидани он кӯмак кунед, ки чӣ гуна шахсро имондори ҳаққонӣ меноманд;*
    - *Фурсати муносиб пайдо карда, оилаи худро бо китобҳо ва дискҳои мувофиқ, ё вебсайтҳое, ки дар бораи Китоби Муқаддас ва шаҳодатҳои зиндагии имондорони имрӯза бисёр маълумот меорад, шинос кунед.*
    - *Бисёр дуо кунед, то ки Худо дилҳои онҳоро тайёр кунад;*
    - *Дар аввал ба он аъзои оила нақл кунед, ки назар ба дигарон хайрхоҳтар аст;*
    - *Донистa бошед, ки оилаи шумо, пештар аз он ки дар бораи имони худ нақл мекунед, пайрави Масеҳ будани шуморо пай бурда метавонанд, вале Худо вазъиятро идора мекунад ва ҳама чизро ба некӣ табдил медиҳад;*
    - *Агар оилаи шумо рӯирост пурсанд, ки оё шумо пайрави Масеҳ ҳастед, росташро гӯед.]*

---

## ДАР АНҶОМИ ВОХӮРӢ

***ПУРСЕД:***

- «Ин дарс ба ҳаёти шумо чӣ хел дигаргуниҳо меорад?»
  *[Ҳар як иштирокчӣ ва шумо бояд фикри худро баён кунед.]*

***ХОНЕД*** Супориши Амалии дарси 13

***ГӮЕД:***

- «Ин Супориши Амалии шумо дар ин ҳафта мебошад. Дар хотир доред: «натарсед», «ҳамеша барои ҷавоб додан тайёр бошед», бо «фурӯтанӣ ва эҳтиром» гап занед
- Дарси 14-ро дар хона омӯзед

***БО ДУО БА АНҶОМ РАСОНЕД***

- Аз Худо кӯмак талаб кунед, то ки дар бораи Исои Масеҳ ба кӣ башорат доданро ба шумо ошкор кунад, ва ёрдам кунад, ки мо, махсусан дар оила, шоҳидони хуби Ӯ гардем

# Дастурамал барои дарси 14 Маросими таъмид бо об

## МАҚСАДИ ДАРСИ 14

Ҳар як хонанда бояд:

а. Фаҳмад, ки таъмид кадом се ҳақиқатро ошкор мекунад.

б. Ё бо шукргузорӣ таъмид гирифтани худро дар ёд дошта бошад
*Ва ё* бесаброна барои таъмид гирифтан интизор шавад ва барои оянда нақша кунад.

в. Матто 28:19-ро аз ёд кунад.

## ДАР ОҒОЗИ ВОХӮРӢ

***БО ДУО САР КУНЕД***

***СУПОРИШИ АМАЛИИ ҲАФТАИ ГУЗАШТА:***

- Гӯед: «Супориши Амалии дарси гузашта аз он иборат буд, ки барои ба як нафар дар бораи Исои Масеҳ нақл кардан имкон ёбем. Оё шумо барои ин кор имкон доштед? Дар бораи ҳамин гап занед» *[Якҷоя муҳокима кунед. Аз онҳое пурсед, ки то ҳол имкон надоштанд: «Оё ту ҳақиқатан барои ин дуо карда истодаӣ?»]*

***МАВЗӮИ ИМРӮЗА***

- Гӯед: «Оё шумо ба Ҳамид, ки оиди таъмид ба тааҷҷуб афтодааст, монанд ҳастед? Мо имрӯз кӯшиш мекунем, ки ба саволҳои шумо ҷавоб диҳем»

***ҶАВОБҲО БА САВОЛҲОИ ХУЛОСАВИИ ДАРС***

- Якҷоя Хулосаи дарси 14-ро кушоед. Аз назар гузаронед, ки хонандагон чӣ тавр ҷавоб доданд:
  *Саволи 1*: «Пас, биравед ва ҳамаи халқҳоро шогирд созед ва онҳоро ба исми Падар, Писар ва Рӯҳулқудс таъмид диҳед». (Матто 28:19).
  *Саволи 2:* а) одами нав; б) гуноҳҳоям шуста шуданд; в) ҷамоати
  *Саволи 3:* хеле муҳим аст

## Масъалаи фарҳангӣ: *Таъмид*

Маросими ғусли таъмид қадами муҳим аст. Он нишонаи мансуб будан ба Масеҳ ва Ҷамоати Ӯ мебошад. Аммо ҷамъиятҳо ва оилаҳои беимон онро ҳамчун нишонаи хиёнат медонанд. Ба ақидаи онҳо шахсе, ки ғусли таъмид мегирад, аз оилаи пештараи худ рӯй гардонда, онҳоро шарманда месозад. Аз ҳамин сабаб оила ва одамони гирду атроф ғазабнок мешаванд, дар баъзе мамлакатҳо бошад, ҳатто шахси имондорро қатл карда метавонанд. Дар кишварҳои дигар хавфи калон мавҷуд набошад ҳам, вале ба ҳар ҳол дарду алами зиёд ва радди мардум шуданро ба вуҷуд оварда метавонад. Дарки ин масъала зарур буда, кӯшиш кардан лозим аст, ки ба қадри имкон оила аз шармандагӣ ва осеб нигоҳ дошта шавад.

Ҳамин тариқ, имондорони навро барои таъмид тайёр карда истода, на танҳо ҷиҳатҳои рӯҳонӣ, балки оқибатҳои иҷтимоии онро низ ба назар гиред. Бо онҳо муҳокимаронӣ кунед:

- Кай барои таъмид гирифтани онҳо фурсати муносиб мебошад? (Одатан Худо бо василаи Рӯҳи Худ онҳоро роҳнамоӣ мекунад, бинобар ин шитоб накунед, вале агар фурсат фаро расад, онро мавқуф нагузоред.).
- Кӣ дар вақти таъмидгирӣ бояд иштирок кунад? (Ақалан чанд нафар дӯстони наздик ва боваринок; дар бораи он фикр кунед, ки киро аз ҷамоати имондорон, ва ҳамчунин аз ҷумлаи хешовандони беимон таклиф кардан мумкин аст. Ин масъалаҳоро бо имондоре, ки таъмид гирфтан мехоҳад, маслиҳат кунед, чунки ҳама чиз ба вазъияти ӯ вобаста мебошад).
- Оё шахси имондор дар бораи қарори худ пешакӣ ба оилаи беимони худ хабар медиҳад? (Ин аз вазъияти оилавӣ вобаста мебошад).
- Оё ҷараёни таъмид аксбардорӣ карда мешавад, ва оё паҳн гардидани ин аксҳо ба зери назорат гирифта мешавад? (Дар замони аксбардориҳои рақамӣ ва шабакаҳои интернетӣ ин саволи хеле муҳим ба шумор меравад! Ба таври оммавӣ паҳн кардани маросими ғусли таъмид барои шахси имондор хавфнок буда, ба оилаи вай шармандагӣ оварда метавонад. Лаҳзаи аз ҳама нозук – ин вақти ба об ғӯта занондани имондор мебошад, МАХСУСАН, агар мард занро ғусли таъмид диҳад. Чунин аксҳо бояд сахт ба зери назорат гирифта шавад. Вале аксҳои гурӯҳ пас аз анҷоми маросим, акси шахси имондор, ки дар маросим якҷоя бо дӯстони имондор иштирок кардааст, он қадар хавфнок нест).
- Бо занон ва духтарони имондор муҳокима кунед, ҳангоми аз об баромадан, барои ҳифз кардани шарму ҳаёи худ онҳо чӣ гуна чораҳо меандешанд? (Вақте ки либоси тунук аз об тар мешавад, ба бадан мечаспад. Либоси ғафстар пӯшидан ва бо худ сачоқ гирифтан лозим аст, то ки ҳангоми аз об баромадан худро бо он печонад).
- Оё дар бораи таъмид гирифтан шаҳодат додан мумкин аст? (Дар баъзе кишварҳо ин мушкилиро пеш намеорад, дар дигар кишварҳо шояд барои шахси таъмидгиранда ва ҳам барои шахси таъмиддиҳанда хавфнок бошад. Вале баъзе нишонаҳои гузаштани маросими таъмид зарур аст. Инро муҳокима кунед)

## А) Чаро ман бояд таъмид гирам? *(Саволҳои 2-3)*

### Саволи 2

Саволи 2-ро пурра **хонед**.

**Пурсед**:
- «Сабаби асосии маросими таъмид аз чӣ иборат аст? Маросими ба об ғӯта задан чиро нишон медиҳад?» *[Инро ба мо Худованд Исои Масеҳ фармудааст.]*
- «Оё медонед, ки дар кадом вазъиятҳо Масеҳ чунин фармон додааст?» *[Ин баъд аз эҳё шудани Ӯ пеш аз ба осмон рафтани Ӯ рӯй додааст. Якҷоя бо ин суханон, Ӯ ба шогирдони худ амр намуд, то он кореро, ки Ӯ оғоз бахшид, идома диҳанд. Аз ҳамон давр сар карда, то имрӯз пайравони Масеҳ шогирд тайёр карда, онҳоро ғусли таъмид медоданд.]*

Ояти барои аз ёд кардан додашуда - Матто 28:19-ро **машқ кунед**

---

## Б) Маросими ғусли таъмид чиро нишон медиҳад? *(Саволҳои 4-14)*

### Саволи 4 (одами нав дар Масеҳ)

Сархати аввалро **хонед**.

**Пурсед**:
- «Бо суханони худ фаҳмонед, ғусли таъмид алоқамандона ба табиати нав ва кӯҳнаи шумо чиро нишон медиҳад?» *[Табиати кӯҳнаи мо мемирад, ва мо дар табиати нав ҳаёти нав меёбем.]*

---

### Саволи 7 (гуноҳҳо шуста шуданд)

#### Масъалаи фарҳангӣ: *Қоидаи шустушӯ*

Дар як дини калон иҷрои *таҳорат* ( маросими шустушӯи сар, дастҳо ва пойҳо) ҳатмӣ мебошад. Шустушӯи пурраи бадан ё *ғусл*, ки барои тоза шудан аз ифлосиҳои калон иҷро мекунанд, камтар ба назар мерасад. Ҳамчунин намояндагони ин дин чунин мешуморанд, ки гуноҳҳои кӯҳнаи онҳо, ҳангоме ки ин динро қабул мекунанд, шуста мешаванд, бинобар ин бисёре аз онҳо чун нишонаи пок шудан аз гуноҳҳо *ғусли* пурра мекунанд. Аммо касоне, ки ба Исо имон меоранд, диққати худро на ба пок шудан аз гуноҳ равона мекунад, балки ин маросимро ҳамчун нишонаи пайдо кардани ҳаёти нав медонанд.

Саргузашти Бахтиёрро **хонед**.

**Пурсед**:
- «Вақте ки аз об баромадед, он чиро ки Бахтиёр ҳис кард, шумо ҳам ҳис кардед? Дар он лаҳза чиро эҳсос намудед?» *[Муҳокима кунед.]*

---

### Саволи 10

Сархати аввали саволро **хонед**.

**Пурсед**:

- «Оё об қудрати мӯъҷизаноки шустани гуноҳҳоро дорад?» *[Не.]*
- «Чӣ ҳақиқатан гуноҳҳоро шуста метавонад?» *[Қурбонии Масеҳ, чуноне ки дар 1 Юҳанно 1:7 навишта шудааст. Об танҳо чиркинии баданро шуста метавонад, вале об рамзи он аст, ки Масеҳ моро аз гуноҳҳо пок кардааст]*

---

## Саволи 12 (шомил шудан ба ҷамоати Масеҳ)

Саволи 12-ро пурра **хонед**.

**Пурсед**:

- «Агар касе гӯяд, ки:«Ман танҳо барои худам таъмид мегирам, ин байни ман ва Худо аст, ва ба ман лозим нест, ки ба ҷамоати имондорон шомил шавам, шумо чӣ мегӯед»?» *[Алоқамандона ба саволи 12 маросими ғусли таъмид маънои шомил шудан ба ҷамоати Масеҳро дорад. Ин ҷо ҷамъомади анъанавии имондорон, ҷамоати хонагӣ, ё гурӯҳи имондорон дар назар дошта шудааст, ҳамин тавр ё бо таври дигар мо бояд ба гурӯҳи имондорон ҳамроҳ шавем. Мо ба онҳо таалуқ дорем ва онҳо ба мо таалуқ доранд. Дар якҷоягӣ мо халқи интихобшудаи Худо мебошем.]*

---

## В) Оё ба хотири наҷот таъмид гирифтан зарур аст? *(Саволҳои 15-17)*

## Саволи 16

**Пурсед**:

- «Тасаввур кунед, ки шумо таъмид гирифта истодаед ва дар ҳузури тамоми гурӯҳ шаҳодати худро нақл карда истодаед. Дар давоми панҷ дақиқа дар бораи чӣ гап задан мехостед? Қайдҳои худро, ки барои саволи 16 тайёр кардед» *[Як ё якчанд нафар бояд шаҳодати худро нақл кунанд. Диққат диҳед, ки бисёртар аз имондорони нав хоҳиш мекунанд, то ки шаҳодати худро нақл кунанд. Ин барои онҳо ба «маросими» ба худ хос табдил меёбад.. Баъзан аз онҳо маротибаи зиёд талаб мекунанд, ки шаҳодат диҳанд, ва онҳо дигар дар маркази диққат будан намехоҳанд. Вақте аз онҳо хоҳиш мекунед, ки дар назди гурӯҳ шаҳодати худро баён намоянд, ин чизҳоро ба инобат гиред.]*

---

## Г) Кай ман бояд таъмид гирам?

## *(Саволҳои 18-22)*

## Саволҳои 21

Саволро пурра **хонед**.

**Пурсед**:

- «Шумо дар ин ҷо чӣ навиштед?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Баъзе фикрҳо:*
    - *Дар назди ҳама эълон накунед, ба ҷои он шахсони боваринокро алоҳида ба назди худ даъват кунед;*

- *Маросимро дар ҷои хилват гузаронед, дар он ҷое ки бегонагон дида наметавонанд;*
- *Танҳо як таҷҳизоти аксбардориро истифода баред, ба шахси таъмидгиранда имкон диҳед, то ки ӯ интихоб кунад, ки аксҳоро кӣ гирифта метавонад;*
- *Иҷозат надиҳед, ки таъмидгирандаро ҳангоми дар даруни об будан акс бардоранд (пас аз анҷоми маросим бо гурӯҳи дӯстон аксбардорӣ карда метавонанд);*
- *Агар барои тасдиқи ғусли таъмид сертификат дода шавад, пас онро дар ҷои махфӣ нигоҳ доред.*
- *Ҳамчунин «Масъалаи фарҳангӣ»-ро дар аввали ин дарс оиди таъмид хонед.]*

---

## Саволи 22а

Сархати якумро **хонед**.

**Пурсед**:

- «Дар ин ҷо шумо чӣ навиштед?” *[Якҷоя муҳокима кунед. Ҷавоби «дуруст» вуҷуд надорад, зеро ки ин аз вазъият вобаста аст. Имондороне ҳастанд, ки ба хотири якҷоя бо ҳамсари худ таъмид гирифтан интизор мешаванд, ва аз ин қарори худ хурсанд ҳастанд. Вале агар пас аз чанд сол маълум мешавад, ки ҳамсар то ҳол ба Исо имон намеорад, пас шахси имондор эҳсос мекунад, ки бояд худи ӯ танҳо таъмид гирад.]*

**Эзоҳ**:

- Китоби дарсии хонандагонро тафтиш кунед, боварӣ ҳосил кунед, ки онҳо ба саволҳои 21 ва 22 ҷавоб навиштанд. Агар онҳо мустақилона ҷавобҳои худро нависанд, пас ин кор барои ҷиддӣ мулоҳиза рондан оиди саволҳо ва фаъолона иштирок намудани онҳо дар муҳокимаронӣ кӯмак мерасонад.

---

## Саволи 22б

Лавҳачаи муаллимро **хонед**.

**Гӯед**:

- «Шояд гузаштани маросими ғусли таъмид барои баъзе имондорон ба андозае хатарнок аст, вале бо вуҷуди ин мо набояд аз ҳад зиёд тарс дошта бошем. Набояд фаромӯш кард, ки ин вақти ид аст!»

## ДАР АНҶОМИ ВОХӮРӢ

***ПУРСЕД:***

- «Ин дарс ба ҳаёти шумо чӣ хел дигаргуниҳо меорад?»
  *[Ҳар як иштирокчӣ ва шумо бояд фикри худро баён кунед.]*

Супориши Амалии дарси14-ро ***ХОНЕД*** .

***ГӮЕД:***

- «Агар шумо то ҳол маросими ғусли таъмидро нагузаштаед, ин супориши амалиро иҷро кунед. Вале агар аллакай ин маросимро гузаштаед, пас шумо дар давоми ҳафта бо ягон нафар аз иштирокчиёни гурӯҳ, ки оиди ин қадами ҷиддӣ фикру андеша дорад, вохӯрда метавонед. Ӯро рӯҳбаланд созед ва якҷоя бо ӯ дуо кунед.»

***БО ДУО БА АНҶОМ РАСОНЕД***

- Худоро барои се моҳияти ғусли таъмид, ки имрӯз сӯҳбат кардем, шукр гӯед, ва ҳамчунин дар ҳаққи он иштирокчиёни гурӯҳ, ки бар бораи таъмид гирифтан азм доранд, дуо кунед.

# Дастурамал барои дарси 15 Роҳи Рост

## МАҚСАДИ ДАРС 15

Ҳар як хонанда бояд:

а. Худсарона зиндагӣ накунад, балки ҳаёти худро ба Худо бахшад.

б. Эътироф кунад, ки мо бо «роҳи рост» мустақилона роҳ рафта наметавонем.

в. Дарк кунад, ки ғуломӣ дар Масеҳ озодӣ меорад.

г. 1 Қӯринтиён 6:19-20-ро аз ёд кунад

## ДАР ОҒОЗИ ВОХӮРӢ

***БО ДУО САР КУНЕД***

***СУПОРИШИ АМАЛИИ ҲАФТАИ ГУЗАШТА:***

- Гӯед: «Супориши Амалии дарси гузашта аз он иборат буд, ки алоқамандона ба ғусли таъмид маслиҳат диҳед ё маслиҳат гиред. Оё шумо ин супоришро иҷро кардед? Чӣ гуна қарор кардед? *[Якҷоя муҳокима кунед. Агар ягон нафар аз иштирокчиён зудтар таъмид гирифтан хоҳад, баъд аз дарс оиди тайёрӣ ба маросим бо ӯ сӯҳбат кунед.]*

***МАВЗӮИ ИМРӮЗА***

- Гӯед: «Зоҳиран, пайравони Масеҳ шариат надоранд, чунки дар таълимоти Масеҳ назар ба динҳои дигар қоидаҳо камтар ҳастанд. Оё ин рост нест? Вале новобаста ба ин, мо роҳи рости Худовандро пайравӣ мекунем, вале ин аз пайравӣ кардани *шариат* фарқ дорад. Биёед дар ин бора дар давоми се дарси навбатӣ сӯҳбат мекунем».

***ҶАВОБҲО БА САВОЛҲОИ ХУЛОСАВИИ ДАРС***

- Тафтиш кунед, оё хонандагон ба саволҳои хулосавӣ ҷавоби дуруст доданд. Инак, ҷавобҳои дуруст:
  *Саволи 1:* а) Шариати Мӯсо; б) Шариати Масеҳ
  *Саволи 2:* Пок
  *Саволи 3:* а), б) ва в)-ро қонуни (*шариати*) Масеҳ манъ мекунад, аз назар гузаронед, ки хонандагон ба саволи г) ва д) чӣ ҷавоб додаанд, (умедворем, ки ҷойҳои холиро беҷавоб нагузоштанд!)
  *Саволи 4:* «Шумо аз они худатон нестед; зеро ки шумо бо нархи гарон харида шудаед» (1 Қӯринтиён 6:19-20)

## Масъалаи фарҳангӣ: *Шариат ва риояи қонун*

Дарсҳои 15-17 барои онҳое, ки ба Масеҳ имон овардаанд, мавзӯи муҳимро баррасӣ мекунад. Сабаби ин мавзӯъ дар он аст, ки «қонун» дар динҳои дигар хеле муҳим мебошад. Ва ҳатто калимаи арабии «шариат» маънои қонунро надорад, балки тарзи ҳаётро мефаҳмонад. Шариат ба одам мефаҳмонад, ки вай чӣ тавр бояд хӯрок хурад, меҳмондорӣ кунад, фурӯшад ва харад, чорворо забҳ намояд, тоза шавад, хоб кунад, чӣ тавр ба ҳоҷатхона равад, ҳукуматро роҳбарӣ кунад, доварӣ намояд, дуо хонад. Ҳамин тариқ пайравони содиқи ин дин мехоҳанд, ки *шариат* на танҳо ҳаёти шахсии онҳо, балки тамоми ҷамъият ва маданиятро ташаккул диҳад. Ба ақидаи онҳо, чунин итоат дар зиндагии ҳозира ва дунёи охират баракат меорад.

Одамоне, ки чунин ҷамъиятҳои диниро тарк кардаанд, хушнуд шуда метавонанд, ки онҳо акнун аз чунин қоидаҳои ҷузъии рафтор озоданд, вале дар баробари ин бисёр саволҳои мушаввашкунанда пайдо мешаванд, ки ҷавоби худро металабанд. Пас, дар ин ҳолат, «қонун» дар ҳаёти пайрави Масеҳ чӣ гуна ҷойро ишғол мекунад? Агар дар ҳаёти мо барои шариат ҷой нест, пас оё мо ҳар кореро, ки писанди мо аст, карда метавонем? Агар қонун дар ҳаёти мо ҷой дошта бошад, пас табиат ва ҷавҳари он аз чӣ иборат аст? Барои чӣ мо бояд ба ин «шариати муҳаббат» итоат кунем: барои гирифтани мукофот ё аз рӯи шукргузорӣ? Ҷузъиётҳои мушаххасро, ба монанди вақти рӯзадорӣ ва миқдори ушру ионат чӣ тавр муайян кунем? Вақте ки дар муқоиса бо динҳои дигар дастурамали аниқ барои ба танзим даровардани ҷузъиётҳои ҳаёт фароҳам оварда намешавад, дар масъалаи итоат ба Масеҳ ба кадом принсипҳо такя кунем?

Мақсади қонуни Худо дар давраи Аҳди Қадим, ки аз тарафи фарисиён сӯистифода карда мешуд, ва «шариати нави муҳаббат», ки Исо таълим медод, - ҳамаи инҳо барои пайравони Масеҳ хеле актуалӣ мебошанд.

Барои баъзе пайравони Исо фаҳмидани он ки мо таҳти намуди нави *шариат* зинадагӣ мекунам, осонтар аст. Барои баъзеи дигарон бошад, аз сабаби саргузашти ҳаёти пештараи онҳо калимаи *шариат* аксуламали ҳиссиёти ногуворро ба вуҷуд меорад, вале ба ҳар ҳол онҳо бояд дарк кунанд, ки мо ба Подшоҳи нав хидмат мекунем ва ҳар кореро, ки писанди мо аст, карда наметавонем.

## А) Барои чӣ одамон бо Роҳи Рост рафта наметавонанд?

## Масъалаи фарҳангӣ: *Роҳи Рост*

Ҳар рӯз намояндагони як ҷамоати динӣ чунин дуо мекунанд: «Моро ба роҳи рост ҳидоят кун». Онҳоро таълим медиҳанд, ки ҳазорҳо паёмбарон омаданд, то ки роҳи рости Худоро таълим диҳанд. Бисёре аз ин паёмбарон дар Китоби Муқаддас ёдоварӣ карда шудаанд: Одам, Нӯҳ, Иброҳим, Мӯсо, Довуд, Исо ва дигарон.

Онҳо бовар доранд, ки ҳамаи ин паёмбарон барои нишон додани «роҳи рости» *шариат* омада буданад, то ки ҳамагон онро пайравӣ карда, сазовори мукофот ва баракати Худо гарданд. Вале ҳатто агар бидонем, ки роҳи рост аз чӣ иборат аст ва дар дил хоҳиши пайравӣ кардани онро дошта бошем, оё инро иҷро карда метавонем? Агар не, пас сабаби натавонистан дар чист? Сарриштаи ин мавзӯъ дар дарси 15 баррасӣ карда шудааст.

## Муқаддима

Ба расми одами маст **нигоҳ кунед**.

**Пурсед**:
- «Барои чӣ ин одам бо хати рост рафта наметавонад?» *[Ӯ дар зери таъсири шароб мебошад. Ҳатто агар ӯ рост рафтан хоҳад ҳам, рост рафта наметавонад.]*
- «Маънои рӯҳонии ин мисол аз чӣ иборат аст?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Одамон бо «роҳи рост» рафта наметавонанд, чунки дар зери таъсири гуноҳ зиндагӣ мекунанд ва ба он тобеъ мебошанд. Онҳо ҳатто агар хоҳанд ҳам, рост рафта наметавонанд.]*
- «Ҳар рӯз дар вақти маросими дуо намояндагони як дин дуо мекунанд: «Маро бо роҳи рост ҳидоят кун». Онҳо чунин мешуморанд, ки Худо ҳазорҳо пайғамаронро барои роҳнамоӣ фиристодааст. Вале оё фақат роҳнамоӣ кифоя аст, то ки онҳо бо Роҳи Рост раванд? *[Не.]* Барои чӣ не? *[Дуо – ин хуб аст, паёмбарон низ, вале бештар аз ҳама одамон ба қувват ниёзманд мебошанд, то ки бо роҳи рост раванд.]*

---

## Саволи 3

Саволи 3-ро пурра **хонед**.

**Пурсед**:
- «Шумо дар ин ҷо навиштед? Дар дарс ҷавоби г) ҳамчун ҷавоби дуруст қайд карда шудааст, оё шумо бо ин розӣ ҳастед?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Хонандагон бояд мустақилона фикр кунанд. Вале ҷавоби дуруст – г) дар асоси Китоби Муқаддас мебошад.]*
- «Шумо чӣ тавр ба дӯсти худ фаҳмонда метавонед, ки кори ғайратмандона, қоидаҳои иловагӣ ва дуо барои аз ҳирси гуноҳ озод кардани одамон кифоя нест?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Бо вуҷуди он ки ин амалҳо фақат аз рӯи ченаки инсонӣ то андозае кӯмак карда метавонанд, вале аз ҳалли мушкилии фундаменталӣ, ки қуввати Худоро талаб мекунад, оҷиз мебошанд.]*

---

# Б) ҲАРОМ ВА ҲАЛОЛ *(Саволҳои 5-6)*

## Саволи 5

Саволи 5-ро пурра **хонед**.

**Пурсед**:
- «Кадом калимаҳоро дар ин порча қайд кардед?» *[Калимаҳо: фикрҳои бад, фисқ, дуздӣ, куштор, зино, тамаъ, кина, макр, ҳирс, чашми бад, куфр, ғурур ва ҷаҳолат.]*
- «Оё *хӯроки пок* ҳомиёни шариатро аз дарун *тоза* мекард?» *[Не.]* «Чаро?» *[Чунки гуноҳҳояшон онҳоро аз дарун палид мекард.]*
- «Чӣ аз ҳама палидтар аст: хӯроки нопок ё фикрҳои нопок?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Тибқи таълимоти Масеҳ фикрҳои нопок палидтар мебошанд, чунки қалбҳоро палид месозанд. Сипас ин фикрҳои бад тинати одамро нопок карда, ҳамчун суханони қабеҳ ва рафтори фосиқона ба берун мебароянд.]*

## Саволи 6

Саволи 6-ро пурра **хонед**.

**Пурсед**:
- «Шумо дар ин ҷо чӣ навиштед?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Назар ба тоза кардани дил, тоза кардани даст ва хӯрдани «хӯроки пок» хеле осонтар аст!]*

---

## В) ШИФОИ ҚАЛБИ НОПОК *(Саволҳои 7-10)*

### Савол 7

Саволи 7-ро пурра **хонед**.

**Машқ кунед:**
- Дар аввал, номи худро илова карда, оятро мустақилона хонед. Масалан, агар номи шумо Тоҳир бошад, пас оятро бо чунин тарз хонед: «Тоҳир, ман ба ту дили тоза хоҳам дод ва рӯҳи тоза андаруни ту хоҳам ниҳод. Ман аз ҷисми ту, Тоҳир, дили сангинро дур хоҳам кард. Ва Рӯҳи Худро, Тоҳир, андаруни ту хоҳам ниҳод, ва туро водор хоҳам кард, ки бар тибқи фармудаҳои Ман рафтор кунӣ, ва дастурҳои маро риоя намоӣ»
- Акнун аз дигарон хоҳиш кунед, ки номи худро истифода бурда, оятро хонанд. Онҳо ин корро якҷоя ё бо навбат карда метавонанд.

**Гӯед**:
- «Ваъдаи Худо барои ҳар яки мо аз ҳамин иборат аст! Вақте ки мо пайрави Масеҳ шудем, Ӯ Рӯҳи Худро ба мо ато кард»

**Пурсед**: «Алоқамандона ба ояте, ки ҳозиракак баррасӣ кардем:
- «Кӣ ба мо хоҳиши бо Роҳи Рост рафтанро медиҳад?» *[Рӯҳи Худо, ки дар мост.]*
- «Кӣ барои рафтан ба Роҳи Рост қувват медиҳад?» *[Рӯҳи Худо, ки дар мост.]*

---

## Г) ҲАЁТ БАРОИ ХУДО *(Саволҳои 11-16)*

### Масъалаи фарҳангӣ: Гуноҳҳои *«кабира» ва «сағира»*

Пайравони яке аз динҳо таълим медиҳанд, ки баъзе гуноҳҳо аз баъзеи дигарашон бузургтар ҳастанд, ва Худо метавонад, ки ба «гуноҳҳои сағира» аҳамият надиҳад, вале барои гуноҳҳои «кабира» ҷазо медиҳад. Таълимоти Масеҳ аз ин ақида фарқ мекунад. Исо мегӯяд, ки ҳар кӣ ба зане бо чашми шаҳватомез ҳатто нигоҳ кунад, дар қалби худ бо вай зино кардааст. (Ба саволи 13 нигаред).

Ин боб ба он бахшида шудааст, ки аҳкоми Исо стандарти баландтар муқаррар мекунад. Аз ҷиҳати ахлоқӣ, гарчанде ки он ба назар он содда ва осон метобад, иҷро кардани он аз риоя кардани *шариат* мушкилтар аст.

### Саволи 15

Саволи 15-ро пурра **хонед**.

**Пурсед**:

- «Маълум аст, ки ҷавоби а) дуруст аст, дар бораи ҷавоби б) чӣ фикр доред? Оё ба гуноҳҳои майда то андозае аҳамият додан лозим аст? *[Якҷоя муҳокима кунед. Шояд пеш аз имон овардан аҳамияти ҷиддӣ дода намешуд, вале акнун барои аҳкоми Масеҳ аҳамиятнок мебошанд.]*
- «Шумо дар бораи ҷавоби г) чӣ гуфта метавонед, охир, дурӯғ гуноҳи ночиз аст, ҳамин тавр не?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Гарчанде ки бисёр одамон ба дурӯғ аҳамияти ҷиддӣ зоҳир намекунанд, Исо ба он аҳамият медиҳад.]*
- «Дар бораи ҷавоби е) чӣ фикр доред? Агар нияти гуноҳ кардан дошта бошем, вале онро содир накунем, оё ин гуноҳ ҳисобида мешавад?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Агар шайтон моро бо фикрҳои гуноҳолуд ба васваса андозад, ва мо ба он муқобилият кунем, пас ин гуноҳ нест. Вале агар қасдан дар бораи он фикру хаёл карданро давом диҳем ё барои иҷрои кори бад нақша кунем,  пас ин гуноҳ аст.]*

---

## Саволи 16

Саволи 16-ро пурра **хонед**

**Пурсед**:

- «Шумо чӣ фикр доред, кадоме аз ҷавобҳои номбаршуда муҳим мебошанд? Чаро? *[Якҷоя муҳокима кунед. Ҷавобҳои б), в), д) ва ж) аз 1 Петрус гирифта шудаанд, бинобар ин мо бо боварӣ гуфта метавонем, ки онҳо дар аҳкоми Масеҳ ҷой доранд. Ҷавобҳо а), г) ва е) дар ҳеҷ ҷои Инҷил зикр карда нашудаанд, бинобар ин барои пайравони Масеҳ ин чизҳо муҳим нестанд. Масалан, бар хилофи баъзе динҳо, ки тибқи таълимоти онҳо надоштани риш гуноҳ ҳисобида мешавад, Дар ҷамоати Масеҳ риш мондан ё намонданро худи мардон интихоб мекунанд.]*
- «Фармудаҳои муҳими б), в), д), ва ж) - ро бо фармудаҳои камаҳамияти а), г) ва е) муқоиса карда, чӣ гуна фарқро дар ин рӯихат мушоҳида карда метавонед?» *[Фармудаҳои муҳим ба ҳолати дили мо ва рафтори мо нисбат ба дигарон дахл дорад; Фармудаҳои камаҳамият дар бораи намуди зоҳирии мо ё оиди қоидаҳо мебошанд.]*

---

## Д) ОЗОДИИ ҲАҚИҚӢ  *(Саволҳои 17-22)*

Ба Румиён 6:11-18-ро **хонед**

**Пурсед**:

- «Дар асоси оятҳои 11-14, мо баҳри чӣ мурдаем? Баҳри чӣ мо зиндаем?» *[Нисбат ба гуноҳ мурдаем. Дар ягонагӣ бо Исои Масеҳ барои Худо зиндаем.]*
- «Алоқамандона бо ояти 14, барои чӣ гуноҳ бар мо ҳукмронӣ карда наметавонад?» *[Чунки мо дар зери шариат нестем, балки тобеи файз мебошем.]*
- «Дар ояти 15 гуфта шудааст, ки мо «тобеи файз» мебошем. Оё ин чунин маъно дорад, ки мо чӣ коре, ки хоҳем карда метавонем? Барои чӣ “ҳа” ва барои чӣ “не”? *[Не! Чунки мо бояд худро ба Худо – Хӯҷаини нав супорем. Ба ояти 16 нигаред.]*
- Дар оятҳои 11-18 дар бораи «тобеи файз» будани мо чӣ гуфта шудааст? *[ «Тобеи файз» будан чунин маъно дорад, ки мо дар Масеҳ ҳаёти нав дорем, Худо хӯҷаини нави мо*

*мебошад, мо бошем, бандагони адолат ҳастем ва озод карда шудаем, то ки ба Худо итоат кунем.]*

- «Тавақкуф кунед ва оиди ин андеша намоед: Оё шумо ғуломи гуноҳ будан мехоҳед ё барои итоаткорӣ ба Худо озод будан мехоҳед?» *[Ҷавобҳои худӣ.]*

---

## Саволи 17

Саволи 17-ро пурра **хонед**.

**Пурсед**:

- «Шумо дар ин ҷо чӣ навиштед?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Дар 1 Петрус 4:2 навишта шудааст, ки ин ҷавон бояд аз хоҳишҳои инсонӣ рӯй гардонда, мутобиқи иродаи Худо зиндагӣ кунад. Дар 1 Петрус 4:3 гуфта шудааст, ки ӯ дар гузашта хеле барзиёд рафтори нодуруст содир кардааст.]*
- «Ин шахс дар расм чунин мегӯяд: «Чӣ қадаре ки бештар гуноҳ кунам, Худо ҳамон қадар бештар маро мебахшад.» Дар Румиён 6:15 дар бораи фаҳмиши нодуруст чӣ гуфта шудааст?» *[Дар ин ҷо гуфта шудааст: «Пас чӣ кунем? Оё гуноҳ кардан гирем, чунки тобеи шариат не, бадки тобеи файз ҳастем? Ба ҳеҷ ваҷҳ!»]*

---

## Саволи 19

Ба шахсе, ки дар расм тасвир карда шудааст, **нигоҳ кунед**

**Пурсед**:

- «Оё ин одам озод аст? Шумо чӣ навиштед?» *[Якҷоя муҳокима кунед.  Маълум аст, ки озод нест. Вайро бори гуноҳ зер кардааст.]*

---

## Саволи 20а

Саволи 20-ро пурра **хонед** .

**Пурсед**:

- «Шахсеро, ки дар ин расм мебинед, ҳамон одамест, ки дар расми пештара дида будед. Бо бандҳои ӯ чӣ шуд? *[Бандҳои ӯ дар салиб шикаста шуданд]*
- «Оё ӯ акнун аз ғуломии гуноҳ озод аст?» *[Ҳа.]*
- «Чӣ тавр мо озодӣ пайдо карда метавонем – барои худ зиндагӣ карда ё барои Исои Масеҳ?» *[Муҳокима кунед. Озодии ҳақиқӣ аз бандагӣ ба Масеҳ сар мешавад. Ин аҷоиб метобад, вале ҳақиқат аст.]*

---

## Саволи 21

Ояти барои аз ёд кардан додашуда - 1 Қӯринтиён 6:19-20 -ро **хонед**.

Оятро **машқ кунед**:

- Дар аввал ба яке аз иштирокчиён гӯед (мисол, номи ӯ Мақсад аст): «Мақсад, ту акнун ба худ таaллуқ надорӣ, чунки чу бо нархи гарон харида шудаӣ. Бинобар ин Худоро бо ҷисми худ ҷалол деҳ»
- Акнун Мақсад ба шахси дигар мегӯяд: «Зӯҳро, ту акнун ба худ таaллуқ надорӣ... ва ғ.»
- Ҳамин тариқ, ҳама аъзоёни гурӯҳ бояд ин оятро такрор кунанд, шахси охирин бошад инро ба шумо – роҳбари гурӯҳ гӯяд,

**Гӯед**:

- «Бале, ин рост аст. Ҳар яки мо бо нархи гарон харида шудаем. Мо ба худамон таaллуқ надорем. Бинобар ин, биёед, бо ҷисмҳои худ Худоро ҷалол медиҳем! Биёед, бо ёрии Рӯҳи Худо аз гуноҳ рӯй гардонем»

## ДАР АНҶОМИ ВОХӮРӢ

***ПУРСЕД:***

- «Ин дарс ба ҳаёти шумо чӣ гуна дигаргуниҳо меорад?»
  *[Ҳар як иштирокчӣ ва шумо бояд фикри худро баён кунед.]*

***ХОНЕД*** Супориши Амалии дарси15-ро ***ХОНЕД***

***ГӮЕД:***

- «Лутфан, ин супориши амалиро дар ин ҳафта иҷро кунед. Ҳамчунин дарси 16-ро аз худ кунед»

***БО ДУО БА АНҶОМ РАСОНЕД*** Худоро шукр гӯед, ки Ӯ моро аз асорати гуноҳ озод намуд. Аз Ӯ барои ҳамчун бандаи Масеҳ зиндагӣ кардан дар ин ҳафта кӯмак талабед.

## Дастурамал барои дарси 16 Шариати муҳаббат

### МАҚСАДИ ДАРС 16

Ҳар як хонанда бояд:

а. Худоро бо тамоми дили худ ва ёри худро ба мисли худ дӯст дорад.

б. Фаромӯш накунад, ки муҳаббати Худо ба муҳаббате, ки нисбат ба Ӯ дорем, вобаста нест..

в. Дарк кунад, ки мо ҳама ба Худо ӯҳдадор ҳастем, ва ба Ӯ шукргузор бошад.

г. Марқӯс 12:30-31-ро аз ёд кунад.

### ДАР ОҒОЗИ ВОХӮРӢ

***БО ДУО САР КУНЕД***

***СУПОРИШИ АМАЛИИ ҲАФТАИ ГУЗАШТА***

- Гӯед: «Супориши амалии дарси гузашта аз он иборат буд, ки нисбат ба шахси дигар чанд бор хашмгин шуданатонро ҳисоб кунед. Ба ҷуфтҳо тақсим шавед, ва ба якдигар дар ин бора нақл кунед, ва ҳамчунин дар бораи вақти хашмгин шуданатон мисолҳо биёред»
- Ҷуфт- ҷуфт шуда, дар давоми се дақиқа муҳокимарониро давом диҳед (агар иштирокчиёни гурӯҳ ба якдигар барои сӯҳбат кардан дар ин бора боварӣ кунанд).

***МАВЗӮИ ИМРӮЗА***

- Гӯед: «Имрӯз мо бештар дар бораи аҳкоми Масеҳ ё *шариати Масеҳ*, - шариати муҳаббат гап мезанем»

***ҶАВОБҲО БА САВОЛҲОИ ХУЛОСАВИИ ДАРС***

- Бисанҷед, ки оё хонандагон ба саволҳои хулосавии дарс ҷавоби дуруст доданд ё не:
  *Саволи 1: Ҳукми аввал:* «Худои худро бо тамоми дили ту ва бо тамоми ҷони ту ва бо тамоми ҳуши ту ва бо тамоми қуввати ту дӯст бидор». *Ҳукми дуюм:* «Ёри худро мисли худ дӯст бидор»
  *Саволи 2:* муҳаббат
  *Саволи 3:* а) Дурӯғ; б) Рост

***ГӮЕД:***

- «Шояд, ҳафтаи гузашта ҳамаи мо хашмгинона ҳарф задем. Хашмгин шудем, дод задем, фикри бад кардем. Вале мо оиди ин набояд беаҳамиятӣ зоҳир кунем. Ба туфайли Худо мо ба василаи хуни Масеҳ пок шуда, ба назди Ӯ баргашта метавонем. Лутфан, ҳар як калимаро пас аз ман такрор карда, ҳамроҳи ман дуо кунед:

## ДУО

«Эй, Падари мо - Худо… *[Якҷоя такрор кунед]*
Раҳмат ба Ту барои ваъдаи омурзиши гуноҳҳо... *[якҷоя]*
Агар мо тавба кунем, ту моро аз гуноҳ пок мегардонӣ… *[якҷоя]*
Чунки Ту одил ва бовафо ҳастӣ... *[якҷоя]*
Илтимос, барои суханҳои қабеҳ, ки ҳафтаи гузашта гуфтем,
моро бубахш… *[якҷоя]*
Моро пок соз ва аз Рӯҳ пур намо … *[якҷоя]*
То ки дар давоми ин ҳафта ба Ту хидмат кунем… *[якҷоя]*
Ба номи Худованд Исои Масеҳ. *[якҷоя]*

## Масъалаи фарҳангӣ: *Мақсади итоаткорӣ*

Дарси 16 мавзӯи қонуни Худоро, ки дар дарси 15 сар шуд, давом медиҳад (дар дарси 15 шарҳи умумии мавзӯъ дода шудааст). Аввали ин дарс оид ба тазоде, ки дар байни итоаткорӣ ба қонуни Худо ба хотири умед, мукофот ё тарс аз ҷазо, ва ҳамчунин итоаткорӣ ба қонуни Худо аз рӯи шукргузорӣ ба лутфу марҳамати Ӯ мавҷуд мебошад, бахшида шудааст. Ин як таъғироти бузурги ҷаҳонбинии шахсе мебошад, ки Масеҳро қабул кардааст.

Мо Худоро барои он дӯст медорем, ки дар аввал Ӯ моро дӯст дошт, ва ин муҳаббати Худо бо он зоҳир мегардад, ки Масеҳ дар салиб барои мо ҷон дод. Бинобар ин мо чун нишони шукргузорӣ ба ин лутфу марҳамат ба «шариати муҳаббат» итоат кардан мехоҳем, яъне Худоро бо тамоми қалби худ ва ёри худро ба мисли худ дӯст медорем.

# А) ДАР АВВАЛ ХУДО МОРО ДӮСТ ДОШТ *(Саволҳои 1-5)*

## Муқаддима

Ба расми ду хидматгор **нигоҳ кунед**.

**Пурсед**:

- «Кадоме аз хидматгорон ба хӯҷаини худ хурсандона хидмат мекунад?» *[Ҳамоне, ки аз рӯи шукргузорӣ хидмат мекунад, хидматгори дигар бошад, аз рӯи тарс.]*
- «Ин барои мо чӣ аҳамият дорад?» *[Мо ба Худо аз рӯи шукргузорӣ хидмат мекунем. Дигарон бошанд, аз рӯи тарс хидмат мекунанд.]*

## Саволи 4

Саволи 4-ро пурра **хонед**

**Пурсед**:

- «Оё дар иҳотаи муҳаббати Худо мо худро пурра бехатар ҳис мекунем?» *[Бале, агар мо дар Ӯ бошем.]*

- «Оё Ӯ моро ақаллан барои вақти кӯтоҳ ба дӯзах мепартояд?» *[Не, чунки Масеҳ барои гуноҳҳои мо қурбон шуд; мо дигар ҷазо дода намешаваем. Дар баъзе динҳо аниқ гуфта намешавад, ки пайравонашон ба биҳишт мераванд ё ба дӯзах.]*
- «Пас, барои чӣ мо бояд ба Худо бо дилу ҷон хидмат кунем?» *[Чунки мо Ӯро хеле сахт дӯст медорем! Мо барои Ӯ зиндагӣ кардан мехоҳем, шукргузории худро ба Ӯ изҳор менамоем ва Ӯро ҷалол медиҳем.]*

---

## Б) ХУДО МУҲАББАТИ ХУДРО ИСБОТ КАРДААСТ  *(Саволҳои 6-10)*

### Саволҳои 7-8

**Гӯед**:

- «Дар тамоми ҷаҳон пайравони Масеҳ ду маросимро иҷро мекунанд. Якум, маросими таъмид ном дорад, ки оиди он аллакай сӯҳбат кардем. Дуюм, маросими нstation ном дорад. Вақте ки мо дар ин маросим иштирок мекунем, қурбонии Исои Масеҳро ба хотир меорем ва ҷашн мегирем».

Саволҳои 7-8-ро пурра **хонед**

**Пурсед**:

- «То чӣ андоза шумо дар маросими ноншиканӣ иштирок мекунед? Ё шумо то ҳол ягон бор иштирок накардаед?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Баъзе гурӯҳи имондорон инро бисёр вақт иҷро мекунанд, дигарон бошанд – баъзе вақт. Шояд баъзе аз хонандагон дар ин маросим боре ҳам иштирок накарда бошанд.]*
- «Ин маросим дар ҷамоати шумо чӣ ном дорад?» *[Донистани номҳои гуногуни ин маросим, ки дар ҷамоатҳои гуногун истифода мебаранд, барои хонандагон фоида дорад.]*
- «Дар вақти чашидани нон ва афшурдаи ангур чӣ гуна ҳиссиётҳоро аз сар мегузаронед?» *[Якҷоя муҳокима кунед.]*
- «Ҷамоати шумо шароб истифода мебарад ё афшурдаи ангур? Истифодаи шароб барои шумо сабаби ягон мушкилӣ шуда метавонад?» *[ Дар баъзе кишварҳо, бисёр калисоҳо афшурдаи мева истифода мебаранд. Баъзе имондорон шароби ангур менӯшанд, баъзеи дигарон наменӯшанд, маҳз аз ҳамин сабаб ин савол шояд барои имондорон муҳим бошад. Дар вазъияте, ки шароб истифода бурда мешавад, шахсе, ки машруботи спиртӣ наменӯшад, фақат як қулт нӯшида метавонад, чунки ин аз «базми шаробнӯшӣ» фарқ дорад.]*
- «Оё ба шахсони беимон нон ва афшурдаи ангур қабул кардан ҷоиз аст?» *[Не, ин маросим фақат барои пайравони Масеҳ таъин карда шудааст.]*

**Гӯед** *(агар хоҳед)*:

- «Дар охири ин курс вохӯрии махсус дорем, он вақт мо Худоро парастиш карда, маросими ноншиканӣ мегузаронем»

---

## В) ШАРИАТИ МУҲАББАТ  *(Саволҳои 11-13)*

1 Юҳанно 4:7-13-ро **хонед**.

**Пурсед**:

- «Оё Худо моро аз он сабаб дӯст медорад, ки мо Ӯро дӯст доштаем? Ё Вай аввал моро дӯст дошт?» *[Ӯ аввал моро дӯст дошт. Ин аз динҳои дигар фарқ мекунад. Дар он динҳо таълим дода мешавад, ки Худо он касонеро дӯст медорад, ки худро пок мекунад.]*

- «Кадом оят нишон медиҳад, ки Худо моро аввал дӯст дошт, пеш аз он ки мо ягон кори неке барои Ӯ кардем?» *[оятҳои 9-10.]*
- «Мутобиқ ба ин оятҳо, чӣ тавр Худо муҳаббати худро ба мо зоҳир кард?» *[Ӯ Писари Худро ба замин фиристод, ояти 9. Ӯ Писари Худро ҳамчун қурбонӣ барои нобуд кардани гуноҳҳои мо фиристод, ояти 10.]*
- «Мутобиқ ба ояти 7 ва 11 чӣ тавр мо бояд ба муҳаббати Худо ҷавоб гардонем?» *[Якдигарро дӯст дорем.]*
- « Мутобиқи ояти 12, гарчанде Худоро ҳеҷ кас надидааст, вақте ки мо якдигарро дӯст медорем, одамон чиро дида метавонанд?» *[Мебинанд, ки «дар мо Худо сокин аст ва муҳаббати Ӯ дар мо комил аст».]*

---

## Саволи 13

Саволи 13-ро **хонед** .

Марқӯс 12:30-31-ро, ки барои аз ёд кардан дода шудааст, **машқ кунед**.

**Пурсед**:
- «Ин хулосаи аҳкоми Масеҳ хеле кӯтоҳ ва барои аз худ кардан осон аст. Вале оё онро риоя кардан осон аст?» *[Якҷоя дуо кунед. Мо чунин мешуморем, ки онро риоя кардан хеле душвор аст.]*
- «Кӣ ба мо барои иҷро кардани ин шариати муҳаббат ёрӣ медиҳад?» *[Рӯҳи Худо. Мо заифу нотавон ҳастем, вале Ӯ тавоно. Мо – гунаҳкорон, вале Ӯ Пок аст, Рӯҳи Пок. Бинобар ин мо бояд аз Ӯ кӯмак талабем. Монанди қувваи барқ Ӯ пурқувват аст, вале ҳамон вақт қувваи барқ ба кор медарояд, ки агар сиққонакро пахш кунем.]*

---

# Г) БО ТАМОМИ ДИЛ ДӮСТ ДОШТАНИ ХУДО

## Саволи 14

Саволи 14-ро пурра **хонед**.

**Пурсед**:
- «Кадом саволро қайд кардед? Барои чӣ маҳз ҳаминро интихоб кардед?» *[Ҷавобҳои шахсӣ. Аз ҳар як хонанда хоҳиш кунед, ки шарҳ диҳад. Ҳамчунин, гӯед, ки дар вақти тайёр кардани дарс дар хона кадом саволро интихоб кардед.]*

---

# Д) ЁРИ ХУДРО БА МИСЛИ ХУД ДӮСТ ДОШТАН *(Саволҳои 15-25)*

## Саволи 17

Ба чор расм **нигоҳ кунед**.

**Пурсед**:
- «Барои чӣ дар расми А зан бо шавҳари худ шод аст?» *[Шавҳар дар ҳаққи вай ғамхорӣ мекунад ва ба таври амалӣ муҳаббати худро ба вай зоҳир мекунад. Мард ба аҳкоми (шариати) Масеҳ итоаткор аст.]*

- «Дар расми Б мард бояд чӣ кор кунад, то ки ба шариати Масеҳ итоат намояд?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Вай бояд рӯзномаро як сӯ гузошта, кӯдакро нигоҳубин кунад.]*
- «Расми В, Чӣ тавр Худо ба дуои ин зан ҷавоб гардонда метавонад?»  *[Хушдомани вай рафторашро иваз мекунад. Ва агар ҳатто иваз накунад ҳам, арӯс камтар нороҳат мешавад. Ё дар ин вазъият Худо ба вай сабр ва шодӣ ато мекунад.]*
- «Расми Г, духтар шариати Масеҳро риоя намекунад. Натиҷаи он чӣ хоҳад буд?»  *[Дугонаи вай меранҷад, ва боварӣ халал меёбад.]*

---

## Саволи 19

Саволи 19-ро пурра **хонед** .

**Гӯед**:

- «Бале, ҷавоби б) ҳақиқатан дуруст аст. Худо муҳаббати Худро ба василаи Рӯҳи Пок ба қалбҳои мо рехтааст! Мо худамон чунин муҳаббатро ба вуҷуд оварда наметавонем, вале Ӯ онро ба ҳаёти мо рехта метавонад!»

---

## Саволи 22а

Саргузаштеро, ки дар чаҳорчӯба омадааст, **хонед** .

**Гӯед**:

- «Ба ҳамин монанд дигар мисолҳо ҳам хаст. Дар Непал пайравони Масеҳ ваъда медиҳанд, ки агар касеро ба ҳабс андозанд, дигарон дар ҳаққи оилаи маҳбус ғамхорӣ мекунанд. Ин ба онҳо кӯмак расонид, ки дар бораи Исои Масеҳ нотарсона шаҳодат диҳанд».

## Саволи 22б

Сархати баъди саргузаштро **хонед**.

**Пурсед**:

- «Шумо дар ин ҷо чӣ навиштед?» *[Якҷоя муҳокима кунед.]*

---

## Саволи  24

1 Петрус 4:7-9-ро **хонед**.

**Пурсед**:

- «Дар ояти ҳаштум гуфта шудааст, ки барои пайравони Масеҳ як чиз хеле муҳим аст. Ин чӣ аст?» *[Якдигарро сахт дӯст доштан.]*
- «Дар ояти ҳаштум боз гуфта шудааст, ки «муҳаббат гуноҳҳои зиёдро рӯпӯш мекунад». Чӣ фикр доред? *[Якҷоя муҳокима кунед. Мо фикр мекунем, ки пайравон нисбат ба якдигар баъзан гуноҳ мекунанд, ва агар онҳо якдигарро сахт дӯст доранд, ҳама кинаю адоватро бартараф карда метавонанд.]*
- «Дар ояти 9 кадом усули нишон додани муҳаббат  зикр карда шудааст?» *[Ояти 9: нисбат ба якдигар меҳмоннавоз бошед.]*
- «Дар саволи 24 ба расми Фарида ва Алӣ нигоҳ кунед. Шумо ба кадоми онҳо монанд ҳастед?» *[Ҷавобҳои шахсӣ.]*

- «Аз ҳаёти худ мисолҳои дигар биёред, ки шумо ба таври амалӣ ба шахси дигар муҳаббат нишон додед». *[Муҳокима кунед. Хонандагон бояд аз ҳаёти худ мисолҳои амалӣ биёранд.]*

## Масъалаи фарҳангӣ: *Меҳмоннавозӣ*

Бисёр имондорони Авруосиё мансуб ба он маданияте мебошанд, ки меҳмоннавозӣ хеле баланд қадр карда мешавад. Вале ба бисёр имондорон лозим аст, ки дар соҳаи қабули меҳмонон бисёр чизҳоро ёд гиранд. Агар шахси имондор пешакӣ шуморо огоҳ накарда, ба хонаи шумо биёяд, новобаста ба ташрифи ногаҳонӣ оё ӯро меҳмондорӣ мекунед? Агар дар ҷамоати калисо ба хоҳари имондор гӯянд, ки онҳо «оилаи» ӯ мебошанд, вале ҳангоме ки оилааш вайро аз хона биронаду ҷои истиқомат надошта бошад, оё онҳо он хоҳари имондорро ба хонаи худ қабул мекунанд?

---

## Саволи 25

Тамоми саволи 25 ва лавҳачаро **хонед**.

**Пурсед**:

- «Фикри шумо чӣ аст? Оё душманони худро дӯст доштан имконпазир аст?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Одамон чунин фикр мекунанд, ки душманони худро дӯст доштан ғайриимкон аст. Вале дар Каломи Худо гуфта шудааст: «Ҳамааш аз дастам меояд, бо мадади Масеҳ, ки маро қувват мебахшад» (Ба Филиппиён 4:13).]*
- «Оё шумо ягон мисоле дар бораи он оварда метавонед, ки пайравони Масеҳ душманони худро дӯст доштаанд?» *[Муҳокима кунед. Хонандагон мисолҳо оварда метавонанд. Як саргузашти ҳаёт – саргузашти Мурод дар дарси 10.]*
- «Тасаввур кунед, агар одамон дар ин дунё ва дар ҷамъиятҳои мо душманони худро дӯст медоштанд, чӣ натиҷа медошт?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Агар ин тавр мешуд, дунё тамоман таъғир меёфт! Ба ростӣ, шариати Масеҳ шариати аз ҳама беҳтарин аст!]*

## ДАР АНҶОМИ ВОХӮРӢ

***ПУРСЕД:***

- «Ин дарс ба ҳаёти шумо чӣ гуна дигаргуниҳоро меорад?»
*[Ҳар як хонанда ва шумо бояд фикри худро баён кунед.]*

Супориши Амалии дарси 16-ро ***ХОНЕД***

***ГӮЕД:***

- «Лутфан, супориши амалиро барои ин ҳафта иҷро кунед. Ва ҳамчунин дарси17-ро дар хона омӯзед.»

***БО ДУО БА АНҶОМ РАСОНЕД***

- Худоро шукргузорӣ кунед, ки Ӯ моро, пеш аз он ки мо Ӯро дӯст доштем, дӯст дошт. Аз Ӯ хоҳиш кунед, ки бо василаи Рӯҳи Пок қалбҳои моро пур аз муҳаббати илоҳии Худ гардонад, то ки мо сахт Ӯро ва ёри худро мисли худ дӯст дорем.

## Дастурамал барои дарси 17 **Рӯзадорӣ ва ушру ионат**

### МАҚСАДИ ДАРСИ 17

Ҳар як хонанда бояд:

а. Бо роҳбарии Худо одати мунтазами рӯзадорӣ ва ушру ионатдиҳиро сар кунад.

б. Инро саховатмандона ва фидокорона, бидуни маҷбурӣ ва шӯҳратталабӣ иҷро кунад.

в. Ду принсипи роҳнамоии Худоро дарк кунад.

г. Марқӯс 12:30-31-ро такрор кунад.

### ДАР ОҒОЗИ ВОХӮРӢ

***БО ДУО САР КУНЕД***

***СУПОРИШИ АМАЛИИ ҲАФТАИ ГУЗАШТА:***

- Гӯед: «Супориши амалии дарси гузашта аз он иборат буд, ки ба хоҳар ё бародари имондор кӯмак расонида шавад. Оё шумо инро иҷро кардед? Он шахс ба шумо чӣ гуна ҷавоб гардонд?» *[Якҷоя дуо кунед.]*

***МАВЗӮИ ИМРӮЗА:***

- Гӯед: «Имрӯз мо бори охирин дар бораи *шариати* Масеҳ, қонуни муҳаббат муҳокимаронӣ мекунем. Ҳамчун пайравони Масеҳ, мо рӯза мегирем ва бо мақсадҳои наҷибе, ки аз намояндагони динҳои дигар фарқ мекунад, пулҳои худро ҳадя меоварем»

***ҶАВОБҲО БА САВОЛҲОИ ХУЛОСАВИИ ДАРС***

- Якҷоя Хулосаи дарси 17-ро кушоед ва аз хонандагон пурсед, ки онҳо ба саволҳо чӣ гуна ҷавоб доданд:
  *Саволи 1:* а) Калом; б) Рӯҳ
  *Саволи 2:* дуо
  *Саволи 3:* а) пурра ҳамааш; б) ба қадри имкон бештар
  *Саволи 4:* а) Худо; одамони мӯҳтоҷ; б) муҳаббат

## Масъалаи фарҳангӣ: Роҳнамоии ҳамаҷонибаи Шариат

Баъд аз ҷамъбасти натиҷаҳои таълимоти асосӣ оид ба қонуни Худо, ки дар дарсҳои 15 ва 16 баррасӣ карда шуд, саволе ба миён меояд, ки пайравони Масеҳ чӣ тавр қонунҳои Худоро ба таври амалӣ иҷро карда метавонанд, охир, чунин дастурамали роҳнаморо, ки дар динҳои дигар мавҷуд аст, мо надорем.

Дар динҳои дигар ба таври аниқ ба одамон гуфта мешавад, ки онҳо чӣ тавр бояд зиндагӣ кунанд. Масалан, дар моҳи Рамазон онҳо бояд аз тулӯъ то ғуруби офтоб рӯза доранд ва як миқдори муайяни пулро ба сифати *закот* (андоз барои хайрия) супоранд. Пас, пайравони Масеҳ дар ин ҳолатҳо бояд чӣ кор кунанд? Дар ин дарс усулҳои библиявӣ баррасӣ карда мешаванд, дар баробари ин он чиз ба инобат гирифта мешавад, ки ин принсипҳо дар ҷамоатҳои гуногуни имондорон ба таври ба худ хос истифода бурда мешаванд. Бинобар ин, ҳамчун муаллим, шумо метавонед, ки дар бораи таҷрибаи ҷамоати худатон нақл кунед, вале дар ёд дошта бошед, ки чизи асоситарин барои имондор ин фаҳмидани ҳамин принсипҳо мебошад. Дар вақти фаҳмонда додани нишондодҳои аниқ ба хонандагон, кӯшиш карда, барои сахт дахолат накардан ба ҳаёти онҳо, мувозинатро риоя кунед. Кӯмак кунед, ки онҳо ба Худованди худ Исо итоаткор бошанд, ва пеш аз ҳама дастурҳои  ӯро риоя кунанд.

## А) Чӣ тавр Худо моро ба Роҳи Рост ҳидоят мекунад?

***(Саволҳои 1-5)***

## Саволи 1

Ба ду расми гӯфандон дар саволи якум **нигоҳ кунед**

**Пурсед**:

- «Кадоме аз ин расмҳо *шариати* дини дигарро ва кадомаш *шариати* Масеҳро тасвир мекунад? Фарқ дар чист?»  *[Якҷоя муҳокима кунед. Дар дини дигар шариат ба девор монанд аст. Он мустаҳкам сохта шудааст,  то ки гӯсфандонро дар як ҷо нигоҳ дорад. Ин қонун нишондодҳои ҷузъиро дар бар мегирад, бинобар ин пайравонаш сарҳади байни мумкину номумкинро медонанд. Дар баробари ин дар таълимоти Масеҳ қоидаҳо хеле кам мебошанд. Шояд ин одамро дар аввал ҳайрон кунад, зеро маълум нест, ки сарҳади байни ину он дар куҷост. Вале Худи Масеҳ Чӯпони мо мебошад, Ӯ ваъда додааст, ки гӯсфандони Худро ба ҷойҳои хуб, ба он ҷойҳое, ки ба онҳо зарар расонида намешавад, ҳидоят мекунад. Ӯ ба онҳо ба воситаи Рӯҳи Худ гап мезанад. Агар гӯсфандон бо Ӯ наздик бошанд, овози Ӯро онҳо мешунаванд.]*

---

## Саволҳои 3-4

Саволи 3-ро пурра ва сархати аввали саволи 4-ро **хонед**.

**Пурсед**:

- «Чӣ тавр мо Масеҳро, ки бо воситаи Рӯҳи Худ гап мезанад, шунида метавонем?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Ӯ аллакай тавассути Китоби Муқаддас ба мо гап мезанад, бинобар ин мо бояд ҳар рӯз онро хонем, то ки овози Ӯро бишнавем. Ҳамчунин Ӯ пичирросанон ба виҷдони мо «гап мезанад», фикрро ба таври возеҳ ба ақли мо ҷой мекунад, ба рӯҳи мо ҳиссиёт мебахшад ё бо ояти муайян аз Навиштаҷот ба қалби мо таъсир мерасонад. Баъзан Ӯ бо овози баланд дар хоб ё овози шунаво сухан мегӯяд. Ӯ ҳамчунин ба воситаи маслиҳати имондорони дигар гап мезанад.]*

- «Оё мо дар шунидани овози Рӯҳи Пок хато карда метавонем?» *[Бале, осон. Баъзан мо хоҳишҳои гуноҳолуди худро ба ҷои овози Худо қабул мекунем! Ҳар чизе ки Худо ба мо мегӯяд, ба Каломи Ӯ зид намебарояд.]*

**Гӯед**:
- Дар хотир дошта бошед, ки агар мо бо Масеҳ муносибати наздик дошта бошем, ҳар рӯз дуо кунем ва итоатокорона умр гузаронем, боз ҳам бештар овози Ӯро шунида метавонем!

---

## Б) РӮЗА *(Саволи 6-14)*

### Масъалаи фарҳангӣ: *Рӯза*

Дар кишварҳои бисёр барои рӯзадорӣ моҳи махсус бо номи Рамазон мавҷуд мебошад. Имондорони нав, ки пештар ба ин мансуб буданд, дар ин моҳ оилаҳои худро хеле пазмон мешаванд. Инро ба назар гирифтан лозим аст.

Барои имондорони ҷавон, ки ҳоло ҳам бо волидайни худ зиндагӣ мекунанд, мушкилии Обида воқеист – оё онҳоро лозим аст, ки ба ин рӯзадорӣ ҳамроҳ шаванд ё не? Баъзе пайравони Масеҳ чунин мешуморанд, ки ин барои нишон додани садоқати худ ба оила фурсати муносиб мебошад. Имондор метавонад, ки ба хотири Исо рӯза дорад, на ба хотири иҷрои вазифа, ҳамчунин аз таъқиботҳои беҳуда худро эҳтиёт бояд кард.  Пайравони дигар мегӯянд, ки мавқеи худро муайян кардан зарур аст ва агар лозим шавад, дар ин масъала ҳатто муносибатро бо оила кандан мумкин аст, то ки шаҳодати равшан гардида, аз фиреб раҳо шавӣ. Вале агар пайравони Масеҳ рӯза надоранд, оё онҳо ба назари мардум танбал наметобанд?

Ин ду нуқтаи назарро бо хонандагон муҳокима кунед. Ба назар гиред, ки бисёр чиз аз вазъияти ҳар як оилаи алоҳида вобаста аст. Ва агар онҳо қарор кунад, ки дар ин моҳ рӯза намедоранд, оё дар вақтҳои дигар бо роҳбарии Худованд барои рӯза гирифтан кӯшиш мекунанд?

## Саволҳои 6-7

Саволи 6-ро пурра **хонед**.

**Пурсед**:
- «Оё шумо чун Обида саволҳо доред?» *[Кӯтоҳ якҷоя муҳокима кунед.]*
- «Мутобиқ ба саволи ҳафтум, чӣ ба Обида ёрӣ мерасонад, ки ба саволҳои худ ҷавоб ёбад?» *[Каломи Худо ба вай принсипҳои умумиро мефаҳмонад, Рӯҳи Худо бошад, вайро ба таври аниқ ҳидоят мекунад.]*

---

## Саволи 8

Саволи 8-ро пурра **хонед**

**Пурсед**:

- «Барои чӣ мо бояд рӯза дорем?» *[Хонандагон бояд фикри худро баён кунанд.]*
- «Мутобиқ ба порчаҳои зерини Каломи Худо сабаби рӯзадории одамон аз чӣ иборат буд?» *[Ба порчаҳои зерин нигоҳ кунед. Иштирокчиёнро ба се гурӯҳ тақсим кунед ва ба ҳар як гурӯҳ як порчагӣ пешниҳод кунед, ва агар дар гурӯҳи шумо миқдори иштирокчиён камтар аз се гурӯҳ аст, пас якҷоя ҳар як порчаро аз назар гузаронед.]*
  - Дониёл 9:3-5 – эътирофи гуноҳ, тавба, ва бахшиш.
  - Забур 34:13 – дуо дар ҳаққи шахси мӯҳтоҷ.
  - Аъмол 13:2-3 – парастиш, дуо барои паҳн кардани хушхабар ва хирад баҳри қабули қарор.

**Гӯед**:

- «Мо на барои он рӯза мегирем, ки хизмати шоистаи динӣ кунем, балки эҳсоси самимии ҷӯёи Худо буданамонро нишон диҳем. Рӯза ҷиддӣ будани дуои моро нишон медиҳад. Мо дар вақти хавфу хатар, тавба кардан, мусибат, ё бо сабабҳои дигар рӯза дошта метавонем, чуноне ки мо дидем, дар Китоби Муқаддас сабабҳои гуногуни рӯзадорӣ баён карда шудаанд»

---

## Саволи 12

Саволи 12-ро пурра **хонед**

**Пурсед**:

- «Мо ҳамчун пайравони Масеҳ кай бояд рӯза дорем?» *[Ҳар вақте ки Рӯҳи Муқаддас ба ин ҳидоят мекунад, ба саволҳои 11-12 нигаред.]*
- «Оё Мо, пайравони Масеҳ, вазифадор ҳастем, ки рӯза дорем?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Ба фикри мо, рӯза ҳар вақте, ки бо ҳидояти Рӯҳи Муқаддас дошта мешавад, ҳатмӣ аст. Дар дигар вақт зарур нест.]*

---

## Саволи 13а

Саволи 13-ро пурра, ва аз ҷумла, сархати «таваққуф кунед ва андеша намоед»-ро **хонед**.

**Пурсед**:

- «Шумо ба ин савол чӣ ҷавоб додед?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Шумо низ, ҳамчун роҳбар, фикри худро баён кунед.]*

---

## Саволи 14

Саволи 14-ро, агар мавзӯи он ба муҳити шумо мувофиқ бошад, пурра **хонед**.
(Ин ба имондороне мувофиқ аст, ки дар оилаи беимон зиндагӣ мекунанд, на барои он касоне, ки алоҳида зиндагӣ мекунанд).

**Пурсед**:

- «Шумо дар ин ҷо чӣ навиштед? Сабабҳои «дуруст» ё «нодуруст» будани онро ки Обида дар моҳи анъанавии дуо ва рӯза бо оилаи худ рӯза доштааст, чӣ тавр баён мекунед?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Сабабҳои «дуруст» будани рӯзадорӣ бо оила, ба фикри мо:*
  - *Вай бо ин восита нишон дода метавонад, ки пайрави Исо бошад ҳам, ба оилаи худ содиқ аст.*

- *Вай ин фурсатро истифода бурда, самимона барои наҷоти оилааш рӯза дошта, дуо карда метавонад.*
- *Агар вай бо онҳо рӯза надорад, барои вай мушкилиҳо пайдо мешавад.*
- *Агар вай рӯза надорад, аъзоёни оила фикр мекунанд, ки пайравони Масеҳ танбал ҳастанд.*

*Сабабҳои «нодуруст» будани рӯзадорӣ бо оила, ба ақидаи мо:*

- *Онҳо фикр мекунанд, ки вай то ҳол дини онҳоро пайравӣ мекунад.*
- *Онҳо фикр мекунанд, ки вай ба хотири хидмати шоистаи динӣ ин корро мекунад.*
- *Вай, бо гумони он ки ин корро барои хидмати шоистаи динӣ мекунад, зери таъсири тарзи тафаккури пештараи худ меафтад]*

- «То кадом дараҷа қарори Обида аз шароитҳо вобаста мебошад?» *[Муҳокима кунед. То ба дараҷае, агар вай то ҳол бо оилаи худ зиндагӣ кунад, ва аъзоёни оила мӯътақидони дини дигар ҳастанд. Касоне, ки алоҳида зиндагӣ мекунанд, интихоби бисёр доранд.]*

- «Дар бораи шароитҳо чӣ фикр доред?» *[Муҳокима кунед. Шароити ҳар як хонанда фарқ мекунад, бинобар ин муҳокима кунед, ки чӣ тавр онҳо принсипҳои умумиро дар вазъияти мушаххас истифода мебаранд.]*

---

## В) УШРУ ИОНАТ (ХАЙРОТ, ҲАДЯ, ҚУРБОНӢ) *(Саволи 15-25)*

### Масъалаи фарҳангӣ: *Ушру ионат*

Дар як дин миқдори *закот* ё андоз барои хайрия бо баъзе нишондодҳои ҷузъӣ оиди ҳисоб кардани ин миқдор як маротиба дар як сол дар ҳаҷми 2,5%- и сармояи ҳар сола (на аз рӯи даромади солона) муайян карда шудааст. Ҳар кас ҳуқуқ дорад, ки вобаста ба меъёрҳои муайяншуда, ба мисли кӯмак ба камбағалон ё паҳн кардани имони онҳо бахри чӣ қурбонӣ карданро интихоб кунад. Ҳамчунин пайравони зиёди ин дин ихтиёр доранд, ки ба ин ё он мақсад ҳадя диҳанд.

## Саволи 15

Саволи 15-ро пурра **хонед**

**Пурсед**:

- «Оё шумо, мисли Комил, саволҳо доред? Ё, шояд, шумо дар бораи ушру ионат саволҳои иловагӣ доред?» *[Кӯтоҳ муҳокима кунед.]*

---

## Саволҳои 16-19

Тамоми саволи 16 ва қисми аввали саволи 17-ро **хонед**

**Пурсед**:

- «Кадом қисми моликияти мо ба Худо таалуқ дорад?» *[Ҳамааш ба Ӯ таалуқ дорад.]*
- «Бинобар ин, оё лозим аст, ки миқдори ушру ионатро дар ҳаҷми маҳдуд муайян кунем?» *[Не.]*

**Гӯед**:

- «Акнун мо порчаеро аз номаи дуюми Павлус ба имондорони шаҳри Қӯрин мехонем. Ӯ чанд сабабҳои хубро баён мекунад ки мувофиқи онҳо ба кори Худо саховатмандона хайрот додан лозим аст. Дар вақти хонадани порча ба ин сабабҳо аҳамият диҳед.

2 Қӯринтиён 9:6-15-ро **хонед**

**Гӯед**:

- «Ин порча аз тарафи фиристодаи Исо Павлус навишта шуда буд. Биёед, бо навбат ҳар кас маънои ҳар як оятро бо суханони худ шарҳ медиҳем.». *[Дар аввал, шумо ҳамчун роҳбар, бо як ҷумла маънои ояти 6-ро фаҳмонед. Сипас ба ҳар як иштирокчӣ як ё ду оятӣ тақсим кунед, ва як дақиқа вақт диҳед, ки дар хомӯшӣ дар бораи маънои он фикр кунанд. Сипас ҳар як кас бо суханони худ ояти муайянро аз ҳафтум сар карда то ояти 15 маънидод кунад.]*

Саволи 20-ро пурра **хонед**

---

## Саволи 21

Сархати охирини саволи 21-ро **хонед**.

**Пурсед**:

- «Шумо ба ин савол чӣ ҷавоб додед?» *[Сӯҳбати кушод. Мо умедворем, ки хонандагон, назар ба таҷрибаи пештараашон, бештар ҳадя медиҳанд, на камтар.]*

---

## Саволи 24

Саволи 24-ро пурра **хонед**

**Пурсед**:

- «Шумо дар ин ҷо чӣ навиштед?» *[Муҳокима кунед. Шояд, агар мо то охири моҳ интизор шавем, ҳеҷ чиз боқӣ намемонад.]*
- «Вазъияти шумо чӣ гуна аст? Шумо пул кор мекунед? Агар не, бо кадом усулҳои дигар шумо ба Худо ҳадя медиҳед?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Вақти мо, хидмати ихтиёрии мо, ва ғайра ҳадя ба Худо шуда метавонанд. Агар пули кам дошта бошем ҳам, мо бояд аз миқдори он пуле, ки дорем, ба Худо ҳадя доданро ёд гирем. Ҳатто бачагон аз он пуле, ки ба онҳо волидайнашон медиҳанд, ба Худо ҳадя дода метавонанд.]*

---

## Саволи 25

Саволи 25-ро пурра **хонед**.

**Пурсед**:

- «Шумо дар ин ҷо чӣ навиштед?» *[Якҷоя муҳокима кунед.*
  *Ба фикри мо, мана баҳри чӣ пулро қурбонӣ кардан хуб аст:*
  - *На танҳо ба хешовандон, балки ба камбағалон ёрдам кардан.*
  - *Инҷил ё диск харида, ба беимононе, ки дилашон кушода аст, тӯҳфа кардан.*
  - *Барои пӯшидани сарфу хароҷоти ҷамъомади маҳаллии имондорон ёрӣ расондан.*
  - *Ба имондороне, ки хидматгузори доимӣ мебошанд, ёрдам кардан.*
  - *Ба ягон эҳтиёҷоти дигар, ки Худо бо Рӯҳи худ илҳом мебахшад.]*

---

## Г) ШАРИАТИ МУҲАББАТ *(Саволи 26)*

Саволи 26-ро пурра **хонед**.

Марқӯс 12:30-31-ро, ки барои аз ёд кардан дода шудааст, **машқ кунед**

**Пурсед**:

- «Чӣ тавр рӯзадорӣ нишонаи итоаткорӣ ба шариати муҳаббат буда метавонад?» *[Чунки мо ба хотири муҳаббати Худо худро инкор карда, Ӯро аз хӯрок дида, дар ҷои аввал мемонем. Ҳамчунин, вақте ки ба одамон дар вақти мӯҳтоҷиашон дуо мекунем ва рӯза мегирем, ин нишонаи муҳаббат ба онҳо мебошад.]*
- «Чӣ тавр додани ушру ионат нишонаи итоаткорӣ ба шариати муҳаббат мебошад?» *[Чунки ба кори Худо пул дода, муҳаббати худро ба Ӯ нишон медиҳем, ҳамчунин ба одамон кӯмак карда, ба онҳо низ муҳаббат нишон медиҳем.]*

---

## ДАР АНҶОМИ ВОХӮРӢ

***ПУРСЕД:***

- «Ин дарс ба ҳаёти шумо чӣ гуна дигаргуниҳо меорад?»
  *[Ҳар як иштирокчӣ ва шумо бояд фикри худро баён кунед.]*

***ХОНЕД*** Супориши Амалии дарси 17

***ГӮЕД:***

- «Мо нафақат бояд бо мақсади додани ушру ионат пул ҷамъ кунем, балки дар ҳақиқат аз ҳамин моҳ сар карда, қурбонӣ кунем!
- Акнун биёед дар гурӯҳҳо сенафарӣ бо ҳам дуо мекунем. Аз Худо талаб кунед, то ки Ӯ ба мо кай рӯза гирифтан ва чанд пул қурбонӣ карданро нишон диҳад. Биёед бо ёрдами Ӯ дар ин масъалаҳо сахӣ ва бомасъулият мешавем».

***БО ДУО*** дар гурӯҳҳои хурд ба ***АНҶОМ РАСОНЕД***

# Дастурамал барои дарси 18 Толеъ ва сеҳру ҷоду

## МАҚСАДИ ДАРС 18

Бояд ҳар як хонанда:

а. Се ҳақиқати асосии библиявӣро алоқамандона ба тақдир ва сеҳру ҷоду донад.

б. Дарк кунад, ки чаро Худо бутпарастиро бад мебинад.

в. Аз таъсири симиёвии ҳаёти пештара халос шавад.

г. 1 Петрус 5:7-ро аз ёд кунад.

Эзоҳ: Ҳангоми тайёрӣ ба дарс ва дар вақти гузаронидани он, бовар кунед, ки шумо ҳамчун роҳбар, тавассути парастиш ва эътирофи гуноҳҳо ғалабаи Масеҳро тасдиқ мекунед. Дар вақти муҳокимаронӣ дар ҳаёти хонандагон вобаста ба баромади онҳо таъсири пештараи симиёвӣ ошкор шуда метавонад, бинобар ин рӯҳан ҳушёр бошед.

## ДАР ОҒОЗИ ВОХӮРӢ

***БО ДУО САР КУНЕД***

***СУПОРИШИ АМАЛИИ ҲАФТАИ ГУЗАШТА***

- Гӯед: «Супориши амалии дарси гузашта аз он иборат буд, ки ҳар яки шумо барои ҳар моҳ ба Худо чӣ қадар маблағ додан қарор қабул кунед, ва агар даромади шахсӣ надошта бошед, пас фикр кунед, ки бо кадом роҳ саховатмандона қурбонӣ карда метавонед.»
- «Оё шумо қарор қабул кардед ва барои амалӣ кардани он сар кардед?»

***МАВЗӮИ ИМРӮЗА***

- Гӯед: «Худо қодир аст, ва Писари Ӯ Исои Масеҳ шайтон ва салтанати зулматро мағлуб кардааст. Мо имрӯз мефаҳмем, ки чаро акнун мо бояд бе тарсу ваҳм зиндагӣ кунем - хоҳ аз толеъ, хоҳ аз *ҷин* ва ё чашми бад.»

***ҶАВОБҲО БА САВОЛҲОИ ХУЛОСАВИИ ДАРС***

- Якҷоя Хулосаи дарси 18-ро кушоед ва аз назар гузаронед, ки хонандагон ба саволҳо чӣ гуна ҷавоб доданд:

  *Саволи 1:* а) толеъ; б) бад мебинад; в) қувваҳои

  *Саволи 2:* «Ҳама ғамҳои худро ба Ӯ вогузор намоед, зеро ки Ӯ ба шумо ғамхорӣ менамояд»

(1 Петрус 5:7)

## Масъалаи фарҳангӣ: *Урфу одатҳои халқӣ ва сеҳру ҷоду*

Шумо, шояд ҳайрон шавед, вақте мефаҳмед, ки «толеъ» ва «сеҳру ҷоду» барои бисёр одамон дар саросари ҷаҳон мафҳумҳои муҳим ба шумор мераванд. Ин ақидаҳо аз қадим, қабл аз он ки одамон динҳои дигарро қабул карда буданд, дар бисёр маданиятҳо вуҷуд доштанд, дар натиҷа як чизи омехта бо номи «дини мардумӣ» пайдо шуд. Ҳамчунин дар динҳои бонуфуз Худоро хеле дур меҳисобанд. Ӯ пешакӣ ҳама чизро муқаррар кардааст, ва одамон онро дигар карда наметавонанд, - ин фаҳмиш ҳамчун ҷузъи идоракунандаи ҳаёт ҳама чизро ба толеъ вогузор мекунад. Ғайр аз ин, аз он лиҳоз ки Худо мавҷудоти аз одам дур фаҳмида мешавад, пайравони ин гуна динҳо боварӣ надоранд, ки оё дар ҳақиқат Ӯ ҳангоми мушкилиҳо ба онҳо ғамхорӣ мекунад, дуоҳои онҳоро мешунавад ё не. Бинобар ин онҳо аз миёнаравҳои рӯҳонӣ, ки бештар дастрас ба назар менамоянд, ёрӣ металабанд.

Ҷустуҷӯи ҷавобҳои дуо, қудрати рӯҳонӣ ё донишҳои ниҳонӣ баъзе пайравони динҳоро ба машғулияти симиёвӣ оварда мерасонад. Пас аз имон овардан ба Масеҳ, шояд, зарурияти аз ин асорат озод намудани онҳо пайдо шавад. Барои баъзеҳо ин шояд як таъсири хоси маданият бошад, масалан, ба сифати «балогардон» тӯмор бастан ба банди даст ё ба оинаи воситаи нақлиёт. Баъзеи дигарон шояд таъсири чунин чизҳоро қариб эҳсос накардаанд.

Дар дарси 18 оиди ин масъала таълимоти библиявӣ дода шудааст. Вале фақат нишон додани шуғли нодуруст, назар ба омӯзиши ҷаҳонбинии асосӣ, камтар натиҷа дода метавонад. Агар имондороне, ки пештар мансуби динҳои дигар буданд, ба таври ҳаққонӣ ба Масеҳ, ки то дараҷаи мо поён фаромадааст (ва дарду ранҷи моро эҳсос кардааст) ва сипас аз ҳама гуна қувваҳои рӯҳонӣ болотар баромадааст (ҳамин тарз бар ҳамаи онҳо дастболо шудааст), бовар кунанд, пас дар лаҳзаҳои зарурӣ онҳо ба Масеҳ барои кӯмак муроҷиат мекунанд, на ба қувваҳои дигар. Ҳамчунин Исо бо марги худ бар қувваҳои торикӣ ғалаба кардааст ва моро аз тарси қувваҳои бадкор халос намудааст.

## А) Муқаддима *(ва саволи 1)*

Дуоро то саволи 1 **хонед**, бо он якҷоя бо гурӯҳ дуо кунед.

**Гӯед**:

- «Агар дар бораи мавзӯи толеъ ва сеҳру ҷоду гап занем, шайтон моро хеле фиреб додааст. Одамон дар давоми асрҳо ба ин дурӯғ бовар мекарданд. Бинобар ин онҳо дар зери таъсири шайтон мемонданд. Шояд, ин ақидаҳои дурӯғ дар ақли мо ҳам мавҷуд бошад. Биёед онро бо ростии Худо барҳам мезанем!»

## Саволи 1

Саволи 1-ро пурра **хонед**.

**Пурсед**:

- «Ақидаи шумо чӣ гуна аст: «ҳа», «не» ё «аниқ гуфта наметавонам»?» *[Ҷавобҳои шахсӣ.]*
- «Фикри шумо чӣ гуна ташаккул ёфтааст?» *[Шояд, хонандагон дар ин бора фикр накардаанд, онҳо ба таври оддӣ гузаштагони худ ва анъанҳоро пайравӣ кардаанд.]*

## Б) Ҳаёти моро Худо роҳбарӣ мекунад, на толеъ *(Саволҳои 2-9)*

### Саволи 2

Саволи 2-ро пурра **хонед**.

**Пурсед**:

- «Оё пештар чунин тасаввурот доштед, ки гӯё Худо аз шумо хеле дур буда, нисбати шумо бефарқ аст, ва ҳангоме ки пайрави Масеҳ шудед, оё дар тасаввуроти шумо чизе иваз шуд?» *[Ҷавобҳои шахсӣ.]*

### Саволи 3

Ба ин диаграмма **нигаред** (бо калимаҳое, ки дар ҷои холӣ навишта шудааст).

**Пурсед**:

- «Дар муҳите ки шумо ба воя расидед, оё одамон бовар доранд, ки толеъ, *ҷин* ё чашми бад ба ҳаёти рӯзмарра таъсир мерасонад?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Баъзе одамон ба ин аз дигарон дида зиёдтар бовар мекунанд.]*
- «Аммо мувофиқи Китоби Муқаддас, кӣ дар асл ҳаёти моро идора мекунад?» *[Худо.]*
- «Худо ба мо наздик аст ё дур?» *[Наздик.]*

### Масъалаи фарҳангӣ: *Қувваҳои рӯҳӣ*

Бисёр намояндагони шохаҳои динӣ ба «қувваҳои рӯҳӣ» бовар мекунанд, чунончи ба:

- фариштаҳо, аз ҷумла, ба он фариштаҳо, ки дар Китоби Муқаддас номбар карда шудаанд, масалан, Ҷаброил, ва ҳамчунин ба фариштаҳои шахсӣ, ки рафтори неку бади одамонро менависанд;
- «чашми бад», таъсири диданашавандаи бухл, ки ба одамон зарар мерасонад, масалан, ба кӯдаке, ки зебоиашро ҳама таъриф мекунанд;
- толеъ, ки мувофиқи он ҳаёти одамон аллакай навишта шудааст, ва онҳо онро дигар карда наметавонанд;
- *ҷинҳо,* мавҷудоти рӯҳонӣ, ки нек ҳам буда метавонанд, вале бисётар бадкор мебошанд, масалан, одамонро ба касалӣ ва беақлӣ гирифтор мекунанд;
- рӯҳҳои бад, чуноне ки дар Китоби Муқаддас дар бораи онҳо таълим дода шудааст.

Иштирокчиёни гурӯҳ урфу одатҳои гуногун, аз ҷумла, тӯморҳо дар бадан ва воситаҳои нақлиёт, ашёҳои балогардон, расми чашмҳо ва ғайраро тасвир карда метавонанд, ки дар муҳити пештара қабул карда буданд ва барои дафъ кардани таъсири бад истифода мебурданд.

Ҳамчунин бисёр одамон, ба *баракат,* «баракати» диданашаванда, ки ба одамони муқаддас ва ҷойҳои муқаддас (аз ҷумла, қабри одамони пок) ҳамчун хотира аз дуоҳо ва қасамҳои дар ин гуна ҷойҳо додашуда алоқаманд мебошанд, бовар доранд.

## Саволи 6

Ба расм **нигоҳ кунед** .

Саволи 6-ро пурра **хонед**

**Пурра**:

- «Шумо дар қисми а) чӣ навиштед?» *[Ҷавобҳои шахсӣ.]*
- «Шумо дар қисми б) чӣ навиштед?» *[Ҷавобҳои шахсӣ.]*
- «Барои чӣ ҷавоби дуюм тасаллии азим меорад ва хислати ҳақиқии Худоро намоён мекунад?» *[Муҳокима кунед. Чунки дар он гуфта мешавад, ки Худо ба одамони дилшикаста наздик аст. Китоби Муқаддас чунин таълим медиҳад..]*
- «Маротибаи дигар, вақте ки ба касе ҳамдардӣ изҳор мекунед, чизеро ба монанди ҷавоби дуюм баён карда метавонед?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Шояд, хонандагон розӣ шаванд, шояд – не. Дар вақти муҳокима ба ҳама чиз розӣ шудани хонандагон шарт нест.]*

### Масъалаи фарҳангӣ: *Изҳори ҳамдардӣ*

Дар фарҳанги бисёр халқҳо  хешовандони шахси фавтидаро хабар гирифтан ва бо онҳо нишаста, ҳангоми мусибат онҳоро тасаллӣ додан ба ҳукми анъана даромадааст. Ин вақти муҳимтарин барои изҳор кардани ҳамдардӣ буда, хоси маданияти даврони навишта шудани Китоби Муқаддас низ мебошад (мисол, Юҳанно 11).

Одатан намояндагони дину мазҳабҳои дигар наздикони худро бо суханони «Иродаи Худо ҳамин аст, тақдир ҳамин аст» тасаллӣ додан мехоҳанд. Дар саволи шашум мо пешниҳод мекунем, ки пайрави Исо дар асоси фаҳмиши дурусти хислати Худо бояд бо суханони “Худо раҳмдил аст, Ӯ дар вақти мусибат бо шумо наздиктар мебошад”, ҳамдардии амиқи худро баён кунад.

---

## Саволи 7

Диаграммаро **хонед**.

**Пурсед**:

- «Ин диаграмма аз диаграммаи саволи 3 бо чӣ фарқ мекунад?» *[Худо дур нест, Ӯ дар Исои Масеҳ ба дараҷаи мо фаромадааст. Ӯ ба ҳадде наздик аст, то ки ба мо таваҷҷӯҳ кунад.]*

---

## Саволи 8

Саволро пурра **хонед** .

Ояти барои аз ёд кардан додашударо бо усули зерин (агар бо гурӯҳ машғули кор бошед) **машқ кунед**:

- Иштирокчии аввал ба дуюм савол медиҳад: «Дар бораи чӣ шумо ин рӯзҳо андӯҳгин ҳастед?»
- Шахси дуюм ҷавоб медиҳад.
- Шахси якум ба дуюм мегӯяд: «Ҳамаи ғамҳои худро ба Ӯ вогузор намоед, зеро ки Ӯ ба шумо ғамхорӣ менамояд»
(1 Петрус 5:7).

- Акнун иштирокчии дуюм ба шахси навбатӣ савол медиҳад, ва ҳамин тавр саволу ҷавоб бо навбат, дар охир бо иштироки шумо, роҳбари гурӯҳ, давом мекунад.
- Ҳамин тавр, ояти барои аз ёд кардан додашуда якчанд бор якҷоя бо таври амалӣ такрор карда мешавад.

---

## В) Худо ба сеҳру ҷоду ва бутпарастӣ нафрат дорад *(Саволҳои 10-17)*

### Саволи 10

Саволи 10-ро пурра **хонед**.

**Пурсед**:
- «Шумо дар ин ҷо чӣ навиштед?» *[Ҷавобҳо шахсӣ]*

---

### Саволи 11

Такрори Шариат 18:9-14-ро **хонед**.

**Пурсед**:
- «Мувофиқ саволи 9, агар халқи Худо ба мисли халқҳои дигар ба сеҳру ҷоду машғул шавад, Оё Ӯ ба он муқобил мебарояд?» *[Ҳа, муқобил мебарояд! Ӯ онро «корҳои зишт меномад».]*
- «Кадом намуди ҷодугариро Худо дар оятҳои 10-11 манъ мекунад?» *[Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро бо овози шунаво як-як номбар кунанд. Ҳар як ҷузъиётро фаҳмидани онҳо зарур нест, моҳияти асосии онҳо дар дарси 11-уми ин курс пешкаш карда шудаанд.]*
- «Дар ояти 12 дар бораи одамоне, ки ба намудҳои ба ин монанди ҷодугарӣ машғул мебошанд, чӣ гуфта шудааст?» *[Онҳо дар назари Худо зиштанд, аз сабаби чунин корҳои зишт Ӯ халқҳоро бадар рондааст.]*
- «Пас, халқи интихобшудаи Худо бояд чӣ гуна бошад, ояти 13?» *[Беайб]*
- «Дар ояти 14, Худо ҷодугариро ба халқи худ иҷозат медиҳад ё манъ мекунад?» *[Манъ мекунад.]*

---

### Саволи 15

Саволи 15 ро пурра **хонед**.

**Пурсед**:
- «Худо нисбат ба он ки халқи Ӯ ба ин корҳо машғул мешавад, чӣ фикр дорад?» *[Ӯ ба ин корҳо нафрат дорад. Ин як намуди бутпарастӣ мебошад, чунки одамон ашёҳои офаридашударо ба ҷои Худо мемонанд.]*

---

### Саволи 16

Лавҳачаро **хонед**.

**Пурсед**:

- «Шумо ба ин зан чӣ гуна маслиҳат дода метавонистед?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Дар поён баъзе ҷумлаҳо оварда шудаанд.*
    - *Пеш аз ҳама, ӯ бояд донад, ки Худо нисбат ба вай бефарқ нест. Худо ранҷу заҳмати ӯро медонад. Чӣ тавре ки мо пештар фаҳмидем: «Худои ҷовидон ба шикастадилон наздик аст, Ӯ фурӯтанонро наҷот медиҳад».*
    - *Ин дуруст нест, ки «табиб» назар ба ин зан ба Худо наздиктар аст. Зиёда аз ин, ин зан ба Худо аз он лиҳоз наздиктар мебошад, ки вай дар Масеҳ аст, вале «табиб» - не. Ин зан духтари рӯҳонии Худо мебошад. Падари осмонӣ дуоҳои вайро мешунавад.*
    - *Худо намехоҳад, ки ин зан ба назди «табиб» равад. Вай набояд ба ду хоҷа хизмат кунад. Подшоҳи ӯ ё Масеҳ аст ва ё - «табиб».*
    - *Вай бояд аз дигар имондорон хоҳиш кунад, ки дар ҳаққи ӯ дуо кунанд. Онҳо ба номи Исои Масеҳ аз Худо хоҳиш мекунанд, ки ба вай фарзанд диҳад. Ғайр аз ин, аз ҳама беҳтараш, новобаста ба он ки вай фарзанддор мешавад ё не, онҳо аз Худо талаб карда метавонанд, ки иродаи Худро дар ҳаёти ин зан ба амал биёрад.]*

---

## Г) Худованд Исо бар ҳама Қувваҳои Рӯҳӣ қудрат дорад *(Саволҳои 18-21)*

## Саволи 19

1 Петрус 3:22-ро **хонед**.

Ба диаграмма (бо калимаҳое, ки дар ҷойҳои холӣ навишта шудааст) **нигоҳ кунед**.

**Пурсед**:

- «Кӣ дар ин диаграмма бузургтар аст: Худованд Исои Масеҳ ё «қувваҳои рӯҳӣ»? *[Худованд Исои Масеҳ.]*
- «Кӣ аз ҷин пурқувваттар аст?» *[Худованд Исои Масеҳ.]*
- «Кӣ аз рӯҳҳои бад пурқувваттар аст?» *[Худованд Исои Масеҳ.]*
- «Агар ягон кас шуморо лаънат кунад, аз он лаънат кӣ пурқувваттар аст?» *[Худованд Исои Масеҳ.]*
- «Кӣ бар қувваҳои рӯҳӣ қудрат дорад?» *[Худованд Исои Масеҳ.]*

---

## Саволи 21а

Сархати аввал ва саволро **хонед**.

**Пурсед**:

- «О шумо дар бораи чӣ тавр аз болои рӯҳҳои бад пирӯз шудани Исои Масеҳ таҷриба доред?» *[Якҷоя муҳокима кунед.]*

---

## Саволи 21б

Сархатеро, ки дар дохили қавс навишта шудааст, **хонед** .

**Пурсед**:

- «Агар касе аз шумоён дар бораи рӯҳҳои бад хавотирӣ дорад, лутфан, дар охири ин вохӯрӣ бо ман ё бо дигар имондори таҷрибадор сӯҳбат кунед»

---

# Д) Оё мо ба ду хоҷа хидмат карда метавонем? *(Саволҳои 22-24)*

## Саволи 23

Ҳикояеро, ки дар дохили чорчӯба оварда шудааст, **хонед**.

**Пурсед**:

- «Шумо ба ин савол чӣ ҷавоб додед?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Ба ақидаи мо, маънои хоб дар он аст, ки бояд ба Исои Масеҳ иҷозат диҳем, ки ҳаёти моро пурра ба зери назорати Худ гирад. Агар ягон ҳиссаи ҳаёташро худи шахс, шахси пок ё тӯмор идора кунад, ин ба шайтон барои ҳамла кардан имконият медиҳад.]*

**Гӯед**:

- «Ин ҷумларо дар хотир нигоҳ доред: «Агар Исо ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёт Подшоҳ набошад, пас Ӯ тамоман Подшоҳ нест!».

---

## Хулоса

**Пурсед**:

- «Мо имрӯз дар бораи се ҳақиқати муҳим, ки дурӯғи шайтонро вайрон мекунад, гуфтугӯ кардем. Ин ҳақиқатҳо кадоманд?»
    1. *Ҳаёти моро на толеъ, балки Худо роҳбарӣ мекунад.*
    2. *Худо аз ҷодугарӣ ва бутпарстӣ нафрат дорад.*
    3. *Худованд Исо бар ҳамаи қувваҳои рӯҳӣ қудрат дорад.*
- «Шумо дар охири муҳокимаронии имрӯза чӣ гуна ҳиссиётҳоро аз сар мегузаронед: аз рӯҳҳои бад хавотирӣ доред ё аз пирӯзии Исои Масеҳ бар қувваҳои рӯҳӣ шодӣ мекунед?» *[Ҷавобҳои шахсӣ. Бо он иштирокчиёне, ки зоҳиран то ҳол хавотирӣ доранд, дар алоҳидагӣ сӯҳбат кунед.]*

---

## ДАР АНҶОМИ ВОХӮРӢ

***ПУРСЕД:***

- «Ин дарс ба ҳаёти шумо чӣ гуна дигаргуниҳо меорад?»
  *[Ҳар як иштирокчӣ ва шумо бояд фикри худро баён кунед.]*

Лавҳачаи муаллимро баъд аз саволи 24, ҳамчунин Супориши Амалии Дарси 18-ро ***ХОНЕД***

***ГӮЕД:***

- «Ин ҳафта дар ҳузури Худо як бор ба худатон ин саволҳоро диҳед. Бо диққат саволҳоро аз назар гузаронед. Аз Худо хоҳиш кунед, ки воқеаи гузаштаро дар бораи таъсири ҷодугарӣ ё одами “пок”, ки дар ҳаёти шумо ҷой дошт, ба хотиратон орад. Агар чунин таъсири бад расида бошад, аз имондори дигар хоҳиш кунед, ки ба муқобили он дуо кунад».

- Омӯзиши дарси 19-ро дар хона аз хотир набароред.

***БО ДУО БА АНҶОМ РАСОНЕД*** Якҷоя аз ҷой хезед ва бар зидди шайтон ин се ҳақиқатро эълон кунед:

- «Ҳаёти моро на толеъ, балки Худо роҳбарӣ мекунад»
- «Худо аз ҷодугарӣ ва бутпарастӣ нафрат дорад»
- «Худованд Исои Масеҳ бар ҳамаи қувваҳои рӯҳӣ қудрат дорад»

# Дастурамал барои дарси 19 **Хидмат ба якдигар**

## МАҚСАДИ ДАРСИ 19

Ҳар як хонанда бояд:

а. Фидокорона ва бо фурӯтанӣ истеъдодҳои худро барои хидмати якдигар истифода барад.

б. Роҳбарони ҷамоати имондоронро дастгирӣ кунад ва масъулияти онҳоро дарк намояд.

в. 1 Петрус 4:10-ро аз ёд кунад.

## ДАР ОҒОЗИ ВОХӮРӢ

***БО ДУО САР КУНЕД***

***СУПОРИШИ АМАЛИИ ҲАФТАИ ГУЗАШТА:***

- Гӯед: «Супориши амалии дарси гузашта аз он иборат буд, ки таъсири сеҳру ҷоду ва ё шахси “пок” дар ҳаёти шумо тафтиш карда шавад. Оё ин супоришро иҷро кардед?»
- «Агар то ҳол шумо оиди ин хавотирӣ доред, лутфан, баъд аз вохӯрӣ ба ман муроҷиат кунед. Хушҳол мешавам, агар дар алоҳидагӣ ин масъаларо бо шумо муҳокима кунам»

***МАВЗӮИ ИМРӮЗА***

- Гӯед: «Худо ба шумо истеъдодҳо ва қобилиятҳои гуногунро ато кардааст. Имрӯз мо мефаҳмем, ки чӣ тавр ин истеъдодҳоро барои хидмати якдигар истифода бурда метавонем».

***ҶАВОБҲО БА САВОЛҲОИ ХУЛОСАВИИ ДАРС***

- Гӯед: «Биёед Хулосаи дарси 19-ро мекушоем. Ба саволҳои зерин шумо чӣ гуна ҷавоб додед?
  *Саволи 1*: а) гуногун; б) ҳар як; в) ҳамчун муваккалони неки Худо
  *Вопрос 2:* «Ба якдигар, ҳар яке аз рӯи бахшоише, ки ёфтед, ҳамчун мувaккалони неки файзи Худо хизмат кунед» (1 Петрус 4:10).

## А) ХИДМАТ БА ЯКДИГАР *(Муқаддима ва саволҳои 1-3)*

Ба расм **нигоҳ кунед** ва фаҳмонед, ки Исо барои шогирдони наздиктарини худ шаби пеш аз ба салиб рафтанаш чӣ кор кард.

Юҳанно 13:3-5,12-17-ро **хонед**.

Оҳиста бо фосила **гӯед**:

- «Ба пойҳое, ки дар ин расм нишон дода шудаанд, нигоҳ кунед. тасаввур кунед, ки ин пойҳои шумо мебошанд»
- «Ба дастҳое, ки дар ин расм нишон дода шудаанд, нигоҳ кунед. Тасаввур кунед, ки ин дастҳои Масеҳ мебошанд»
- «Масеҳ пойҳои шуморо мешӯяд!»
- «Чӣ гуна ҳиссиётҳо дар ин вақт пайдо мешаванд? Дар бораи ин бо Худованди худ дарунакӣ сӯҳбат кунед»

**Пурсед**:

- «Вақте бар бораи ин фикр кардед, ки Исои Масеҳ пойҳои шуморо мешӯяд, чиро эҳсос кардед?» *[Якҷоя муҳокима кунед.]*

### Масъалаи фарҳангӣ: *Шустани пойҳо*

Дар бисёр маданиятҳо, ба монанди он замоне, ки Исо дар замин зиндагӣ мекард, пойҳо хеле чиркин дониста мешаванд. «Тагчарми пояфзолро нишон додан» ё пояфзолро сӯи одам партофтан дараҷаи олии таҳқир кардани одам фаҳмида мешавад. Шустани пойҳо дар ин ҳолат намунаи амиқи мисоли фурӯтании Исо ҳисоб меёбад.

## Саволи 2

Саволро пурра **хонед**.

**Пурсед**:

- «Оё дар фарҳанги мо роҳбарон ба пайравони худ бо чунин тарз хидмат мекунанд?» *[Не, дар фарҳанги он халқҳое, ки роҳбарон аз дигарон нисбат ба худ эҳтиром талаб мекунанд, ин қариб тамоман мушоҳида намегардад.]*
- «Аммо роҳбари бузургтарини мо Исо сари худро хам намуда, пойҳои шогирдони худро шустааст. Акнун мо бояд чӣ кор кунем?» *[Порчаеро, ки дар даруни чорчӯба оварда шудааст, хонед. Дар он ҷо гуфта шудааст: «Ман ба шумо намунае нишон додам, то чунон ки ман ба шумо кардам, шумо низ бикунед. Пас, мо ҳам бояд зону зада, пойҳои якдигарро шӯем, ба якдигар хидмат кунем.]*
- «Агар роҳбарон ба мисли Масеҳ хидмат намоянд, оё онҳо обрӯи худро гум мекунанд?» *[Албатта не, вале мо инро баъдтар ҳангоми ин дарс муҳокима мекунем.]*

---

## Б) ХИДМАТ БО БАХШОИШҲО *(саволҳои 4-18)*

## Саволи 4

Петрус 4:10-11-ро **хонед** .

Оятеро, ки барои аз ёд кардан дода шудааст, **машқ кунед**: «Ба якдигар, ҳар яке аз рӯи бахшоише, ки ёфтаед, ҳамчун муваккалони неки файзи гуногуни Худо, хизмат кунед» (1 Петрус 4:10).

**Пурсед**:

- «Мутобиқ ба ояти даҳум, оё ҳар яки мо бахшоишҳо дорем?» *[Бале. Дар ин ҷо «ҳар яке» гуфта шудааст.]*
- «Бо бахшоишҳои худ мо бояд чӣ кор кунем?» *[Бояд барои хидмати якдигар истифода барем, ояти 10.]*
- «Аз ҳамаи бахшоишҳое, ки дар Каломи Худо зикр гардидаанд, кадом ду намуди онҳо дар ояти 11 баён карда шудаанд?» *[«Мавъиза» ва «хидматгузорӣ».]*
- «Мувофиқи ояти 11 «касе, ки мавъиза мекунад» кадом масъулиятро бояд ба ӯҳда гирад?» *[Вай «Ин корро ҳамчун гӯяндаи суханони Худо иҷро кунад». Вай ба ин масъулият бояд ҷиддӣ муносибат кунад ва хуб машғул шавад.]*
- «Мувофиқи ояти 11 «касе, ки хидмат мекунад» чӣ тавр бояд ба ин кор машғул шавад?» *[«Бо қуввати Худо». Вай бояд ба ин масъулият ҷиддӣ муносибат кунад ва хуб ба ҷо орад .]*
- «Мувофиқи қисми охирини ояти 11, бо кадом мақсад мо бояд бахшоишҳои худро истифода барем: Барои ҷалоли худ ё барои ҷалол додани Худо?» *[Барои ҷалол додани Худо, «Бигзор дар ҳама чиз Худо ҷалол ёбад».]*
- «Биёед қисми охирини ояти 11-ро бо овози баланд мехонем». *[Якҷоя: «Бигзор ҷалол ва қудрат то абад аз они Ӯ бод, омин.»]*

---

## Саволи 9 (Шахсони гуногун бахшоишҳои гуногун доранд)

Нақли дохили чорчӯба ва сархати баъд аз он навишташударо **хонед**.

**Пурсед**:

- «Шумо дар ин ҷо чӣ навиштед?» *[Якоя муҳокима кунед. Ҳар яки мо дорои ҷиҳатҳои пурқувват ва суст мебошем. Мо як андозае «нобино» ё «ланг» ҳастем. Ҳеҷ яке аз мо худ аз худ комил ва пурра нест. Аммо ҷиҳатҳои сусти ман ҷиҳатҳои пурқуввати шумо шуда метавонад. Бинобар ин мо дар ҷамоатҳои маҳаллии худ ба якдигар эҳтиёҷ дорем. Мо бояд ҷиҳатҳои пурқуввати якдигарро қадр кунем ва ҷиҳатҳои сусти якдигарро таҳаммул намоем.]*

---

## Саволи 11 (Ҳар яки мо бахшоиш дорем)

Ба расмҳо **нигоҳ кунед**.

**Пурсед**:

- «Худо ба Фирӯза кадом бахшоиши хидматгузориро ато кардааст?» *[Бахшоиши рӯҳбаланд кардани дигарон.]*
- «Чӣ тавр Лайло ба Фирӯза ёрдам кард?» *[Аз чӣ иборат будани бахшоиши вайро фаҳмонда дод.]*

---

## Саволи 13

Саволи 13-ро пурра **хонед**.

**Пурсед**:

- «Чӣ фикр доред, кадом намудҳои гуногуни хидматгузорӣ барои мустаҳкам кардани ҷамоати маҳаллии имондорон мусоидат карда метавонад?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Намудҳои гуногун мавҷуд мебошанд, масалан, таълим додани Каломи Худо ба калонсолон ва бачагон, бурдани парастиш, дуо, дуо барои беморон, маслиҳатдиҳӣ ба одамон, тайёр кардани чой ва бисёр хидматҳои дигар ….]*
- «Мо чӣ тавр фаҳмида метавонем, ки дорои кадом бахшоишҳо ҳастем?» *[Дар ин бора ин ҷо дар саволи 13 гуфта шудааст. Ба поёнтар нигоҳ кунед.*
    - *<u>Аввалан</u>, аз рӯи имконият, мо бояд барои иҷро кардани намудҳои муайяни хидматгузорӣ кӯшиш кунем. .*
    - *<u>Сипас,</u> ба худ се савол диҳем:*
      *- Оё дигар имондорон чунин меҳисобанд, ки ман ин корро хуб иҷро карда метавонам?*
      *- Оё ман натиҷаи мусбии ин корро мебинам?*
      *- Оё иҷро кардани ин кор ба ман писанд аст?*
    - *<u>Баъд аз ин</u>, агар ҷавоби ҳар се савол мусбат аст, пас мо барои иҷрои намуди аниқи хидматгузорӣ дорои бахшоиш мебошем. Вале мо онро ҳамон вақт истифода мебарем, ки дигарон онро талаб кунанд.]*

---

## Саволи 15 (Мо бояд бахшоишҳои худро бо фурӯтанӣ истифода барем)

Саволи 15-ро пурра **хонед** .

**Пурсед**:

- «Бо кадом сабабҳо, ба фикри шумо, Самад роҳбар шуда <u>метавонад</u>?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Мо бисёр бахшоишҳои роҳбарӣ дорем.]*
- «Бо кадом сабабҳо, ба фикри шумо, Самад роҳбар шуда наметавонад?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Мушкилии асосии вай – ғурур.]*
- «Яъне барои «тарафдор» ва «зид» сабабҳо мавҷуд мебошанд. Гурӯҳи имондорон бояд чӣ гуна қарор қабул кунанд?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Ҷавоби ягонаи «дуруст» мавҷуд намебошад, дар ин ҷо мо фикрҳои худро баён мекунем.*
    - *Шояд имондори нисбатан ботаҷриба бо Самад дар бораи ғурури ӯ сӯҳбат кунад. .*
    - *Ҳамчунин онҳо барои санҷидан иҷрои масъулиятҳои камаҳамияттарро ба ӯ пешниҳод карда метавонанд. Ӯ бояд дар зери назорати имондори нисбатан ботаҷриба баҳри иҷрои ин вазифа машғул шавад.*
    - *Агар ин корро бо фурӯтанӣ хуб иҷро кунад, пас ба ӯ масъулияти бештарро бо боварӣ супоридан мумкин аст. Вале агар мағрур буданро давом диҳад, пас ӯ бояд барои вақти бештар интизор шавад.*
    - *Дар охир ҷамоат набояд ӯро ҳамчун роҳбари ягона интихоб кунад. Ҳамеша ду ва ё зиёдтар роҳбаронро, ки ҳамчун як даста кор карда метавонанд, барои хидмат таъин кардан лозим аст.]*

---

## Саволи 17

Саволи 17-ро пурра **хонед**.

**Пурсед**:

- «Дар назари Худо кӣ муҳимтар аст – мавъизакунанда ё касе, ки хӯрок тайёр мекунад?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Ба фикри мо, ҳар ду баробар аҳамиятноканд. Шахсонеро, ки ба мо хидмат мекунанд, таҳсин кардан лозим аст. Мо бояд ба касе, ки мавъиза мекунад ва ба касе, ки хӯрок тайёр мекунад, баробар изҳори сипос кунем.]*

## В) Хидматгузорӣ ба ҳайси роҳбар *(Саволи 19 -25)*

### Масъалаи фарҳангӣ: *Мушкилоти роҳбарӣ*

Парокандагӣ, мутаассифона, дар ҳамаи ҷамоатҳои имондорони олам падидаи муқаррарӣ мебошад. Дар бисёр кишварҳо барои имондорон дар танҳоӣ пайравӣ кардани Масеҳ мушкил аст, ба замми он барои онҳо ҳамчун гурӯҳ дар як ҷо ҷамъ шудан хеле душвор аст, боз аз ҳама мушкилтар он аст, ки дар зери роҳнамоии як роҳбари ботаҷриба дар ягонагӣ боқӣ монанд. Ба таври хуб роҳбарӣ кардани ҷамоат мавзӯи махсусан муҳим ба шумор меравад!

Курси «Маро пайравӣ кун» барои имондорони нав таъин карда шудааст, бинобар ин дар он мавзӯи роҳбарӣ ба таври оддитар баррасӣ карда мешавад. Вале дар бораи ин мавзӯъ, вақте ки хонандагон комилтар мегарданд, шумо муфассал маълумот дода метавонед.

## Саволи 21

Саволи 21-ро пурра **хонед**.

**Пурсед**:

- «Шумо дар ин ҷо кадом ҷавобҳоро қайд кардед?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Ба фикри мо а), б) ва д) ҷавобҳои дуруст мебошанд.]*
- «Пас, дар ҷамоати Масеҳ роҳбари хуб бояд кадом сифатҳоро доро бошад?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Роҳбари хуб бояд софдил бошад, аз манфиати шахсии худ дида, бештар дар бораи некӯаҳволии одамон ғамхорӣ зоҳир кунад, ҳамчунин ба онҳо фидокорона хидмат кунад.]*

---

## Саволи 22

1 Петрус 5:1-4-ро **хонед**.

**Пурсед**:

- «Оятҳои 2-3 се тазоди байни роҳбарони имондору беимонро нишон медиҳанд. Ин чӣ гуна тазодҳо мебошанд?»
  *[1. «на ба таври маҷбурӣ, балки ба таври ихтиёрӣ, чунон ки мақбули Худост»;*
  *2. «на аз барои тамаи нангин, балки аз сидқи дил»;*
  *3. «На ҳамчун касоне ки бар мероси Худо ҳукмронӣ мекунанд, балки ба рама намунаи ибрат нишон диҳед».*
- «Роҳбарони дунявӣ бахри нафъи кӣ кор мекунанд?» *[Барои манфиати шахсӣ ва оилаи худ]*
- «Роҳбароне, ки мисли Масеҳ мебошанд, баҳри нафъи кӣ кор мекунанд?» *[Барои нафъи имондорон, ки оилаи рӯҳонии онҳо мебошанд.]*
- «Дар мисоли Масеҳ, чӯпони нек будан осон аст ё душвор?» *[Хеле душвор. Бинобар ин мо бояд роҳбарони худро, ки ба хотири мо ба ин кори душвор машғул мебошанд, дастгирӣ кунем.]*

- «Чӣ тавр имондорони маҳаллӣ ба роҳбарон дар иҷрои ин вазифаи душвор ёрӣ расонда метавонанд?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Ба фикри мо онҳо бояд дар ҳаққи роҳбарони худ дуо гӯянд, онҳоро эҳтиром намоянд, ва ба онҳо сипосгузор бошанд. Имондорон набояд ғоибона дар ҳаққи роҳбарони худ шикоят кунанд. Агар онҳо ягон шикоят ё пешниҳод дошта бошанд, шахсан ба назди роҳбари худ омада, бо эҳтиром оиди он сӯҳбат кунанд.]*

---

## Саволи 25

Сархати дуюми саволи 25 –ро **хонед**.

**Пурсед**:

- «Шумо дар бораи ин чӣ фикр доред? Оё ин корро кардан мумкин аст?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Ба фикри мо, ин корро кардан мумкин аст. Роҳбари хидматгузор ба ҳар ҳол роҳбар мебошад. Вай қудрати роҳбарӣ кардан дорад ва мо бояд ӯро ҳурмат кунем. Эҳтироми ӯ на аз сабаби тарс, балки аз муҳаббат бармеояд. Роҳбар фидокорона ба нафъи онҳо хизмат мекунад. Одамон инро медонанд ва бинобар ин ӯро пайравӣ мекунанд.]*

Лавҳачаи муаллимро дар охири саволи 25 **хонед**.

---

## ДАР АНҶОМИ ВОХӮРӢ

***ПУРСЕД:***

- «Ин дарс ба ҳаёти шумо чӣ гуна дигаргуниҳо меорад?»
  *[Ҳар як хонанда ва шумо бояд фикри худро баён кунед.]*

Супориши Амалии дарси19 –ро ***ХОНЕД***

***ГӮЕД:***

- «Барои иҷро кардани супориши амалии ин ҳафта ба шумо дӯсте лозим аст, ки оиди ин аз ӯ пурсида метавонед. Дӯсте, ки шуморо хуб мешиносад. Оё шумо чунин шахсро доред?»

- Тайёр кардани Дарси 20 –ро аз хотир набаронед..

***БО ДУО БА АНҶОМ РАСОНЕД***

- Боз ба расме, ки дар аввали дарс нишон дода шудааст, нигоҳ кунед.
- Боз дар бораи Масеҳ, ки пои шуморо мешӯяд, фикр кунед. Аз Ӯ хоҳиш кунед, ки ба шумо бахри хизмати дигарон, чуноне ки Ӯ худ хизмат кардааст, кӯмак кунад.

## Дастурамал барои дарси 20 **Сафари мо ба осмон**

### МАҚСАДИ ДАРС 20

Ҳар як хонанда бояд:

а. Боварӣ дошта бошад, ки ба биҳишт (осмон) меравад ва муштоқона интизори он бошад.

б. Баҳри рафъи ҳамлаҳои шайтонӣ ҳушёр бошад ва ба вай муқобилият кунад.

в. 1 Петрус 5:10-11 –ро аз ёд кунад .

### ДАР ОҒОЗИ ВОХӮРӢ

***БО ДУО САР КУНЕД***

***СУПОРИШИ АМАЛИИ ДАРСИ ГУЗАШТА***

- Гӯед: «Супориши амалии дарси гузашта аз он иборат буд, ки дорои кадом бахшоиш будани худро аз дӯсти худ фаҳмида гирем. Ӯ ба шумо чӣ гуфт?» *[Ҳар як хонанда бояд фикри худро баён кунад.]*

***МАВЗӮИ ИМРӮЗА:***

- Гӯед: «Дар давоми тамоми умри худ мо ҷониби осмон (биҳишт) сафар мекунем. Мо ҷониби манзили мақсуди пурҷалол сафар дорем, аммо дар роҳ мо бо душмани худ – шайтон бояд ҷанг кунем. Мо имрӯз дар бораи ин зиёрати рӯҳонӣ сӯҳбат мекунем».

***ҶАВОБҲО БА САВОЛҲОИ ХУЛОСАВИИ ДАРС***

- Якҷоя Хулосаи дарси 20 –ро кушоед ва боварӣ ҳосил кунед, ки хонандагон ба саволҳо чӣ гуна ҷавоб додаанд:
- Саволи 4 –ро аз Хулосаи Дарс дар ин вохӯрӣ дертар муҳокима мекунем.
- Ҷавобҳои дуруст:
  *Саволи 1:* а) Ерусалим; б) осмон
  *Саволи 2:* а) мо; б) Масеҳ
  *Саволи 3:* Оят барои аз ёд кардан: «Ва Худои ҳар файз, ки моро ба ҷалоли абадии Худ дар Исои Масеҳ даъват намудааст, баъд аз уқубати кӯтоҳмуддати шумо, шуморо комил, устувор, қавӣ ва матин хоҳад кард. Ӯро ҷалол ва салтанат то абад бод. Омин!» (1 Петрус 5:10-11)
  *Саволи 4:* Ҷавобҳои худ. Ба гурӯҳ гӯед: «Агар ягон нафаре аз шумо то ҳол боварӣ надорад, ки Худо ӯро ба осмон роҳ медиҳад, пас лутфан баъд аз вохӯрӣ бо ман сӯҳбат кунед. Мо, пеш аз ба осмон рафтан, баъд аз марг шиканҷа дода намешавем!» *[Агар ягон кас то ҳол шубҳа дошта бошад, пас бо ӯ вохӯред ва порчаи Луко 23:39-43 –ро, ки Исо дар он ҳатто ба ҷинояткор ваъда карда, гуфтааст: «Ба ростӣ ба ту мегӯям: ту имрӯз бо Ман дар биҳишт хоҳӣ буд!», нишон диҳед.]*

## Масъалаи фарҳангӣ: *Зиёрат ва осмон*

Барои бисёр одамон зиёрат кардани ягон шаҳри махсус, мувофиқи имконот, ҳадди ақал як бор дар умр қарзи динӣ мебошад. Танҳо як қисми одамон барои зиёрат рафта метавонанд, ва ин афзалият ҳисоб меёбад. Дар ин курс дар бораи «рукнҳо», ки дар як дин ба тарзи дигар таълим дода мешавад, ишораҳо ҳастанд, вале дар баробари ин мо ба он диққати махсус зоҳир намекунем, чунки баъзе имондорон афзал медонанд, ки аз консепсияҳои пештара пурра даст кашанд.

Дар ин курс ҳаёти пайрави Масеҳ ҳамчун зиёрат ба осмон маънидод карда мешавад (ин монандкунӣ дар китоби машҳури *Роҳи зиёраткунанда* низ *(ё Саёҳати Пилигрим)* мавҷуд мебошад. Дар як дин биҳишт ҳамчун макони пур аз лаззатҳо тасвир карда шудааст. Дар дарси 20 мо мефаҳмем, ки шодии бузург аз он иборат аст, ки мо ҷовидон бо Худо хоҳем буд ва дар ҳузури Ӯ лаззат хоҳем бурд.

## А) ЗИЁРАТИ РӮҲОНИИ МО *(Саволҳои 1-5)*

### Саволи 2

Саволи 2-ро пурра **хонед**

**Пурсед**:

- «Имрӯзҳо арабҳо ва ибриён Ерусалимро идора кардан мехоҳанд. Пайравони Масеҳ киро бояд тарафдорӣ кунанд?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Ҳар як имондор дар ин бора фикри худро дорад. Тарафдори касе нашуда, мо дар ин ҷо нуктаи назари худро пешниҳод мекунем:*
    - *1. Пайравони Масеҳ бояд ҳамеша тарафдори адолат бошанд ва амалҳои ҳам арабҳо ва ҳам ибриҳоро мувофиқ ба он баҳо диҳанд.*
    - *2. Ҳамчунин Масеҳ самти дуои моро (қибла) дигар кард ва Ерусалим маркази имони мо намебошад.*
    - *3. Ҳамчунин дар ёд дошта бошед, ки баъзе арабҳо ва ибриён Масеҳро пайравӣ мекунанд. Одамони Масеҳ, новобаста аз миллаташон, хоҳар ва бародарони рӯҳонии якдигар мебошанд.]*

## Масъалаи фарҳангӣ: *Ерусалим ва Сионизм*

Ин мавзӯъ барои муҳокимаронӣ бо намояндагони дини дигар хеле баҳснок аст, ва имондорони ҷавон бисёр вақт оиди ин дар мушкилӣ мемонанд. Шояд онҳо дар рӯҳияи бадбинӣ нисбат ба ибриён ва зиддияти сахт ба сионизм тарбия ёфта бошанд. Вале пайрави Масеҳ гардида, акнун ба онҳо лозим мешавад, ки бо фаҳмиши аҳди Худо бо ибриён дар замони Аҳди Қадим, ва ҳамчунин бо порчаҳое, ки дар он Сион ҷашн гирифта мешавад, рӯ ба рӯ гарданд. Ғайр аз ин онҳо бо таснифоти мухталифи имондорон оиди нубувватҳо дар бораи ибриён, ва ҳамчунин бо баъзе имондорон, ки амалиёти давлати Исроилро пурра дастгирӣ мекунанд ва ҳатто арабҳоро душмани худ меҳисобанд, рӯ ба рӯ мешаванд. Вале ба ҳар ҳол агар имондорони ҷавон тарафдори сиёсати давлати Исроил гарданд, хешовандон гумон мекунанд, ки онҳо хиёнаткор шудаанд.

Ҳамаи ин ба ҷанҷолҳо ва дарду ғам оварда мерасонанд. Онҳо чӣ тавр ҳама ин чизро дар ақлу ҳуши худ ҷой карда метавонанд. Ин дарс танҳо ба таври сатҳӣ ин мавзӯро маънидод мекунад, ва шуморо зарур нест, ки ба ҷузъиётҳои он дода шавед, вале нозук будани ин мавзӯъро донистани шумо бефоида нест.

## Саволи 4

Саволи 4 ва сархати «Таваққуф кунед ва андеша намоед» -ро **хонед**

**Пурсед**:

- «Шумо дар бораи ин фикр кардед ва ба кадом қарор омадед?» *[Ҷавобҳои шахсӣ.]*

---

## Б) МУҚОБИЛИЯТ БА ШАЙТОН *(Саволҳои 6-16)*

## Саволи 6

1 Петрус 5:6-9 –ро **хонед**.

**Пурсед**:

- «Мувофиқи ояти ҳаштум, ки монанди шер аст?» *[Иблис.]*
- «Оё мо ба вай муқобилат карда метавонем, ояти 9?» *[Бале, агар мо «имони мустаҳкам» дошта бошем.]*

---

## Саволи 7

Саволи 7-ро пурра **хонед** .

**Пурсед**:

- «Аз рӯи таҷрибаи шумо, чӣ пайравони Масеҳро суст мегардонад?» *[Муҳокима кунед. Масалан, агар онҳо дуо ва хондани Каломи Худоро бас кунанд ё вақте ки онҳо муддати дароз пайрави Масеҳ будани худро аз дигарон пинҳон кунанд, суст мешванд.]*
- «Аз рӯи таҷрибаи шумо, пайравони Масеҳро чӣ фориғбол месозад?» *[Муҳокима кунед. масалан, ин ҳамон вақт рӯй медиҳад, ки агар онҳо аз васвасаи шайтон бехабар монанд. Он гоҳ онҳо зуд гуноҳ мекунанд, масалан, ба ҳавобаландӣ, хашм ва шаҳват дода мешаванд.]*
- «Аз рӯи таҷрибаи шумо, кӣ пайравони Масеҳро аз рама ҷудо мекунад?» *[Муҳокима кунед. Масалан, вақте ки онҳо дар сӯҳбати имондорон иштирок накунанд, ё бо шахси беимон оиладор шаванд.]*

---

## Саволи 11

Сархати аввалро **хонед**.

**Гӯед**:

- «Баъзан азобҳои мо он қадар бузург менамоянд, ки фикр мекунем, дигар тоқат карда наметавонем! Вале ба ваъдаи бузурге, ки дар Каломи Худо навишта шудааст, диққат диҳед: «Ва Ӯ намегузорад, ки шумо берун аз қуввати худ озмуда шавед, балки дар баробари озмоиш сабукӣ ҳам медиҳад, то ки тоб оварда тавонед» (1 Қӯринтиён 10:13).

**Пурсед**:

- «Оё шумо воқеаеро баён карда метавонед, ки он вақт фикр карда будед, ки дигар тоб оварда наметавонед? Чӣ тавр Худо ба шумо қувват дод, то ки ба азоб тоб биёред?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Аз хотир набароред, Худо на ҳама вақт моро аз азобҳо ҳифз мекунад, Ӯ баъзан дар азобҳоямон моро муҳофизат мекунад. Ӯ азобҳоро барои фоидаи мо, барои пок кардани тиллои имони мо истифода мебарад. Ва ҳамчунин дар ин оташ Ӯ бо мо меистад.]*

---

## Саволи 12

Ба расмҳои саволи 12 **нигоҳ кунед**.

**Пурсед**:

- «Ба кадом ду нафар имондорон ба воситаи мушкилиҳои беруна ҳамла карда шуданд?» *[Лола дар расми б) ва Рустам дар расми г).]*
- «Ба кадом ду нафар имондорон ба воситаи васвасаи дарунӣ ҳамла карда шуданд?» *[Бахтиёр дар расми а) ва Зӯҳро дар расми в).]*
- «Он давраеро баён кунед, ки шайтон шуморо бо воситаи васвасаҳои дарунӣ ва берунӣ ҳамла карда буд. Чӣ воқеа рӯй дода буд? Ба воситаи он чиро ёд гирифтед?» *[Ҷавобҳои шахсӣ. Ин вақти муҳими сӯҳбат мебошад.]*

---

## Саволҳои 15-16

Ба расми саволи15 **нигоҳ кунед**.

Саволи 16 –ро  пурра **хонед**.

**Пурсед**:

- «Ҳар дафъае, ки ман ба дуроҳаи расми 15 меоям, чӣ гуна қарор қабул мекунам?» *[Ман қарор қабул карда метавонам, ки бо роҳи шайтон равам ё бо роҳи Худо.]*
- «Иблис моро ба васваса меандозад, ки бо роҳи ӯ равем. Кӣ бояд барои мубориза бурдан бар зидди васваса қарор қабул кунад – мо ё Масеҳ?» *[Мо бояд қарор қабул кунем. Агар мо бо роҳи шайтон равем, ин айби мост, на айби Масеҳ.]*
- «Кӣ бояд барои Бахтиёр қарор қабул кунад? - саволи 12 а) аз порнография рӯй гардондан» *[Худи Ӯ.]*
- «Агар ӯ чунин қарор қабуд кунад, ба вай барои аз порнография озод шудан кӣ қувват медиҳад?» *[Масеҳ.]*
- «Кӣ бояд барои Зӯҳро қарор қабул кунад? – расми в) ба нақша гирифтани қасосро бас кардан» *[Худи вай.]*
- «Агар ӯ чунин қарор қабул кунад, кӣ ба вай қувват медиҳад?» *[Масеҳ.]*

**Гӯед**:

- «Вақте ки иблис моро меозмояд, мо ба вай муқобилият карда метавонем, агар чунин қарор қабул кунем. Дар 1 Юҳанно 4:4 навишта шудааст: «Ӯ, ки дар шумост, аз он ки дар ҷаҳон аст, бузургтар аст». Масеҳ дар мост, ва Ӯ аз шайтон пурқувваттар аст!»

---

## В) МАНЗИЛИ МАҚСУДИ МО ДАР ОСМОН АСТ *(Саволҳои 17-22)*

### Саволи 17

Якҷоя баробар ояти барои аз ёд кардан додашударо (1 Петрус 5:10-11), ки дар чорчӯба омадааст, **хонед.**

Онро то аз ёд кардани ҳар як нафар **машқ кунед**.

---

### Саволи 19

Саволи 19 –ро пурра **хонед**.

**Пурсед**:

- «Чӣ тавр мо бовар карда метавонем, ки Худо моро ба биҳишт қабул мекунад?» *[Худи Исо моро аз пул ба биҳишт мегузаронад. Мо бояд ба Ӯ бовар кунем, ва Ӯ моро аз афтидан нигоҳ медорад!]*

---

### Саволи 21

Саргузашти Амирро **хонед**.

**Пурсед**:

- «Чӣ қадар сахт шумо дар осмон будан мехоҳед: камтар ё хеле сахт?» *[Якҷоя муҳокима кунед. Шояд, дар замин мо хушбахтона ва шодон машғули хидмати Худо ҳастем, ва ин хуб аст. Вале мо бояд ҳамеша ба манзили мақсуд – осмон нигоҳ кунем, ба он ҷо рӯз аз рӯз наздик шуда, мисли Амир беш аз беш роғиби он ҷо бошем!]*

---

### Саволи 22

Саволи 22 –ро пурра **хонед** .

**Пурсед**:

- «Кадом суханон дар ин порча ба шумо бештар писанд омад» *[Ҷавобҳои шахсӣ. Аз ҳар як хонанда ҷавоб талаб кунед, шумо низ бояд ба ин савол ҷавоб диҳед.]*

**Гӯед**:

- «Чӣ гуна зебост ваъдае, ки дар ин порча омадааст! Ман онро, ба ҷои калимаи «онҳо» калимаи «мо» -ро монда, мехонам …..

> «Инак, хаймаи Худо бо одамон, ва Ӯ бо мо сокин хоҳад шуд; мо қавми Ӯ хоҳем буд ва Ӯ бо мо хоҳад буд ва Худои мо хоҳад буд. Ва Худо ҳар ашкро аз чашмони мо пок хоҳад кард; ва мамот дигар нахоҳад буд; ва гиря ва фиғон ва дард дигар нахоҳад буд... Ва ҳеҷ лаънатшудае дигар нахоҳад буд; ва тахти Худо ва Барра дар вай хоҳад буд. Ва мо рӯи Ӯро хоҳем дид... Ва то абад салтанат хоҳем ронд»

- «Акнун ба расми  бача, ки дар саҳифаи навбатӣ омадааст, нигоҳ кунед. Тасаввур кунед, ки дар осмон Худо ҳар ашкро аз чашмони мо пок мекунад!»

---

## Супориши Амалӣ

Нишондодро барои Супориши Амалӣ **хонед**.

**Гӯед**:

- «Барои ин Супориши Амалӣ ҳар рӯз дар ин ҳафта як ҷумлагӣ хонед. Дар вақти дуо дар бораи он чуқур фикр кунед. Чуноне ки кӯдак қандро дар даҳонаш макида нигоҳ медорад, шумо онро дар хотир нигоҳ доред, ва муддати дуру дароз аз мазаи он лаззат баред»

---

## ДАР АНҶОМИ ВОХӮРӢ

***ГӮЕД:***

- «Инак, мо омӯзиши курсро хатм кардем! Ман умедворам, ки он ба шумо маъқул шуд. Дар ёд дошта бошед, агар ин курс дар майнаи шумо ҳамчун дониш боқӣ монад, фоидаи кам ба даст меоред. Вале агар онро дар ҳаёти рӯзмарраи худ истифода баред, фоидаи калон ба даст меоред!»
- (агар хоҳед) «Барои ҷашн гирифтани хатми курс ҳафтаи оянда мо якҷоя хӯроки нисфирӯзӣ мехурем ва вақти шукргузорӣ ба Худо мегузаронем. Ҳар яке аз мо бо тайёрӣ меояд ва дар бораи он ки Худо дар давоми ин курс чӣ кор кардааст, фикри худро баён мекунад.» *[Ин пешниҳодро муҳокима кунед. Ин усули беҳтарини хатм кардани курс мебошад, ва мо умедворем, ки хонандагон бо ин пешниҳод розӣ мешаванд. Агар барои хӯрокхӯрӣ ҷамъ нашавем ҳам, барои шаҳодат додан ва ҷалол додани Худо ҷамъ шуда метавонем. Шумо ҳамчунин метавонед маросими ноншиканиро, чуноне ки дар дарси 16 омадааст, гузаронед.]*

***БО ДУО БА АНҶОМ РАСОНЕД***

- Ҳамаи иштирокчиён бояд 1 Петрус 5:8-11 –ро кушоянд. Иштирокчиёни гуногун бояд дар асоси қисмҳои гуногуни ин порча дуо кунанд. Барои бародарони имондор, ки «дар сар то сари ҷаҳон уқубат мекашанд», дуо кунед (ояти 9)

# Замима: Оятҳои барои аз ёд кардан додашуда, ки дар ин курс истифода бурда шудааст

| | | | |
|---|---|---|---|
| Урок 1 | ***Матто 11:28*** «Назди Ман оед, эй ҳамаи заҳматкашон ва гаронборон, ва Ман ба шумо оромӣ хоҳам бахшид» | Урок 11 | ***Ҳастӣ 2:24*** «Аз ин сабаб мард падару модари худро тарк карда, ба зани худ хоҳад пайваст; ва як тан хоҳанд шуд» |
| Урок 2 | ***2 Қӯринтиён 5:17*** «Пас, касе, ки дар Масеҳ аст, махлуқи навест; чизҳои қадима гузаштааст, ва инак ҳама чиз нав шудааст!» | Урок 12 | ***1 Петрус 3:11*** «Аз бадӣ дур шавад ва некӣ кунад» |
| Урок 3 | ***1 Юҳанно 3:1*** «Бубинед, ки Падар ба мо чӣ гуна муҳаббат ато намудааст, то ки мо фарзандони Худо номида шавем!» | Урок 13 | ***1 Петрус 3:18*** «Чунки Масеҳ низ, барои он ки моро сӯи Худо оварад, як бор барои гуноҳҳои мо уқубат кашид, яъне одил барои золимон ба ҳасби ҷисм кушта шуд» |
| Урок 4 | ***1 Петрус 1:15*** «Балки, чунон ки даъваткунандаи шумо муқаддас аст, худатон низ дар тамоми рафторатон муқаддас бошед» | Урок 14 | ***Матто 28:19*** «Пас, биравед ва ҳамаи халқҳоро шогирд созед ва онҳоро ба исми Писар, Падар ва Рӯҳулқудс таъмид диҳед» |
| Урок 5 | ***Дуои «Эй Падари Осмонии мо»*** «Эй, Падари Осмонии мо, исми Ту муқаддас бод!»... ва ғ. | Урок 15 | ***1Қӯринтиён 6:19-20*** «Шумо аз они худатон нестед, чунки шумо бо нархи гарон харида шудаед. Пас, дар ҷисмҳои худ ва дар ҷонҳои худ Худоро ҳамду сано кунед, ки онҳо ба Худо таалуқ доранд» |
| Урок 6 | ***Дуои «Эй Падари Осмонии мо»*** «Эй, Падари Осмонии мо, исми Ту муқаддас бод!»... ва ғ. | Урок 16 | ***Марқӯс 12:30-31*** «Худованд Худои худро бо тамоми дили ту ва бо тамоми ҷони ту ва бо тамоми ҳуши ту ва бо тамоми қуввати ту дӯст бидор... Ёри худро мисли худ дӯст бидор» |
| Урок 7 | ***1 Петрус 2:9*** «Лекин шумо насли баргузида, каҳонати шоҳона, халқи муқаддас, қавме ҳастед, ки мулки азизи Худо дониста шудаед, то аз камолоти Ӯ, ки шуморо аз зулмот ба рӯшноии аҷоиби худ даъват намудааст, нақл кунед» | Урок 17 | ***Марқӯс 12:30-31*** «Худованд Худои худро бо тамоми дили ту ва бо тамоми ҷони ту ва бо тамоми ҳуши ту ва бо тамоми қуввати ту дӯст бидор... Ёри худро мисли худ дӯст бидор» |
| Урок 8 | ***1 Петрус 2:17*** «Ҳамаро ҳурмат кунед, бародариро дӯст доред» | Урок 18 | ***1 Петрус 5:7*** «Ҳамаи ғамҳои худро ба Ӯ вогузор намоед, зеро ки Ӯ ба шумо ғамхорӣ мекунад» |
| Урок 9 | ***1 Петрус 2:21*** «Зеро ки шумо барои ҳамин даъват карда шудаед. Чунки Масеҳ низ барои шумо уқубат кашида, ба шумо намунаи ибрат боқӣ гузошт, то ки аз паи Ӯ равона шавед» | Урок 19 | ***1 Петрус 4:10*** «Ба якдигар, ҳар яке аз рӯи бахшоише, ки ёфтаед, ҳамчун муваккалони неки файзи гуногуни Худо хизмат кунед» |
| Урок 10 | ***Матто 5:44*** «Душманони худро дӯст бидоред ва барои озордиҳандагону таъқибкунандагони худ дуо кунед» | Урок 20 | ***1 Петрус 5:10-11*** «Ва Худои ҳар файз, ки моро ба ҷалоли абадии Худ дар Исои Масеҳ даъват намудааст, баъд аз уқубати кӯтоҳмуддати шумо, шуморо комил, устувор, қавӣ ва матин хоҳад кард. Ӯро ҷалол ва салтанат то абад бод. Омин!» |